Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ТАРБИЯ 11

## АСРОРИ БАХТ ВА МУВАФФАҚИЯТ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои
11-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон
ба нашр тавсия намудааст



Тошканд – 2021

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 373.3.016:17(075.3)
КБК 87.7уа72
Т 27

Тарбия [Матн]: китоби дарсӣ барои синфи 11-ум / Д.Кенҷаев, Н.Исматова, З.Исломов, Д.Раҳимҷонов, Д.Рузиева, З.Замонов, О.Маҳмудов, С.Шермуҳаммедова, С.Аккулова, Н.Холмухаммедова, З.Ҷабборова. – Тошканд: Маркази таълими Республика, 2021. – 128 саҳ.

**Муҳаррири масъул:**
*Дилшод Кенҷаев* – номзади илмҳои таърих
**Муқарризон:**

*Ваҳоб Қўчқоров* – профессори Академияи байналмилалии исломии Ўзбекистон, доктори илмҳои сиёсӣ

*Шерзодхон Маҳмудов* – муовини директори Институти таърихи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон, номзади фанҳои таърих, дотсент

*Отабек Базаров* – сарвари садорати Вазорати таълими Олӣ ва миёнаи махсус, доктори (PhD) роҷеъ ба фанҳои фалсафа

*Лилия Гайнутдинова* – директори Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ ва ташхиси психологӣ- педагогӣ

*Ҳумоюн Рашидов* – ҷонишини сарвари исадорати Вазорати таълими халқӣ

*Шоира Раупова* – омӯзгори МТН “Мактаби миёнаи Зиё-зукко”-и шаҳри Тошканд

*Бобоева Мохим* – омӯзгори мактиаби рақами 22-юми ноҳияи Мирзл Улуғбеки шаҳри Тошканд.

Дар асоси хулосаҳои Маркази Маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Қумитаи оид ба корҳои динии назди Девони Вазирон ва Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон ба нашр тайёр карда шудааст.

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

- **Савол ва супоришҳои вусъатдиҳандаи фаъолият**
- **Андешаронӣ**
- **Фаъолияти эҷодӣ**
- **Барои маълумот**
- **Ганҷинаи андарзҳо**
- **Оё медонед**
- **Фаъолияти мустақилона**
- **Натиҷагирӣ аз дарс**

Макети оригиналӣ ва консепсияи дизайнӣ аз ҷониби маркази таълими Республика коркард шудааст.
Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби Республика чоп шудааст.

ISBN 978-9943-7674-1-6

© Д.Кенҷаев, Н.Исматова ва диг.
© Маркази таълими Республика, 2021

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ДОНИШОМӮЗИ АЗИЗ!

*Шумо ба наздикӣ ба остонаи ҳаёти мустақилона қадам мегузоред. Дар пеш озмоишҳои оддии ҳаёти ҳаррӯза, пасту баландии рӯзгор, роҳҳои аҷоиб ва озмуда нашудаи зиндагӣ Шуморо интизор аст. Зеро дар ин фазои васеи зиндагӣ фазилат ва нуқсонҳо чун неку бад, росту дурӯғ, ҳалолу ҳаром ҳамроҳ мегардад. Онҳо паҳлӯ ба паҳлӯ зиндагӣ мекунанд. Албатта, зиндагӣ бо ҳамин рангину пурасрор аст.*

*Тасаввур кунед, ки шумо бори аввал дар ҳаёти худ ба вазъияти душвор дучор мешавед ва намедонед, ки чӣ тавр онро бартараф кунед. Шумо барои мубориза ба он зӯру қувват нахоҳед ёфт. Пас шумо ба кӣ ё ба чӣ муроҷиат мекунед?*

*Бешубҳа, намунаи шахсии волидайн ва наздикони шумо дар асоси самимият ва покӣ, таълимоти меҳрубонона ва серталабии мураббиёни шумо дар чунин вақт хеле муфид хоҳад буд. Дар давоми ёздаҳ сол тарбияи зебо, дониш ва малакаи аз китоби дарсии «Тарбия» ва фанҳои дигар гирифтаатон ба шумо кӯмак мекунад.*

*Дар китоби дарсӣ мавзӯъҳои ҷолибе аз қабили “Мазмуни ҳаёти озод ва фаровон”, “ Зиндагии бузург бо қадамҳои далерона”, “Маскани ибрат”, “Миссионерӣ - таҳдид баояндаи ҷавонон”, “ Таҳкурсии Ренессанс”, “Ваксинаи ҳалолӣ” супоришҳои эҷодии ба мушоҳидакунӣ даъваткунанда оварда шудааст. Умедворем, ки онҳо дарояндаи шумо ҳамчун ёвари самимӣ ва шахси наздики боваринок ба бе пешпо хӯрдан, баҳудаву беҳуда ва бе фоида парешон нашуда роҳи муносиби зиндагиро пайдо кардан хизмат хоҳанд кард.*

*Бо эҳтиром, гурӯҳи муаллифон, ки Шумо ҷавонони умедбахшро аз асрори хушбахтӣ ва муваффақият огоҳ мекунанд ваояндаи дурахшонро ба вуҷуд меоранд.*

***Гурӯҳи муаллифон***



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# БОБИ I. АРЗИШҲОИ ОИЛАВӢ

## МАВЗӮИ 1: БАРОИ РУШДИ ВАТАН МАСЪУЛ ҲАСТАМ

### Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Масъулият чист?
2. Оё Шумо худро масъулиятнок меҳисобед? Барои чӣ ба чунин хулоса омадед?
3. Саҳми шумо дар рушди Ватанамон чӣ гуна аст? Ба фикри шумо касби ояндаи шумо ба рушди Ватан чӣ қадар таъсир мерасонад?
4. Мафҳумҳои “ҳаёти маънавӣ”, “неъмати моддӣ”, “инсони ҳалол”-ро муқоиса кунед ва ҷиҳатҳои муштараки онҳоро фаҳмонед.
5. Дахлдорӣ чист? Вай дар кадом шароит рух медиҳад?
6. Фарқи байни калимаҳои ӯҳдадорӣ, маҷбурият ва дахлдориро маънидод намоед.
7. Ҳамчун узви фаъоли ҷомеа мо бояд ба чӣ дахлдор бошем? Масъулияти мо аз чиҳо иборат аст?

### Андешаронӣ

Дахлдории инсон – алоқамандӣ ва шарикӣ ба ягон фаъолият, равандро дорад. Чун ҳар як шаҳрванд бо ҳисси дахлдорӣ ба Ватан зиндагӣ кунад, вазифаю масъулияти ӯ дар назди ҷомеа меафзояд. Ҳисси дахлдорӣ одамонро муттаҳид мекунад.

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Рӯйхати ҳисси дахлдорӣ ва масъулиятии байни оила, маҳалла, давлат ва ҷомеаро тартиб диҳед. Онҳоро бо ҳам вобаста кунед.
2. Донишомӯзе бо номи Н. ба дарс бе тайёрӣ омад. Омӯзгор ӯро дар назди синф сарзаниш кард. Н. дар ҷавоб гуфт: “– Шумо ҳақ надоред маро сарзаниш кунед. Ман падару модар дорам. Агар хоҳам, ба дарс иштирок мекунам, нахоҳам не”. Шумо ба ин вазъият чӣ гуна муносибат мекунед? Ин вазъиятро арзёбӣ кунед. Ояндаи шогирдон ба омӯзгор чӣ иртибот дорад?
3. Оё мафҳумҳои арзиш ва дахлдорӣ бо ҳам алоқамананд? Фикри худро асоснок кунед.





UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Фаъолияти эҷодӣ

“Шаҳрвандон вазифадоранд андозҳо ва пардохтҳои маҳаллиро, ки қонун муқаррар кардааст, супоранд”.

*Моддаи 51-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

1. Қоидаи мазкурро дар робита бо мафҳуми дахлдорӣ шарҳ диҳед. Фикри худро бо мисолҳо асоснок кунед.
2. Сари вақт пардохт накардани андоз ба рушди кишвар чӣ гуна таъсир мерасонад?
3. Дар асоси дониши худ аз фанни «Асосҳои иқтисод» ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

– Чаро андоз ситонида мешавад?

– Ҳадафҳои андоз аз чӣ иборатанд?

- Даромадҳои аз андоз пайдошуда бо чӣ мақсад сарфа мегардад?

4. Нақши андозҳо дар рушди давлату ҷомеа, сулҳу амният, ҳифзи иҷтимоӣ чӣ гуна аст? Оё таъмини ин равандҳо ба ҳаёти шумо таъсир мерасонанд?

### Андешаронӣ




#### Саҳми пурарзиш



“Мо фарзандони асили Ӯзбекистони навинем – мегӯяд донишомӯзи синфи 9-уми мактаби ихтисосонидашудаи математикии ноҳияи Қоракӯл Анварбек Раҳматов. – Дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ соҳиби ҷоиза гардидам. Ман дар Олимпиадаи фаннӣ дар Африқои Ҷанубӣ медалҳои тилло ва биринҷӣ, дар олимпиадаи фаннӣ дар Озарбойҷон медали нуқра ва дар олимпиадаи байналмилалии ба номи Ҷаутиков медали биринҷӣ гирифтам. Фикр мекунам, ки дастовардҳои ман аз истифодаи оқилонаи имкониятҳое, ки ба ҷавонони кишварамон фароҳам овардашуда мебошад.

Ниятҳои ман бузург аст. Ҳадафи ман ин аст, ки бо посух додан ба ҳама имконоти ба мо додашуда бо медалҳои тилло шӯҳрати ватанамро ба ҷаҳон муаррифӣ кунам”.

Анварбек Раҳматов бо Қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон дар санаи 28 июни соли 2021 бо ҷоизаи давлатии “Мард ӯғлон” мукофотонида шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





**Андешаронӣ**

## Қурбоққа

Дар ҷангал сӯхтор ба амал омад. Бархе аз ҳайвонҳо кӯшиш карданд, ки оташро бо он чизе, ки метавонистанд, хомӯш кунанд. Қисми дуюм аз канор тамошо менамуданду фикр мекарданд, ки аз ин чизе барнамеоянд. Қурбоққа барои хомӯш кардани оташ дар даҳонаш об мебурд. Зоғ инро дида ба ҳоли ӯ хандид ва гуфт: – Оё гумон мекунед, ки бо ин об оташро хомӯш кардан мумкин аст? Қурбоққа дар ҷавоб гуфт: «– Медонам, ки бо ин об оташро хомӯш карда наметавонем. Аммо бо ин иқдом ман нишон медиҳам, ки дар канори некӣ ҳастам».



**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Дар рушди ҷомеа то чӣ андоза худро масъул мешуморед?
2. Матнҳои барои мулоҳиза пешниҳодшуда бо кадом ҷиҳат бо ҳамдигар робита доранд?
3. Ба ҳаракати қурбоққа баҳо диҳед. Ин то чӣ андоза ба ҳикмати «Муҳим он аст, ки сабабгори шикасти занҷир ту нестӣ» вобастагӣ дорад? Фикри худро исбот кунед.
4. Фикри Қаҳрамони Ӯзбекистон Абдулла Орипов “Нерӯи зеҳнӣ танҳо дар сурате самараи баланд медиҳад, ки он бо муҳаббат ба Ватан вобаста бошад”-ро шарҳ диҳед.

**Андешаронӣ**

Огоҳ бошед, ки ҳар як ришта дар матоъ ҷойи худро дорад. Дар он ҷое ки ришта пӯсидааст, матоъ аз он ҷо канда мешавад. Дар занҷири зиндагӣ низ ҳамин тавр аст: ҳар кас мавқеъ ва вазифаи худро дорад. Муҳим он аст, ки сабабгори шикасти занҷир ту нагардӣ.

**Ганҷинаи андарзҳо**

Касе, ки ба мардум нафъ мерасонаду аз он ҳаловат мебарад, одами хуб аст.

*Юсуф Хос Ҳоҷиб*

Масъулиятро ба дӯш гирифтан ба инсон файзу камолот мебахшад, инчунин ӯро боз як зина болотар мебардорад.



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Фаъолияти эҷодӣ**







1. Шумо расмҳои дар боло зикршударо чӣ гуна ном медиҳед?

2. Дар муносибатҳои хоҳари бузургу кӯчак, бародару додар, ки дар расмҳо нишон дода шудаанд, кадом арзишҳо пинҳон шудаанд? Фикри худро гӯед.

3. Аз духтарчаи дар расми 1-ум тасвирёфта пурсиданд: « – Хеш хурдсолӣ, магар бори дар дӯш гирифтаат гаронӣ намекунад?». Ба фикри шумо духтарча ба ин савол чӣ гуна ҷавоб медиҳад?

4. Расмҳоро ба ҳикояи «Оқибат»-и зерин бипайвандед. Онҳо ба моҳияти масъулият ва дахлдорӣ чӣ гуна алоқамандӣ доранд? Кӯдакони дар расм оварда шуда дар назди кӣ масъуланд? Масъулиятҳои шумо дар назди оилаатон кадомҳост? Алоқамандии байни масъулияти оила ва масъулияти ватанро шарҳ диҳед.

**Андешаронӣ**

## Оқибат

Оилае ба “Хонаи меҳрубонӣ” барои ба фарзандӣ гирифтан омаданд. Чашмашон ба писарчаи 7-солае афтод, ки волидонаш дар садамаи нақлиётӣ вафот карда буданд. Писарча гуфт: «– Ман бо шумо рафта наметавонам». Аз ӯ сабаби инро пурсиданд.

“ – Ман дар ин ҷо як хоҳари хурдакак дорам, ман бародарам, ӯро ин ҷо монда рафта наметавонам. Ман ба волидонам ваъда дода будам” гуфт ӯ. Ҳангоми шунидани гуфторҳои писарак аз чашмони шахсони ҳамсӯҳбат ашк ҷорӣ шуд, ки чунин натиҷаро диданд ва онҳо тасмим гирифтанд, ки бародару хоҳарро якҷоя ба фарзандӣ гиранд.

**Ганҷинаи андарзҳо**

Шаъну шараф аз падар, меҳрубонию мушфиқӣ аз модар аст.

*Маҳмуд Замахшарӣ*





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

Дар канори роҳ марди тақрибан 60-сола дар замин хобида, дилашро дошта буд. Мардум бепарво мегузаштанд ва касе бо ин мард коре надошт. Ҷавоне дар канор истода, бо телефонаш марди дар замин хобидаро акс мегирифт...

1. Шумо дар ин ҳолат чӣ гуна муносибат мекардаед?

а) Ман ба назди ин шахс рафта мепурсидам, ки оё ба ӯ кӯмак лозим аст.

б) Ман ба вақти худ нигоҳ мекардам, агар вақтам бемалол бошад, кӯмак мекардам.

Андешаҳои хешро иброз намоед.

## Андешаронӣ



... Зебо аз мактаб бармегашт. Дар канори роҳ нафаре хобидаро дида «Магар ин шахс бемор аст? Оё ба ӯ кӯмак лозим аст?" гӯён ба ёрӣ шитофт. Вай аз ҳолати мард ба хуруҷи дил гирифтор шудани ӯро пай бурд. Зебо ба сӯйи одамони истгоҳи роҳи оҳан давида, вазъиятро фаҳмонд.

Нафаре аз телефони дастиаш ба мошини ёрии таъҷилӣ занг зад ва нафари дигар ба назди мард омада онро қулайтар хобонид. Зани 40-сола кафи дасташро масҳ кард. Нафаре бо дастрӯмолчааш шамол медод.




Ду ҷавон дар телефонҳои дастии худ ҷараёнро наворбардорӣ мекарданд. Ба Зебо ин кори онҳо маъқул нашуд, норозиёна нигоҳе кард. Писарон дуртар рафтанд, вале кори худро давом доданд.

Дере нагузашта духтурон бо мошини ёрии таъҷилӣ расида омаданд.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Муносибати худро нисбат ба ҳаракати иштирокчиёни воқеа фаҳмонед? Мақсади ҷавони аксбардорро тасаввуран баён намоед. Оё шумо ҳам бо чунин мақсад акс мегиред?

2. Иртиботи матнро ба мақоли «Ҳар кас бояд ҳар рӯз некӣ кунад»-ро фаҳмонед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Натиҷагирӣ аз дарс

1. Соҳибкор шарбат истеҳсол мекунад. Масъулиятро ҳис карда, аз беҳтарин масолеҳ, ки ба саломатии одамон зарар намерасонад, истифода мебарад. Ҳар як маҳсулотро дар алоҳидагӣ ҷудокунон аз санҷиши дастгоҳ мегузаронад.

2. Пеш аз таъини табобат духтур беморро бодиққат муоина мекунад, супоридани хун ва дигар ташхисҳоро таъин мекунад.

3. Аскари дар сарҳад истода атрофро бодиққат аз назар гузаронед. Ӯ ҳамеша ҳушёр меистад.

4. Ҳавопаймо дар фурудгоҳи Тошканд фуруд омад. Корманди назоратӣ шиносномаи ҳар як мусофирро бодиққат аз назар гузаронида, пас аз он якояк аз назорати компютер мегузаронад.

5. Диспетчер, ки ба парвоз ва фуруд омадани самолёт назорат мекунад, дар вақти навбатдорӣ чашмашро аз монитор намеканад.









6. Тасаввур кунед, ки агар мутахассисони дар боло номбаршуда нисбат ба вазифаи худ бемасъулиятона рафтор кунанд, он гаҳ дар ин ҳолат чӣ гуна ҳодиса рух медиҳад?

7. Оё оқибатҳои аз санҷиши дастгоҳҳои технологӣ нагузаронидани шарбат, бе натиҷаи таҳлил табобат таъин кардани духтур, ҳушёр набудани сарҳадбон, беэътиборӣ дар назорати шиноснома, хунукназарии диспетчер ба вазифаи худ ба ҳаёти шумо низ дахлдор аст?

8. Дараҷаи дахлдории ходими техникиро дар бомуваффақият фуруд омадани самолёти дар ҳаво парвоз карда истодаро таҳлил кунед. Оё шумо ба он дахле доред? Фикри худро асоснок кунед.

*(Ҷавоби духтар ба саволи 3 дар саҳифаи 7: «Ин бор нест, додарам!»)*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮИ 2: МАЗМУНИ ҲАЁТИ ОЗОД ВА ФАРОВОН

**Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда**

1. Зиндагии фаровонро чӣ гуна тасаввур мекунед? Фикри худро тавассути расмҳои зерин асоснок кунед.

2. Мафҳумҳои «зиндагии осоишта ва осуда», «ҳаёти моддию маънавӣ», «шахси поквиҷдон ва ҷонфидо»-ро мазмунан шарҳ диҳед ва фарқияташонро низ гӯед.

3. Дар мамлакати мо барои ҳаёти фаровон, осоиштагии кишвар ва пешрафти ҷомеа чӣ гуна корҳо ба анҷом расонида шуда истодааст?

4. Ба фикри шумо фақат ба ҳаёти моддӣ зиндагӣ кардан мумкин аст? Мафҳуми «ҳаёти маънавӣ» ба мафҳумҳои “фаровонӣ” ва “сулҳ” оё алоқамандӣ дорад?














**Андешаронӣ**

Вақте ки ду омили муҳими фаъолияти инсон – олами моддию маънавӣ ба ҳам пайваста, ба болу пар табдил меёбанд, дар ҳаёти инсон, давлат ва ҷомеа ҷараёнҳои афзоиш ва тағйирот ба амал меоянд. Зимнан, танҳо шахсе, ки дорои донишу таҷрибаи кофӣ, ақлу идрок, маҳорати касбӣ аст ва қонунҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро медонад, дар ҳама соҳаҳо ба натиҷаҳои мусбӣ ноил мегардад. Ин алоқаи мустаҳками маънавиятро ба рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт нишон медиҳад. Дар ҳолати баръакс муносибатҳои маънавию ахлоқӣ дар ҷомеа ба таназзул дучор шуда, шаъну шарафи инсон поймол мегардад.



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





## Андешаронӣ

### Ба абадият дахлдор

Маҳмуд Мирзаев аз хурдсолӣ ба пайванд кардани ниҳолҳо, ихтирои навъҳои нав ва боғдорӣ шавқу ҳавас дошт. Ин шавқу ҳавас ӯро ба институти хоҷагии деҳоти Тошканд равона кард. Баъди хатми институт дар хоҷагии «Қибрай», ки ба боғу токпарварӣ ихтисос ёфта буд, сарагроном шуда кор кард. Ҳоло ӯ мутахассиси соҳибдиплом. Масъулияти калонро ба дӯш дорад.

Агрономи ҷавон ба кори илмӣ низ машғул буд. Тадқиқотҳои худро дар соҳаи боғдорӣ дар зиёда аз 300 мақолаҳои илмӣ чоп кардааст. Вай аз агрономӣ то дараҷаи академикӣ роҳи душвору пуршарафро тай намуд.

Маҳмуд Мирзаев солҳои тӯлонӣ ба шӯъбаи боғдорӣ ва сабзаводкории Академияи илмҳои кишоварзӣ роҳбарӣ кард. Дар таҳти роҳбарии рисолаҳои илмии «Мевашиносии Ӯзбекистон (помология)», «Ампелографияи Ӯзбекистон» (дар бораи намуд ва навъҳои ангур) рӯйи чопро дид. Соли 2013 пажӯҳишгоҳи илмӣ ба номи академик Маҳмуд Мирзаев номгузорӣ шуд.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Мутобиқати ҳаёти моддӣ ва маънавиро дар мисоли ҳаёти академик Маҳмуд Мирзаев шарҳ диҳед. Магар ин омӯзиши моддию маънавӣ аст? Чаро? Эҷодиёти Маҳмуд Мирзоев ба некуаҳволии ҷомеа чӣ гуна таъсир мерасонад?

2. Ба фикри шумо роҳи интихобкардаатон то чӣ андоза ба сулҳу фаровонӣ мусоидат мекунад?

3. Матни *«Ба абадият дахлдор»*-ро дар робита ба мафҳумҳои фаровонӣ, осоиштагӣ ва маънавият шарҳ диҳед.

## Ганҷинаи андарзҳо

Муносибат ба меҳнат ба категорияи ахлоқ дохил мешавад. Муносибат ба меҳнат боиси хушбахтӣ мегардад. Пас, ин мафҳумҳоро паиҳам гузорем чунин мешавад: хушбахтӣ — ахлоқ, ахлоқ — меҳнат. Такомули ахлоқӣ ангезаи расидан ба хушбахтӣ аст.

*Ғафур Ғулом*



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Андешаронӣ**

Давлатмандӣ ва камбизоатӣ ба ҳам ҳамроҳ мегардад. Онҳо баъзан ҷой иваз мекунанд. Пас аз сарвати худ шод нашав, зеро ки онҳо зудгузаранд.

Аз набуданаш зиёд хавотир нашав, ин ҳам аз байн меравад. Одам агар оқил бошад, аз ҳар кори хубу бад хулосаи даркорӣ мебарорад.

**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Дар вақти холии худ бо чӣ кор машғул мешавед? Кадом филмҳоро тамошо мекунед ё кадом китобро мехонед?
2. Оё ягон бор ба шумо филме, ки тамошо кардаед ё китобе, ки хондаед, таъсир карда буд? Шумо ин вазъиятро тавсиф карда метавонед? Оё шумо дар бораи саргузашти қаҳрамонони филм ё асар, воқеаҳое, ки метавонанд ба ҳаётиояндаи онҳо таъсир расонанд, фикр кардаед?
3. Оё шумо ягон бор фикр кардаед, ки баъзе аз рӯйдодҳо ва равандҳои ҳаёти ҳаррӯза ба ҳодисаҳои филмҳои тамошо карда ва китобҳои хондаатон шабоҳат доранд?
4. Хислатҳои неку бадро бо гуфтори хеш баҳри нақл кардан кӯшиш намоед.
5. Одамон ба ивази чӣ гуна амалҳои нек байни мардум ва ҷомеа шӯҳрату обрӯро ба даст меоранд?
6. Барои дар зиндагӣ ба пул ва дигар сарватҳо соҳиб гардиданатон чиҳоро ба нақша гирифтанатон мумкин? Барои расидан ба ҳадаф «Харитаи чорабиниҳои оянда»-ро таҳия кунед, ки дар он асосан мақсад ва корҳои некӣ анҷомпазир зуҳур ёфта бошад.

**Андешаронӣ**

Маънавият – маҷмӯи эътимод, эҳтиром ва таваҷҷуҳи байни инсонҳо, саъю кӯшиши нек ва фазилатҳои ибратбахши якдилӣ дар роҳи бунёдиояндаи халқу давлат.

Бо ибораи дигар, маънавият пояест, ки мазмуну сифати тамоми муносибатҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеаро муайян мекунад.

*Шавкат Мирзиёев,*
*Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Кадом аз фазилатҳоро метавон ибратнок номид?
2. Аз гуфтори “Маънавият – мазмуни муносибатҳои иҷтимоӣ” чӣ гуна ҳадафро пай бурдаед? Фикратонро аз рӯйи расму тасвирҳои саҳифаҳои 10 ва 13-ум баён намоед.
3. Шумо аз соҳибони дорои фазилатҳои ибратнок киҳоро мешиносед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Ганҷинаи андарзҳо

Пул некӯӣ намеоварад, баръакс, некӣ имкон медиҳад, ки одамон ҳам дар ҳаёти шахсӣ ва ҳам дар ҷомеа соҳиби пул ва сарватҳои дигар шаванд.

*Суқрот*

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Бо назарандозӣ ба расму тасвирҳо ба саволи «Ҷиҳатҳои маънавии ҳаёти моддӣ кадомҳоянд?» ҷавоб диҳед. Ҳолатҳое, ки метавонанд боиси инқирози ҷомеа шаванд, мисол биёред.

2. Гулноза дар гузари маҳалла ба мағозае рафта чизе харид, аммо андеша карда, чеки маҳсулоти харидкардаашро напурсид. Гулноза кадом қоидаҳоро вайрон кард? Ин гуна рафтор ба кадом муаммоҳо сабаб мешавад?

3. Оё шумо барои маҳсулоти аз мағоза харидаатон чек талаб мекунед? Чаро? Матлабро ошкоро баён намоед.









4. Агар шахс сарватманд бошаду дониш ва касби муфид надошта бошад, пули ҷамъкардааш то ба кай мерасад?

5. Аз сарвати шахси маънавиятнок киҳо манфиат мебинанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮЪҲОИ 3 – 4: ЗИНДАГИИ БУЗУРГ БО ҚАДАМҲОИ ДАЛЕРОНА














## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Бо истифода аз расмҳо дар бораи имкониятҳое, ки дар кишварамон барои ҷавонон фароҳам оварда шудааст, нақл кунед.

2. Гуфтори ҳикматангези «Таълимро аз тарбия ва тарбияро аз таълим ҷудо карда намешавад»-ро мазмунан нақл намоед.

3. Барои инсони комил шудан дорои кадом сифатҳо будан лозим аст? Фикру мулоҳазаатонро иброз намоед.

4. Имрӯз барои Равшан рӯзи аҷиб аст. Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз фанни математика ҷойи аввалро ишғол намуда, ба олимпиадаи байналмилалӣ роҳхат гирифт. Падару модар, ҳамсинфон ва ҳамсоягонаш аз барномаи телевизионие, ки дар ҳаққи ӯ намоиш дода шуд, сарфароз гаштаанд.

Дар муваффақиятнок гаштани Равшан киҳо сабабгоранд? Ин муваффақияти ӯ ба ҷомеа чӣ гуна нафъ мерасонад?

5. Вақте ки ҳамватанони мо дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ғолиб меоянд ва ба ифтихори дастовардҳои онҳо суруди миллӣ садо медиҳад, эҳсоси шумо чӣ гуна аст? Бо назарандозӣ бар расмҳо дар хусуси шароити фароҳами барои ҷавонони кишвар ба майдон омада ҳарф занед.

## Барои маълумот

Абунасри Форобӣ гуфтааст: «Фарқи одам аз тамоми мавҷудот дар ақлу хирад аст».

Абурайҳони Берунӣ мегӯяд, ки “Инсонро Худо офаридааст ва тамоми ҳаёт ва сохтори ҷисмонии инсон ба омилҳои ҷуғрофӣ вобастаанд”.

Ба пиндори Ғаззолӣ “Инсон як махлуқи бузургест, ки ҳамеша дар пеши назари ӯ хатаре мавҷуд. Шахси мушкилот ва хатарҳоро сари вақт рафъкунанда хушбахтарин шахс аст”.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Ганҷинаи андарзҳо

Сирру асрори зиндагӣ илм, одоб, фаъолияти бошуурона буда, асоси он зеҳни хирад ва давомнокии он меҳнати пурмаҳсул аст. Истифодаи оқилонаи вақт дар ин раванд ба шумо барои пайдо кардани калити асрор кӯмак мекунад.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Муносибати шумо ба «вақти рафта пас намегардад» чӣ гуна аст?
2. Аз гуфтори пурҳикмати ҳазарти Алишер Навоӣ панд омӯзед.

«Ба сипоҳи хазон, нест монеъ, эй боғбон,
Гар боми ин боғро барбандӣ ба ресмон».

Яъне, агар одам умри хешро бо занҷир маҳкам барбандад ҳам, зинҳор худро аз шиддати вақт ҳифз карда наметавонад. Пас бояд ҳар лаҳзаро қадр кард!

3. Барои дар ҳаёти калон пешпо нахӯрдан вақтро чӣ гуна сарфа бояд намуд? Фикратонро дар асоси фаъолияти ҳаррӯзаи хеш шарҳ диҳед. Дорои кадом феълу атвор будан лозим аст? Ба фикри шумо кадом хислатҳо муҳиманд? Рӯйхат тартиб диҳед. Кадоме аз онҳо дар шумо ташаккул ёфтааст? Ба чиҳо эътибор доданатон лозим аст?
4. Дар мавзӯи "Ман чӣ гуна одамам?" фазилат ва хислатҳои хосси хешро аз рӯйи ҷадвали 10 баллӣ арзёбӣ кунед.

| | | |
|---|---|---|
| 1.2.3.4.5 | Боақл | 6.7.8.9.10 |
| 1.2.3.4.5 | Ростгӯй | 6.7.8.9.10 |
| 1.2.3.4.5 | Одил | 6.7.8.9.10 |
| 1.2.3.4.5 | Бақуввват | 6.7.8.9.10 |
| 1.2.3.4.5 | Меҳрубон | 6.7.8.9.10 |
| 1.2.3.4.5 | Коммуникатив | 6.7.8.9.10 |
| 1.2.3.4.5 | Нотарс | 6.7.8.9.10 |
| 1.2.3.4.5 | Раҳмдил | 6.7.8.9.10 |
| 1.2.3.4.5 | Серталаб | 6.7.8.9.10 |
| 1.2.3.4.5 | Қатъиятнок | 6.7.8.9.10 |

## Андешаронӣ

Шахсро ба оина монанд кардан мумкин аст. Агар оина каҷ бошад, чеҳраи одам низ каҷ мешавад. Агар шахс худро нодурст баҳо диҳад, мисли оинаи каҷ инъикоси бадро нишон медиҳад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Андешаронӣ

Аз қадимулайём дар Шарқ падару модар ва устод дар зиндагӣ инсонро ба роҳи рост ҳидоят карда, бо дуову орзуяш барору комёбиро металабад.

Аз ин рӯ, чунин тоифа одамон дар ҷомеа сазовори иззату эҳтироми хосса гардида, ҷамеат ҳамеша ниёз бар онҳо дорад.

Ин воқеа таҳкурсии тарзи зиндагии Шарқи Бузург ва арзишҳои муқаддаси инсонӣ он буд ва мебошад.

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Оё шумо филми “Ҷаҳони орзуҳо”-ро дидаед? Натиҷаи азму ирода ва суботкории омӯзгорро баҳо диҳед.

2. Барои чӣ ба қаҳрамони филм Абдураҳим омӯзгор лозим омад, ки замини санглохи миёнаи биёбонро тоза кунад, душвориҳоро бартараф намояд, ба замини беоб об биёрад?

3. Агар шумо бо чунин монеаҳо дучор шавед, оё метавонед кори оғозкардаатонро ба анҷом расонед?



4. Шумо то имрӯз чанд ниҳол шинондаед? Ниҳоли шинондаатон ҳоло чӣ гуна аст?

5. Ҳамон гуна, ки шумо ниҳолҳои худро беназорат намегузоред, кори неки оғозкардаатонро ҳам қатъ намекунед. Бигӯед, ки дар ин роҳ шумо асосан ба чӣ такя мекунед?

6. Чаро инсон барои ворид шудан ба зиндагии мустақил бояд сифатҳои қатъият, боварӣ ва ҳаракат ба некӣ дошта бошад?

### Ганҷинаи андарзҳо

Агар шумо як солро диданӣ бошед, шолӣ кишт кунед. Агар шумо 50 солро диданӣ бошед, дарахт шинонед. Агар хоҳӣ, ки 100 сол фоида бинӣ, фарзандро тарбият кун.

*Ҳикмати халқии Хитой*

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ

Барои он ки дар оянда кӯдак бояд ба кадом касбу ҳунар равона карда шавад, қобилияти ӯро донистан лозим аст. Вақте кӯдакеро мебинанд, ки ҳанӯз хурд асту ба комёбиҳои бузург ноил гаштааст, дар ин ҳангом нисбат ӯ ибораи “дар хунаш ҳаст”-ро дар гуфтор корбаст менамоянд.

Аҷдодони нерӯмандамон ба фарзандон доир ба шаҷара ва кормандии гузаштагон ҳарф зада, бо ин васила онҳоро таълиму тарбия медоданд. Аз ин лиҳоз, омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти бузургони пегузашта барои ҷавонони имрӯза ҳам қарз ва ҳам фарз аст.

1. Таъбири «Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти ниёгони бузурги мо, ки дар рушди илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми бузург гузоштаанд, ҳам қарз ва ҳам фарз аст»-ро чӣ гуна мефаҳмед?

2. Шумо барои иҷрои ин вазифа чӣ кор карда истодаед?

## Ганҷинаи андарзҳо

Барои ноил гаштан ба комёбиҳои зиндагӣ се чиз лозим аст: диққат, интизом ва кӯшиш.

*Ҷалолиддин Румӣ*

## Оё медонед

**Ҳазрат Салимҷонов** – Дар равияи “Мехатроника”-и озмуни “Беҳтарин олими ҷавон – 2021”, ки миёни ҷавонони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гашт, иштирок намуда сазовори дипломи дараҷаи як ва медали сарисинагӣ гардид.



Ғолиби озмуни «Донишҷӯи сол – 2019» аз рӯйи номинатсияи «Донишҷӯи ихтирокор инноватори сол» буда, соҳиби стипендияҳои ба номи Ислом Каримов ва Иттиҳоди ҷавонони Ӯзбекистон гардид. Дар олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯён аз фанни «Муқовимати маводҳо» ҷойи дуюмро сазовор гардид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





**Мадина Саматбоева** – Донишҷӯи Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбекии Тошканд. Дар озмуни байналмилалии «Ҷавонтарин олим – 2021», ки зиёда аз 200 донишҷӯи боистеъдод аз кишварҳои ИДМ иштирок кард, сазовори медали тилло гардид.



**Файзулло Яҳёев** – омӯзгори забони ӯзбекии мактаби миёнаи рақами 19-уми ноҳияи Шайхонтоҳури шаҳри Тошканд. Дар озмуни байналмилалии "Беҳтарин олими ҷавони сол – 2021", ки дар миёни довталабон аз 14 кишвари ИДМ гузаронида шуд, дар бахши филология ҷойи аввалро гирифт ва бо медали тилло сарфароз гашт.



**Фаррух Фаттоев** – доктори илмҳои физика буда, дар ИМА пажӯҳиш мебарад. Вай аз тадқиқоти ҳамкасбонаш оид ба мавҷҳои гравитатсионӣ истифода бурда, муодилаи ҳолати моддаи ядроиро муайян кард, инчунин исбот кард, ки муодилаи радиуси ситораи нейтронӣ аз 14 километр зиёд буда наметавонад.

Олими ҷавон дар ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё ба дунё омадааст. Бино ба гуфтаҳои ӯ фанни физика ҳангоми мактабхонӣ барояш бунёдгари маҳорату истеъдодҳои шоиста гаштааст.

### Фаъолияти эҷодӣ

Ҷавононе, ки дар боло номбар шудаанд, чанде пеш мисли шумо донишомӯзони мактаб буданд. Омӯзиш ва ҷустуҷӯйи тӯлонӣ онҳоро ба қуллаҳои баланди илм расонид.

1. Ба фикри шумо барои мутахассиси хуб шудан кадом фанҳоро донистан лозим аст? Гуфтаҳоятонро собит намоед.

2. Ба назари Шумо нақши математика дар рушди илму фан аз кадом ҷиҳат муҳим аст? Чаро?

### Ганҷинаи андарзҳо

Инсони хуб аз худ бахт, инсони бад аз худ таҷриба, инсони хатокор аз худ дарс, инсони комил аз худ нишон мегузорад.

*Ҷалолиддин Румӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

1. Шумо дар идоракунии ҷамеа то чӣ дараҷа иштирок меварзед?
2. Изҳори иродаи худ гуфта чиро мефаҳмед?
3. Барои аз байни ҳамсинфони худ интихоб кардани сардори синф аз кадом меъёрҳо истифода мебаред?
4. Дар синни ҳаждаҳсолагӣ ба баёни иродаи сиёсии худ шурӯъ мекунед. Шумо ба иштирок дар раванди интихобот шурӯъ мекунед. Дар ин вақт ба чиҳо эътибор додан лозим аст?

## Барои маълумот

Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, депутатҳои палатаи қонунгузорӣ ва депутатҳои шӯроҳои маҳаллӣ умумӣ мебошад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки дар рӯзи интихобот ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидаанд, ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд.

Шаҳрвандон сарфи назар аз ҷинс, нажод ва миллат, забон, дин, пайдоиши иҷтимоӣ, эътиқод, мавқеи шахсӣ ва иҷтимоӣ, маълумот, намуд ва хусусияти машғулият, ҳуқуқи баробари интихобот доранд.

*Кодекси интихоботии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, моддаи 4*

## Фаъолияти эҷодӣ



1. Ҷавони 18-сола аз кадом ҳуқуқҳо ба пуррагӣ истифода мебарад? Ин ҳуқуқҳо кадом маҷбурият ва ӯҳдадориҳоро ба вуҷуд меоранд?
2. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон моддаҳои марбут ба интихоботро дарёфт намуда, онҳоро вобаста ба мавзӯъ шарҳ диҳед.
3. Оё шумо боре мушоҳида кардаед, ки аъзоёни калонсоли оила бо наздик шудани раванди интихобот дар оила муошират мекунанд? Онҳо дар бораи кадом арзишҳо дар ҷомеа ва оила бештар сӯҳбат мекунанд? Барои чӣ ?
4. Оё шумо ҷараёнҳои интихоботро мушоҳида кардаед? Он ҷараён барои тараққиёти ҷамеа то чӣ андоза муҳиманд?

## Оё медонед

Дар асоси дониши аз фанни “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” гирифтаатон ҷавоб диҳед. Бигӯед, ки мафҳумҳои “як шиноснома – як овоз”, интихобот бо овоздиҳии умумӣ, баробар, бевосита ва пинҳонӣ сурат мегирад, чӣ гуна маъноро ифода менамояд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





## Андешаронӣ

Падар пеш аз марг писарашро ба наздаш хонда, ба ӯ соат дод: –“ Ин соат 200 сол пеш сохта шудааст. Аз бобои бузургворамон ба мо мерос мондааст. Ту инро ба соатсози сари маҳалла бурда мефурӯшам гӯй ва ҷавобашро ба ман расон».

Писарак назди соатсоз рафт ва соатсоз гуфт: “– Ин кӯҳна аст, панҷ доллар медиҳам”.

Падар гуфт: « – Акнун онро ба дӯкони чизҳои ноёб мефурӯхтагӣ бар».

Писарбача, ки ба он ҷо рафт ва бо ҷавоби дӯкондор, ки “панҷ ҳазор доллар медиҳам” гуфта буд, баргашт. Падар боз писарашро наздаш хонд ва гуфт: « – Акнун онро ба осорхонаи давлатӣ бурда, фурухтанӣ буданатро гӯй».

Писарбача ба осорхона рафта, бо тааҷҷуб ба назди падараш баргашта гуфт: “- Мутасаддиёни осорхона мутахассисро даъват карда, соатро аз назар гузаронидaнд ва онҳо тахмин карданд, ки ин як парча оҳан як миллион доллар арзиш дорад!”.

Баъд падар: “— Писарам, ба ту таълим доданӣ будам: ҷойи ту он ҷост, ки қадратро медонанд. Агар ба қадрат нарасанд, хафа нашав. Аз он ҷо рав. Аз онҳое, ки ба қадрат мерасанд намон» - гӯён ба писараш насиҳат кард.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Агар гӯем, ки самараи меҳнат барои зиндагии шоиста зарур аст, натиҷаи он ба рушди ҷомеа чӣ гуна таъсир мерасонад?

2. Дар асоси донишҳои худ оид ба фанни таърих такя намуда, фаҳмонед, ки шахсони зерин чӣ тавр тавонистанд бисёриҳоро ба худ тобеъ кунанд. Сиддҳарта Гаутама (Буддо), Томарис, Юли Сезар, Конфутсӣ, Спартак, Исои Масеҳ (а), Спитамин, Муҳаммад (с.а.в.) пайғамбар, Наҷмиддин Кубро, Амир Темур, Маҳатма Гандӣ, Нелсон Манделла, Исмоил Гаспиралӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ.

## Натиҷагирӣ аз дарс

1. Шумо «Фарзандони фидокори кишвар» гуфта, чӣ гуна ҷавононро дар назар доред?

2. Рамзи QR-ро сканер кунед. Шумо ба оянда чӣ тавр қадам гузошта истодаед? Дорои кадом қобилиятҳо ҳастед? Барои рушди ин қобилиятатон ба чиҳо диққат додан лозим аст?

3. Ҳангоми оғози ҳаёти мустақилона шумо риояи кадом қоидаҳоро пешниҳод мекунед? Рӯйхат тартиб диҳед ва ҳар як пешниҳоди худро асоснок кунед. Нишондодҳои роҳи ҳаёти мустақилро таҳия кунед. Дар ин кор ба донишҳои аз фанни “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” гирифтаатон истифода баред.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮИ 5: МАСЪУЛИЯТ, ШАЪНУ ШАРАФ ВА АРЗИШИ ОИЛА

## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Бо назарандозӣ ба расму тасвирҳо доир ба “маънавияти оила” андешҳоятонро баён намоед.
2. Пиндории муқаддасоти оила бо чӣ чен карда мешавад?
3. Вақте ки оиларо тавсиф мекунанд, «Оила Ватани хурд аст» мегӯянд. Оё шумо бо ин фикр розӣ ҳастед? Ҷавоби худро асоснок кунед.
4. Аз романи «Рӯзҳои мозӣ»-и Абдулла Қодирӣ саҳнаҳоеро, ки дар бораи арзишҳои оилавианд, ба ёд оред.


1


2

## Андешаронӣ

Муҳити оила омили муҳими ташаккул ва рушди маънавият, ҷаҳонбинӣ, тасаввур ва эътиқоди инсон аст. Эҳсосоти софу тозатарин, мафҳум ва тасаввуроти нахустини ҳаётӣ дар қалбу шуури инсон айнан дар муҳити оила ташаккул меёбад.

Дар ин даргоҳи муқаддас на танҳо кӯдак таваллуд мешавад, балки инсон бо тарбияи хуби маънавию ахлоқӣ ба воя мерасад. Оила маконест, ки дар он наслҳо ба воя мерасанд. Аҷдодони мо аз қадимулайём ба мустаҳкамии оила ва тарбияи насли солим таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд. Чунин таваҷҷӯҳ дар дилу шуури наслҳо ҷой гирифтааст.


3


4

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Дар асоси расмҳо фикри «Дар ин даргоҳи муқаддас инсони дорои тарбияи хуби маънавию ахлоқӣ ба воя мерасад»-ро шарҳ диҳед.
2. «Эҳсосоти софу тозатарин, мафҳум ва тасаввуроти нахустини ҳаётӣ» гуфта чиҳоро мефаҳмед? Фикратонро бо мисолҳо исбот кунед.
3. Оё дар муносибатҳои бародарӣ ягон масъулият вуҷуд дорад? Ҷавоби худро асоснок кунед.
4. Аз рӯйи расму тасвирҳои 5 ва 6-ум ҳикоя тартиб диҳед. Ба расмҳо чӣ гуна ном мегузоред?


5


6



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Оё медонед

Олимон собит намудаанд, ки кит ва филҳо мисли инсонҳо бобою модаркалон доранд. Филҳо то 5-солагӣ бо модаркалонашон сайру гашт мекардаанд. Дар тарбияи филҳои ҷавон асосан филҳои калонсол машғул мешаванд. Онҳо ба филҳои ҷавон тарзи пайдо кардани ғизо, чӣ гуна худро аз домҳо муҳофизат кардан ва эҳтироми филҳои дигарро таълим медиҳанд.

### Андешаронӣ

Оила сарманшаи муқаддасест, ки халқу миллатро муҳофиз намуда, рушди арзишҳои миллиро таъмин менамояд. Аъзоёни оила дар он тарбия ёфта, ба камол мерасанд. Соҳиби феълу атвори шоиставу накӯ мегарданд.

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Таъбири “фаровонии оила”-ро мазмунан шарҳ диҳед.
2. Имрӯзҳо дар кишвари мо ба масъалаи оила чӣ гуна аҳамият медиҳанд? Дар ин бора андешаатонро баён намоед.
3. Сухани пурҳикмати «Оила – қалъаи муқаддас»-ро бо назарандозӣ ба расму тасврҳои саҳифаи 21 маънидод кунед.

### Андешаронӣ

Оила аз қадимуалайём ҳамчун даргоҳи муқаддас қадр карда шудааст. Аъзоёни оила аз рӯзҳои нахуст ба талабот ва қоидаҳои оила пурра риоя менамуданд. Ин аст, то кунун ташаккул додани меъёрҳои одобу ахлоқ, саранҷомӣ ва сарфакорӣ, қатъиятнокӣ ва ростгӯӣ дар ҳар як оила идома дорад.

Агар дар оила ҳамкорӣ, ҳамҷиҳатӣ, эҳтирому боварӣ мустаҳкам бошад, он гаҳ аъзоёни оила чун инсонҳои ҳимматпеша, меҳрубон ба хешу табор ва ҳамсоягон дасти ёрӣ дароз мекунанд.

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Сарварони оила, яъне падару модар бо гуфтани чӣ гуна калимаву ибораҳо ба шумо муроҷиат мекунанд?
2. Шумо ба мустаҳкамии оила чӣ гуна саҳм мегузоред? Фикри худро асоснок кунед.
3. Матнро хонед ва мазмунашро бо вазъияти оилавии худ муқоиса кунед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Падар фарзандашро дӯстдорона баланд мебардорад. Ин маънои фарзандам аз ман ҳам бузургтар шавадро дорад. Ин ифодаи ғамхорӣ аз ҳама чиз, ҳатто аз худаш ҳам азиз донистани фарзанд аст. Падар ҳангоми ба мактаб рафтан писарро ба оғӯш гирифта, аз пешониаш мебӯсад. Ин гуна рафтор маънои толею иқболат баланд бошадро ифода менамояд. Падар умеди фардоро дорад, ки ӯ барои ин баҳри фарзандаш ба ҳама чиз тайёр аст.

Падар ҳангоми ба хизмати ҳарбӣ фиристодан камари писарашро мебардорад. Ин маънои онро дорад, ки миёни ба хидмати Ватан бастаи фарзанд мустаҳкам бошад. Вақте ки писараш хонданро хатм карду ба кор даромад, падар дастони дуо мекушояд: «Роҳат равшан бошад, писарам...». Дар он вақт ашки чашмонашро намебинед, ифтихори дилашро тасаввур карда наметавонед. Вақте ки фарзанд корҳои бузургро ба анҷом мерасонад, ба писараш «писари падараш» ва духтарашро «духтари модараш» гӯён муроҷиат мекунад... Бузургон беҳуда нагуфтаанд: «Агар имрӯз туро дӯст дорам, фардо ба ту такя дорам!».

*Аз материалҳои ВАО*

4. Нақши дахлдории шахс дар рушди ҷомеа ва давлат чӣ гуна аст?

5. «Шахс», «оила», «ҷомеа» – байни ин се мафҳум чӣ гуна робита мавҷуд аст?

6. Дар асоси диаграммаи Венн хати пайвасти калимаҳои волоии маънавӣ, масъулият, шаън, қадру қиматро муайян намоед ва ҷиҳатҳои қаробатию фарқунандаи онҳоро бо мафҳумҳои “сулҳу осоиш” ва “фаровонии ҷомеа” барандозӣ кунед.




## Ганҷинаи андарзҳо

Хушбахтӣ ва шаъну шарафи оила, албатта, ба интизом ва иттифоқии аъзоёни оила иртибот дорад. Сулҳу иттифоқӣ бошад ба пояи интизоми хонаводаҳои ин миллат такя мекунад, мамлакат ва миллат ҳам пурқудрат ва боинтизом мешавад.

Агар мардуми як кишвар бо бадахлоқӣ ва ҷоҳилӣ муносибатҳои оилавиро заиф созанд ва ба беинтизомӣ роҳ диҳанд, саодат ва ҳаёти он миллат зери шубҳа мемонад.

*Абдурауф Фитрат*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Хушбахтии оила дар чист? Барои хушбахтии оилаатон масъулияти шумо дар кадом дараҷа буданаш лозим аст?

2. Набзи хушбахтиро кашед. Барои паст нашудани набз дар кадом ритм нигоҳ доштанро тавсия мекунед?




**Ганҷинаи андарзҳо**

Силаи раҳм ба хешовандон, ахлоқи нек ва ҳамсоядории хуб умрро зиёда намуда, баҳри ободонии кишвар раҳнамун мегардонад.

**Натиҷагирӣ аз дарс**

1. Фаровонии оила ба чӣ вобаста аст?

2. Оё касе аз аъзоёни оилаатон ба соҳибкорӣ машғул аст? Барои чӣ дар оила омӯхтани ҳунар зарур аст, мегӯянд?

3. Тасаввур кунед, ки бо аъзои оилаатон тиҷорати хурдеро дар шароити хона оғоз кардед. Маҳсулоте, ки шумо истеҳсол мекунед, пеш аз шумо аз хонадони дигаре маҳаллаатон истеҳсол намудааст ва дар бозор харидори хешро дорад. Шумо дар чунин вазъият чӣ гуна муносибат мекунед?







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# БОБИ II. МАЪНАВИЯТИ ИНСОН

## МАВЗӮИ 6: МАСКАНИ ИБРАТ

### Савол ва супоришҳои вусъатдиҳандаи фаъолият

1. Чаро маҳалларо гаҳвораи арзишҳо меноманд?
2. Дар ҳудуди зисти шумо кадом маҳаллаҳо мавҷуданд? Номи онҳо бо кадом арзишҳо алоқаманд аст?
3. Барои сулҳу ободии маҳалла киҳо масъул мебошанд? Оё ба маҳалла чунин одамон лозиманд? Чаро?
4. Кадом арзишҳо мардуми маҳалла муттаҳид мекунанд?

### Андешаронӣ

Мо ҳамсинфон барои тайёрӣ ба имтиҳон хонаи Дилфуза рафтем. Исомҷон Бобо, ки дар курсии рӯбарӯйи дарвоза нишаста буд, гуфт: « – Ту набераи Ғиёсбобо ҳастӣ? Мисли бобоят шудӣ", "Ту, духтарам ба набераи Саъдулло монанд астӣ, овозат мисли овози модарат." "Биё, биё, духтари Фозилҷон, ту мисли духтари падарат!". Дилфуза гуфт: " – Аҷабо, бобо, ҳама дугонаҳои маро ба бобою момо, падару модарашон монанд карда, шинохтед. Агарчӣ шумо дар хона нишинед ҳам ҳамаро мешиносед! ".

Бобо бо оҳанги насиҳатомӯз гуфт: «–Ҳаммаҳаллагӣ ҳамин аст, фарзандам, одамон бо якдигар хешу табор мешаванд. Ман 80-солаам. Бо падару бобои дугонаҳоят якҷоя калон шудем, тӯй, мотам, рӯзҳои хубу бади мо бо ҳам гузашт. Одам ба одам ниёз дорад, духтарам".

### Барои маълумот

Маҳалла як нерӯи бузургест, ки дар он ҳаёт, тарзи зиндагӣ, тақдир ва муҳимтар аз ҳама тарбияи инсон яке аз нақшҳои асосиро мебозад. Зеро, айёми бачагию наврасӣ ва пирӣ дар маҳалла мегузарад.

Маҳалла қувваест, ки мардумро муттаҳид ва сафарбар мекунад, ба пешрафти ҷомеа хизмат мекунад, инчунин тозагӣ, ростӣ, холисӣ ва беғаразиро дар қаламрави хеш барқарор мегардонад.

Маҳалла инчунин воситаи баргузории расму оинҳои миллӣ, ҳашар ва дигар чорабиниҳо мебошад. Инчунин маҳалла макони муқаддастаринест, ки дар он одамон аз гарму хунукӣ ва ғаму ташвиши якдигар хабардор мегарданд.

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

1. Оё шумо аҷдодони ҳамсинфонатонро, ки дар маҳаллаатон зиндагӣ мекунанд, медонед?

Дар хона аз бобою бибӣ, падару модаратон хоҳиш кунед, ки дар бораи таърихи маҳаллаатон нақл кунанд. Таваҷҷӯҳ кунед, ки намуди зоҳирӣ ва характери дӯстонатон бо суханони калонсолон чӣ умумият доранд.

3. Оё ҳангоми интихоби дӯст ва оила барпо кардан ба маслиҳати калонсолон гӯш додан шарт аст? Чаро? Барои исботи фикратон панҷ мисол оред.

4. Одам баъди сафари дуру дароз ба маҳаллаи хеш баргардад, чиҳоро эҳсос мекунад? Оё шумо шоҳиди чунин ҳолатҳо шудаед?

## Андешаронӣ

### Ман мардикор нестам

Дар бинои бисёрошёна зиндагӣ мекунем. Роҳбари биноямон дар арафаи ид ҳашар эълон кард. Хурду калон субҳ бо ҷорӯбу бел баромада бо тартиб корро оғоз карданд. Дар кати рӯбарӯйи биноямон кӯрпаҳо паҳн карда, арӯсҳо барои калонсолон кулчаву меваҷот меоварданд. Махсусан бо шавқу ҳавас ёрӣ расонидани бачаҳои хурдсол ба калонсолон хурсандиовар буд.

Ҳама машғули кор буданд, писари ҳамсояро, ки дар ошёнаи панҷум нав кӯчида омада буд, пай набурданд. Ӯ гуё чизеро надида бошад, бо телефон гуфтугӯ карда, ба бино даромада рафт. Бобоям, ки аз рӯбарӯяш баромада буд «–Писарам, ту партовҳоро мепартоӣ» – гуфт. Ҷавон бо оҳанги норозиёна «–Ман мардикор нестам, донишгоҳро хатм кардаам».

### Агар пулашро пардохт кунед...

Рӯзи шанбе дар маҳаллаи мо ҳашар эълон шуд. Ҳарчанд вақт бемаҳал шуда бошад ҳам касе аз ҳамсояҳо дида намешуд. Бобои Абдусаттор Ашраф акаро, ки бо аҳли оилааш савори мошинаш буд, боздошт ва танбеҳ додан хост: «–Ашрафҷон, ба куҷо? Мо имрӯз ҳашар эълон карда будем. Фарзандонатон ҳам калон шуданд, биёед ҳама якҷоя кӯчаҳоро тоза кунем”.

Ашраф ака бо виқор “Коргар киро кунед, пулашро медиҳем” – гуфт.

Ҳамсоярӯси духтарчаашро ба мактаб гуселкунанда гуфт: “ – Дар хориҷа ба ҳар гуна меҳнат ҳақ медиҳанд, дар мо бошад фақат ҳашар, агар пулашро диҳед, тоза мекунем”.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Ҳадаф аз ташкил кардани ҳашарҳо чист? Оё хизмати кормандони ободонӣ барои озода нигоҳ доштан кофӣ нест?
2. Нақши ҳашар дар ҳамбастагӣ ва ҳамҷиҳатии инсонҳо чӣ гуна аст?
3. Оё оилаи шумо низ дар ҳашар иштирок мекунад?
4. Тозагӣ гарави саломатист. Агар даруни хонаамон тоза бошаду кӯчаву маҳалла, роҳҳо, ҳавзаҳои об, гирду атроф ифлос бошад, он гаҳ ин ҳолатро бо чӣ гуна иҷрои амал рафъ менамоед?
5. Ба фикри шумо, ба бемориҳои сироятӣ, вайроншавии муҳити зист бетартибӣ ва тоза нигоҳ надоштани атроф сабаб шуда метавонанд?
6. Барои ҳолатҳои гуногуни маҳалла сенарияҳо эҷод кунед. Нақшҳоро тақсим намуда, симои пешвои маҳалла, фаъоли маҳалла, машваратчии занон, равоншинос ва аъзоёни маҳалларо бо образҳои хосса иҷро кунед. Ҳолатҳои гуногунро ба саҳна гузоред.

**Барои маълумот**

## Дар замони Темуриён ҳам ба тозагӣ эътибор додаанд

Дар замони Амир Темур ба масъалаҳои ҳамбастагӣ ва тозагии маҳалла боэътибор менигаристанд. Барои бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ ҳавзаҳо ва ҷӯйборҳо кофта будаанд.

Бино ба баъзе маълумотҳои таърихӣ дар замони Амир Темур ва темуриён дар байни мардум бемориҳои сироятӣ паҳн шудааст. Барои пешгирӣ ва бартараф намудани бемории мазкур чорабиниҳои дахлдор тарҳрезӣ гардидааст. Хусусан, ба тозагӣ аҳамияти калон дода, оби каналу ҳавзҳо бениҳоят тоза нигоҳ дошта мешуд.

**Ганҷинаи андарзҳо**

Маҳалла барои ҳар як инсон маскани осудаву обод ва хушиҳолии ҳаёти рангин ба шумор меравад. Он ба муносибатҳои боварии ҳамдигар, кӯмак ва ҳимоя асос ёфтааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Андешаронӣ

Алишер Навоӣ одамонро сарфи назар аз пайдоиши иҷтимоиашон иззату икром мекард. Ба хилқат чун инсон эҳтироми калон зоҳир мекард. Вай дар асарҳои хеш хислатҳои ахлоқию одамгариро васф кардааст. Бо одамони накӯкор ҳамроҳ шуда, сӯҳбати хуб кардан, ҳамеша бо меҳру муҳаббат, олиҷаноб, инсондустӣ сазовори эҳтироми мардум гаштанашро тараннум намудааст.

Навоӣ фарз ва суннатҳои диниро хеле хуб эҳсос намудааст. Аз ин ҷиҳат ӯ ҳамеша бо арзишҳои инсонӣ, аз қабили имон, поквиҷдонӣ, парҳезгорӣ, саховатмандӣ, меҳрубонӣ зиндагӣ мекард.

Ӯ дигаронро баҳри ноил гаштани фазилатҳои накӯ ҳидоят менамуд. Тамоми ҳаёт ва фаъолияти хешро баҳри саодатмандӣ ва фаровонии халқ бахшидааст. Ҳангоми сарварӣ ба кишвар тамоми саъю ҳаракаташро баҳри сулҳу осиштагӣ ва ободонӣ равона намудааст. Муаррих Хондамир қайд менамояд, ки Алишер Навоӣ дар Хуросон 52-то работ, 20-то ҳавзи шиноварӣ, 16-то пул ва инчунин як қатор масҷидҳо, сарбандҳо, каналҳо, ҳаммомҳо ва дигар биноҳои истиқоматӣ барпо кардааст.

Дар давраи ҳукмронии Алишер Навоӣ Ҳирот ба маркази бузурги маданият табдил ёфта, дар он илму маърифат инкишоф ёфтаст. Ӯ гуфтааст, мардум бояд ҳам дар сухан ва ҳам дар амал нафъ гиранд:

*Нафъ расониданро шиор кардӣ,*
*Ба хеш он нафъро ёр кардӣ.*
*Нафъат агар ба халқ бисёр гардад,*
*Балки ин нафъ ба хеш бисёр расад.*

### Натиҷагирӣ аз дарс

1. Мазмуни таъбири “Мутафаккири бузург Алишер Навоиро нафақат шоири ҳассос, балки чун инсони ватанпарвари ғамхори халқ барҳаёт аст”-ро фаҳмонед.
2. Рубоии бо мисраи “Нафъ расониданро шиор кардӣ”-ро бо хушзеҳнӣ хонед ва бо назардошти мазмун дар мавзӯи “Саҳми ман дар ободонии деҳа” эссе нависед.
3. Чаро маҳалларо маскани ибрат меноманд? Дар маҳаллаи шумо кадом корҳои ибратбахш ба ҷо оварда мешавад?
4. Дар мавзӯи “Саҳми ман дар ободонии деҳа” нақшаи чорабинии корҳои иҷрокунандаро тартиб диҳед. Пас аз он дархостҳоятонро рӯйи қоғаз оред.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮИ 7: ТАҲАММУЛПАЗИРӢ

## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Таҳаммулпазирӣ чист? Оё шумо хешро шахси таҳаммулпазир мешуморед?

2. Таҳаммулпазирӣ ба ҷомеа ва давлат чӣ гуна таъсир мерасонад?

3. Оё вожаи «таҳаммулпазир»-ро нисбат ба давлат истифода бурдан мумкин аст?

4. Маълумоти зеринро хонед ва бо ҷавоби хешро ба саволи сеюм муқоиса кунед:

*а) 10 октябри соли 2019 бо рейси махсус 64 нафар кӯдакони ӯзбекистонӣ аз Шарқи Наздик ба Тошканд оварда шуданд.*

*б) Дар Ӯзбекистон таълим ба ҳафт забон сурат мегирад. Аз ин сабаб китобҳои дарсии ба забони ӯзбекӣ навиштащуда ба ғайр аз фанҳои забон ва адабиёти модариашон бо кӯмаки тарҷумонҳо ба шаш забон (қорақалпоқӣ, русӣ, қазоқӣ, тоҷикӣ, қирғизӣ, туркманӣ) тарҷума гардида, ба донишомӯзон дастрас карда мешавад. Ба андешаи шумо, оё ин амали давлатро метавон таҳаммулпазирӣ арзёбӣ кард? Фикри хешро асоснок кунед.*




## Андешаронӣ

Риштаҳои дӯстӣ дар ҳама соҳаҳо зоҳир мешаванд: ҳамон гуна, ки ҳар як православӣ дӯстони мусулмонӣ доранд, рӯҳониён ва имомхатибон низ дӯстӣ доранд. Агар дӯст ба мусулмон дар соҳаи тиҷорат ё аз рӯйи конститутсия барои кӯмак кардан муроҷиат кунанд, он чизеро, ки талаб мекунем, мегирем. Дар мо зиддият он тараф истад, номафҳумиҳо ҳам вуҷуд надорад.

*Митрополит Владимир*

1. Фикри болоиро ба мавзӯъ вобаста кунед ва муносибати хешро доир ба меҳру оқибат ва бахшандагии инсонҳо фаҳмонед.

2. Оё шумо нисбати бегонагон оқибатнок ва бахшанда буда метавонед? Барои ин кадом арзишҳо аз рафтори шумо бартарӣ доранд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ

Як мард ҳар рӯз аз бозор се нон мехарид. На бештар аз се ва на камтар. Рӯзе нонпаз, ки ӯро назорат мекард, пурсид:

– Эй азизи ман, туро чанде назорат мекунам. Дар як рӯз се нон мехарӣ. Аз сето на зиёд, на кам. Сабаби ин дар чист?

1.Чаро нонпаз айнан ба ин харидор таваҷҷуҳ кард?

2. Харидор ба саволи нонпаз чӣ ҷавоб доданаш мумкин?

– Дуруст, – гуфт харидор. – Ман ҳар рӯз се нон мегирам. Яктоашро ба қарзам медиҳам, дигарашро ба қарз медиҳам. Яктоашро худам мехӯрам! Нонпаз аз сухани харидор фақат якто нонро хӯрдани ӯро фаҳмиду дигарашро нафаҳмида ҳайрон шуд.

3. Харидор аз кӣ қарздор аст? Кӣ аз ӯ қарздор буданаш мумкин?

4. Шумо худро дар назди кӣ қарздор мешуморед?

Харидор ҷавобашро шарҳ дод:

“Ман қарзамро ба падару модарам медиҳам. Чунки онҳо ба ман дар кӯдакӣ нон доданду шикамамро сер карданд. Нони дигарро ба фарзандонам ба қарз медиҳам. Рӯзе меояд, ки онҳо қарзи хешро адо мекунанд...

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Пас аз ин нонпаз ба фикри харидор чӣ гуна муносибат карданаш мумкин?

2. Агар харидор дар ин ривоят шахсе бошад, ки вазифаи оддии инсониро иҷро мекунад, се нон харид накунад, чӣ гуна ҳолат рух доданаш мумкин? Шумо ба ҷойи ӯ чӣ гуна рафтор мекардед?

3. Шумо одатан чандто нон мехаред? Чаро?

## Ганҷинаи андарзҳо

Мо мисли паррандаҳо дар ҳаво парвоз карданро омӯхтем. Мисли моҳиҳо дар баҳрҳо шино карданро омӯхтем. Аммо то ҳол дар рӯйи замин чун бародар зиндагӣ карданро ёд нагирифтаем.

*Мартин Лютер Кинг*





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Фаъолияти эҷодӣ

1. Ҷумлаи «Мо чун бародар дар рӯйи замин зиндагӣ карданро наомӯхтем»-ро шарҳ диҳед?

2. Ба назари шумо барои дӯстӣ бо дигарон дар инсон кадом хислатҳо бояд инкишоф ёбад?

### Андешаронӣ

Миллатгароӣ ва шовинизм монеаи хавфноктарин дар роҳи ба амал баровардани ғояи ҳамфикрии байни миллатҳо мебошад. Ҷомеае, ки ба доми чунин андешаи нопок ва зараровар афтодааст, табиист, ки аз байн меравад.

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Дар асоси донишҳои аз фанни таърих гирифтаатон ба миллатгароӣ ва шовинизм мисолҳо оред.

2. Сиёсати нажодпарастии фашизм ба кадом оқибатҳо овард?

3. Барои решакан кардани ифротҳо, аз қабили миллатгароӣ ва шовинизм чиҳоро пешниҳод карда метавонед? Шумо дар ин раванд чӣ гуна иштирок мекунед?

### Барои маълумот

Ҳамаи мо бояд ҳушёр бошем, ки ҳанӯз ҳам қувваҳое ҳастанд, ки фашизм, шовинизм, нажодпарастиро инкишоф дода, ҳаракатҳои ғаразноки хешро ҳамчун "ҳаракати ношоиста" ба муқобили ғояи ҳамгароӣ ва ҳамҷиҳатии байналмилалӣ амалӣ гардониданианд.

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Шумо аҳамияти амният ва суботро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

2. Оё шумо аз одамони калонсол пурсидед, ки онҳо дар бораи ҷанг ва сулҳ чӣ фикр доранд? Онҳо чӣ гуна ҷавоб доданд?

3. Ба назари Шумо, бузургтарин таҳдид ба суботи ҷаҳонӣ имрӯз чист?

4. Ба лавҳаи дар QR код овардашуда нигаред, андешаи хешро баён кунед ва дар бораи «Мисоли таҳаммулпазирии баланд» нақл кунед.

5. Ба корҳои ба анҷом расонидаи давлат дар соҳаи таҳаммулпазирӣ мисол биёред.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Барои маълумот

Ҳама давлатҳо, новобаста аз он ки онҳо қонунан эътироф шудаанд ё на, эҳтироми хешро ба озодии дин ва эътиқод изҳор кардаанд.



Тамоми динҳои ҷаҳон бар ғояи некӣ ва бар пояи як зумра фазилатҳо, аз қабили поквиҷдонӣ, сулҳу осоиштагӣ, некӣ ва дӯстӣ асос ёфтаанд. Онҳо ба ҳалолӣ, поквиҷдонӣ, меҳрубонӣ, инсондӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ даъват мекунанд.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Дар рӯйи замин зиёда аз 1600 миллат мавҷуд буда, аз онҳо 200 миллат давлати хешро доранд.

Миллатҳои давлатдор дар зимма чӣ гуна масъулияту маҷбурият доранд?

2. Дар кишварамон 16 конфессияи динӣ амал мекунад, зиёда аз 2200 ташкилоти динӣ бо риояи принсипҳои таҳаммулпазирии динӣ бо ҳамдигар дар сулҳу осоиштагӣ зиндагӣ мекунанд.

Фикри мазкурро бо назрдошти моддаи 4-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон шарҳ диҳед.

3. Кишварҳои ҷаҳонро аз рӯйи муносибатҳои давлат ва дин дар ибтидои асри XXI ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Масалан, кишварҳое, ки ба дин мақоми дини давлатӣ дода шудааст:

Қатар, Покистон, Коста Рика... Кишварҳое, ки дин аз давлат ҷудо аст:

Русия, Фаронса, Олмон, Ӯзбекистон...





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Ганҷинаи андарзҳо

Мамлакатҳо, ки аз азал ба якдигар хешу табор ва бародар буданд, оиди бисёр масъалаҳои минтақавӣ ва глобалӣ, ҳамкорӣ ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳаракатҳоро сар карданд. Дар сиёсатшиносии ҷаҳон ибораи “Рӯҳи Осиёи Марказӣ” пайдо гардид....

Дар ҷомеа корҳое, ки ба мустаҳкамсозии муҳити ҳамҷиҳатию кушодадилӣ нигаронида шудаанд, аз ҷиҳати сифат ба давраи нав бардошта мешаванд. 30 июл, ки ҳар сол ба сифати Рӯзи дӯстии байналхалқӣ қайд мегардад, дар Ӯзбекистон “Рӯзи дӯстии халқҳо” эълон гардид. Имсол ин ид дар мамлакатамон бори аввал васеъ таҷлил ёфт. Инро низ ба сифати ҳодисаи муштарак, ки омилҳои сиёсати дохилию берунииро муттаҳид месозад, қабул кардан мумкин.

*Шавкат Мирзиёев, “Бунёди Ӯзбекистони нав зарурати объективӣ аст”.*
*Аз рӯзномаи “Ӯзбекистони Нав”, 17 августи соли 2021*

## Андешаронӣ

Бино ба баъзе маълумотҳои таърихӣ сад сол пеш дар ҳудуди кишварамон намояндагони қариб 70 миллат истиқомат мекарданд. Соли 1926 дар кишварамон намояндагони 90 миллату қавм зиндагӣ дошта бошанд, соли 1959 шумораи онҳо ба 113, соли 1979 ба 123, соли 1989 ба 130-то расид.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Ҷомеаи бидуни амният то чӣ андоза устувор аст? Суботи ҷаҳониро чӣ гуна метавон кафолат дод?
2. Нақши ҳамбастагии байни миллатҳо дар амният чӣ гуна аст?

## Барои маълумот

Калимаи «толерантӣ»-и дар “Декларатсияи Принсипҳои таҳаммулпазирӣ” падидоянда дар забони тоҷикӣ дар шакли “таҳаммулпазирӣ» тарҷума гардидааст. Калимаҳои забони русии “терпимост», «снишходителност» маъноҳои таҳаммулпазирӣ, дилфарох, тоқатпазирро ифода менамоянд. Вақте ки сухан дар бораи дин оғоз меёбад, дар он ҳангом дар забони русӣ калимаи «веротерпимост» инхоб карда мешавад. Ибораи “таҳаммулпазирии динӣ” дар забони тоҷикӣ маҳз ҳамин аст.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





**Барои маълумот**

Дар асри XIX, вақте ки крестянҳо аз минтақаҳои маркази Россия маҷбуран кӯчонида шуданд, аҳолии маҳаллӣ ба онҳо ҳарҷониба ёрӣ мерасонд. Иеромонах Харитон, ки шоҳиди воқеаҳои он вақт буд, мегӯяд: «...Мардуми маҳаллӣ ба муҳоҷирони бечора меҳрубон буданд, агар чунин намекарданд бисёрии онҳо аз гуруснагӣ ва мӯҳтоҷӣ мемурданд».

*Архиепископ Владимир*

**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Ба фикри шумо дар кадом синну сол инсон бояд хислатҳои дар ин ҳикмат зикршуда дошта бошад?

*Ба гуфтаи устод, инсони боҳиммат нӯҳ хислатро орзӯ мекунад: чашми тез, гӯши шунаво, чеҳраи хандон, барака дар ҳаракат, пухтакорӣ, ростқавлӣ, дадилӣ, дар вақти ғазаб оқибатро андешад, дар дилаш офтоби адолат бошад, дар вақташ фоидаро донад...».*

*Конфутсӣ*

2. Агар ақли тез, фикри амиқ, дониш дошта бошед, аммо беоқибат ва хашмнок бошед, аз ин иллат чӣ гуна раҳоӣ ёфтанатон мумкин аст? Вобаста ба мавзӯъ фикратонро ифроз намоед.

**Андешаронӣ**

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 19 сентябри соли 2017 дар 72-умин ҷаласаи Ассамблеяи генералии СММ ба мушкилоти рӯзмарравии ҷаҳони имрӯза истодагарӣ карда, қабул кардани резолютсияи махсуси “Маърифат ва таҳаммулпазирии динӣ”-ро пешниҳод кард.

12 декабри соли 2018 дар иҷлосияи 51-уми сессияи 73-уми Ассамблеяи генералии СММ аз ҷониби 193 кишвари резолютсияи “Маърифат ва таҳаммулпазирии динӣ” бо як овоз қабул карда шуд.

1. Ҳадафи аслии резолютсияи “Маърифат ва таҳаммулпазирии динӣ”, ки бо ташаббуси раҳбари мамлакатамон қабул шуд, аз чӣ иборат аст?
2. Оё бидуни маърифат таҳаммулпазирии динӣ вуҷуд дорад? Фикри хешро шарҳ диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

Имом Бухорӣ дар ҳадисе ривоят кардааст, Паёмбар (а.в.с) дар ҷанозаи як ғайридин, ки аз наздашон мегузашт, аз ҷойи бархеста ҳурмат ба ҷой оварданд. Ба одамоне, ки аз ин ҳайрон буданд, нигоҳ карда, ӯ ҳам одам буданашро ба хотир оварданд.

1. Фикри «Ӯ ҳам одам аст...»-ро чӣ гуна фаҳмидед? Одамият, одамгарӣ гуфта чиро дар назар доред?

2. Кадом хислатҳои инсон меҳрубонӣ, таҳаммулпазирӣ, хоксорӣ ва самимиятро нишон медиҳанд? Оё шумо ин хислатҳоро дар хеш доред? Мушкилии ин чист?



3. Оё боре мушоҳида кардаед, ки одамон новобаста аз диношон, дар рафти сӯҳбат ҳарфҳои «шукронаи Худо» ва «Худо хоҳад» мегӯянд? Барои чӣ? Фикри хешро шарҳ диҳед.

## Натиҷагирӣ аз дарс

1. Аз ҳаёти имрӯзу дирӯз мисолҳо оред, ки дин дар пайвастани инсон бо табиат ва ҷомеа аҳамияти бузурги тарбиявӣ дошта бошад.

2. Шахси дорои хислатҳои наҷиб, таҳаммулнопазир, накӯкору олиҷаноб гуфта киро назар доред? Фикратонро бо интихоби мисолҳо фаҳмонед

3. Кадом моделҳои муносибати давлат ва динро медонед? Ҷумҳурии Ӯзбекистон кадоме аз он моделҳоро интихоб намудааст?

4. Дар моддаи 61-уми Конститутсияи Ӯзбекистон оид ба муносибати давлат ва дин чӣ гуна фикр баён шудааст?

5. Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар муносибатҳои дин ва ташкилотҳои динӣ кадом принсипҳоро баррасӣ мекунад?

6. Қоидаҳои ба мавзӯъ дахлдорро аз Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон пайдо кунед. Дар асоси дониши аз фанни ҳуқуқ гирифтаатон рӯйхати ҷавобгариҳое, ки барои вайрон кардани қоидаҳои мазкур нишон дода шудааст, тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮЪҲОИ 8 – 9: КСЕНОФОБИЯ

## Савол ва супоришҳои вусъатдиҳандаи фаъолият

1. Оё шумо истилоҳҳои ксенофобия, христианофобия, юдофобия, исломофобияро шунидаед? Ба фаҳмонидани моҳияти онҳо ҳаракат кунед.
2. Сабабҳои маъмултарини тарс кадомҳоянд?
3. Барои бартараф кардани тарс ба чиҳо эътибор додан лозим аст?
4. Оё шумо медонед, ки тарси сунъӣ чист? Фарқи байни тарси биологӣ ва тарси сунъӣ чӣ гуна аст?

## Андешаронӣ

Ксенофобия ин ҳолатест, ки дар он шахс эҳсоси нафрати ғайритабиӣ нисбат ба чизи ношинос ва вайроншавии системаи асаб аст. Ин хусусияти психологии инсон ҳар хабареро, ки хуб бошад ё бад бошад, бо тарс қабул мекунад.

Дар вақташ ихтироҳои оламшумули олимони монанди Галилео Галилӣ (1564—1642) ва Николай Коперник (1473—1543)-ро бо шубҳа ва тарси зиёд қабул карданд. Дар асри XIX дар байни мардуми маҳаллӣ фикрҳои таассубӣ, аз қабили «Фаришта ба хонаи тунукадор намедароянд», «Картошка ғизои мусулмон нест», паҳн шуда буд.

Вақте ки шумо инро мешунавед, механдед. Бо вуҷуди ин, ҳатто дар асри XXI, ки тамаддун суръат гирифт, тарси мардум аз навовариҳои мусбӣ аз байн нахоҳад рафт. Объекти тарс иваз мешаваду халос.

Ксенофобия–(калимаи юнонии “xenos”-беона, “фобос” – тарс) дар забони юнонӣ маънои тарсидан аз чизҳо ёки мафҳумҳои бегона ва ношиносро дорад.



Дар тиббиёт ин калима ҳисси тарс ёки нафрат кардан аз шахс, ҳодиса ва дигар чизҳоро дорад. Тарсидан аз чизҳои ношинос, алалхусус, дар кӯдакон баръало зоҳир мегардад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

Донишомӯзи хатмкунандаи мактаб Севараро хешу табор ва наздикон ба муносибати донишҷӯи донишгоҳи бонуфузи хориҷа гардиданаш бо хушнудӣ табрик кардаанд. Севара ҳамчун донишҷӯи боистеъдод дар донишгоҳи хориҷ таҳсил хоҳад гирифт. Орзуву умедҳои рангин ва нотакрор дар дилу дидаи ӯ ояндаи дурахшонро ҷилвагар менамуданд.

Ксенофобия ба нописандии иркӣ ёки динӣ сабаб мегардад

Рӯзе, ҳангоми сururу фараҳмандӣ, вуҷуди Севараро тарси ботинӣ фаро гирифт. Ӯ аз ин ҳолати ногувор дар хавотир афтид ...

1. Ба фикри шумо Севара аз чӣ метарсид?
2. Тасаввур кунед, ки тарси дохилӣ чиро дар бар мегирад.
3. Севара бояд чӣ кор кунад? Маслиҳат диҳед.

## Барои маълумот



Дар асри XIX дар ИМА ҳаракати миллатгароёни сафедпӯстон бар зидди сиёҳпӯстон, ки «Ку-Клукс-Клан» ном дошт, пайдо шуд. Дар натиҷаи зулм ва ҳаракатҳои террористӣ нисбати сиёҳпӯстон дар ҷомеа ноороМиҳои зиёде ба вуҷуд омад. Ин гурӯҳи махфӣ, ки бо номи “наҷодпарастии сафед” маъруф аст, дар Иёлоти Муттаҳида аз ҷониби аскарони собиқи ҷанубӣ пас аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 1861–1865 ташкил шудааст.

Ба «қурбони»-и сиёҳпӯсте, ки ҳадафашон қарор мегирифт, навдаҳои дуб ё тухми афлесун мепартофтанд.

Шахсе, ки ин нишонаро гирифтааст, бояд кори гуфташударо иҷро кунад ё кишварро тарк кунад. Дар акси ҳол марги ногузир ӯро интизор буд.



*Ку-Клукс-Клан. Ҳаракати наҷодпарастони сафедпӯст дар ИМА.*
*(Ҳаракати сафедон дар Попи Маквей США. McVeigh, Rory)*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Андешаронӣ

Ба ғайр аз ксенофобияи динӣ навъҳои ксенофобияи этникӣ, миллӣ, иркӣ мавҷуданд. Нисбат ба ягон халқ (этнос) бо тарсу ҳарос назар кардан ва бо ин назарҳо ҳаракат намудан зуҳуроти ксенофобияи этникӣ аст. Дар воситаҳои ахбори омма вожаҳои "терроризм" ва "ислом" дар ҳолатҳои бисёр якҷоя истифода мешаванд, ки дар натиҷа мафҳуми тарс аз ислом – исломофобия пайдо мешавад.

Исломофобия баъзан дар шакли «табъизи динӣ» (дискриминатсияи динӣ) намудор мегардад.

«Табъизи динӣ» маҳдуд кардани ҳуқуқи одамон аз рӯйи мансубияти динӣ мебошад.

Фаъолияти гурӯҳҳои ифротгаро, ки зери ниқоби ислом амал мекунанд, исломофобияро афзоиш медиҳад.

Ин гуна гурӯҳҳо манбаъҳои исломро таъриф карда, ба манофеи хеш талқин мекунанд. Барои манфиати хеш ҳеҷ чизи муқаддас – дину миллат ва ватанро эътироф намекунанд. Ин гуна гурӯҳҳоро бо номи ислом вобаста кардан мумкин нест ва хунрезии онҳоро набояд ҳамчун "шарти ислом" маънидод кард.

> Зуҳуроти ксенофобии динӣ нисбат ба дигар динҳои ҷаҳонӣ низ татбиқ мешавад. Масалан, муносибати манфиро ба дини насронӣ "христианофобия" ва муносибати манфӣ ба дини яҳудӣ "юдофобия" меноманд.

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Исломофобия ба сулҳу суботи ҷомеа чӣ гуна таъсир мерасонад?
2. Ҷанбаҳои хос ва умумии ксенофобияи динӣ, этникӣ, миллӣ ва иркиро муайян кунед.








*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



3. Сабабҳои пайдоиши ксенофобияи динӣ чист?

4. Оё исломофобия ба маънавият хатар дорад? Фикри хешро шарҳ диҳед.

5. Кадом ҳуқуқвайронкуниҳо дар қонунҳои кишвари мо объекти «табъиз» шуда метавонанд?

6. Ӯзбекистон иҷрои чанд санади байналмиллалии ҳуқуқи инсонро ба зимма дорад?

Исломофобия як навъ ксенофобияи динии ба сулҳу суботи ҷомеа рахнандоз буда, натиҷаи бархӯрди якҷониба, яъне манфӣ нисбат ба дини ислом, эътиқодкунандагони ин дин ва ашёву мафҳумҳои марбут ба ин дин аст.

## Ганҷинаи андарзҳо

Моҳияти сулҳпарварии дини исломро дар яке аз сарчашмаҳои муқаддаси он ҳадиси шариф дида мешавад, ки оварда шудааст: «Сулҳ ва осудагӣ ду неъмати бузургест, ки аксар мардум аз он маҳруманд» (Имом Бухорӣ). Вожаи «сулҳ ва оромӣ» дар ин ҳадис, маънои онро дорад, ки тамоми мардум бояд барои сулҳу осоиштагӣ якҷоя кор кунанд, барои барқарории он тамоми имкониятҳошонро ба кор андохта моҳияти онро донистанашон лозим аст.

## Барои маълумот

15 октябри соли 2020 палатаи қонунгузории Маҷлиси Олӣ ва Сенати Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон қарори муштарак «Дар бораи Нақшаи ҳаракати миллӣ барои солҳои 2020-2022 аз рӯйи иҷрои мулоҳиза ва тавсияҳои ҷамъбастии кӯмитаи СММ оид ба барҳам додани табъизи нажодӣ аз рӯйи ҷамъбасти азназаргузаронии маърӯзаҳои даврии даҳум-дувоздаҳуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир ба иҷрои қоидаҳои Конвенсияи байналхалқии барҳам додани ҳама шаклҳои табъизи нажодӣ»-ро қабул кард.

## Андешаронӣ

Мошини як оилаи христианӣ аз маҳалле мегузашт, ки дар он ҳаракатҳои ҳарбӣ авҷ гирифта буд. Яке аз ҷангҷӯён мошини онҳоро боздошт ва гуфт: “Ту мусалмон ҳастӣ?”. Сардори оила «бале» ҷавоб дод. «Пас сурае аз Қуръон бихон», гуфт ӯ. Сарвари оила оятеро аз Инҷил хонд. Ҷангҷӯён онҳоро озод карданд. Дар роҳ занаш аз сардори оила пурсид: «Ин чӣ кори кардаат буд? Шумо ҳамаи моро зери хатар гузоштед. Агар он шахс он чизеро, ки шумо аз Инҷил хондед, мефаҳмед, пас чӣ мешуд?». – Натарс, ӯ Қуръонро намедонад, агар медонист, ҷанговар намешуд, – ҷавоб дод сардори оила.

1. Чаро сардори оила чунин ҷавоб дод?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Барои маълумот**

**Конвенсияи байналмилалӣ оиди барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъизи нажодӣ**





21 декабри соли 1965 қабул карда шудааст. Аз 4 январи соли 1969 ҷорӣ карда шудааст.



Шумораи давлатҳои аъзо – 182-то



Мониторинги иҷрои Конвенсияро Кӯмитаи СММ оид ба барҳам додани табъизи нажодӣ анҷом медиҳад.



Ӯзбекистон 31 августи соли 1995 ба Конвенсия ҳамроҳ шуд.



Шумораи давлатҳои ратификатсия накарда – 3 (Бутан, Палау, Науру).



Конвенсия дар Ӯзбекистон 28 октябри соли 1995 ҷорӣ гардид.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Натиҷагирӣ аз дарс

1. Дар ҷаҳон чанд давлат ва миллат мавҷуд аст?

2. Оё мумкин аст, ки ҳамаи миллатҳо, қавмҳо, нажодҳо ва динҳои ҷаҳонро ба як ҳолат овард?

3. Агар дидед, ки вакили ду миллати гуногун баҳс мекунанд, барои оштӣ кардани онҳо чӣ кор мекардед?

4. Ислом дар муомила бо намояндагони динҳои дигар ба чӣ даъват мекунад?

5. Оё шумо дар бораи динҳои ҷаҳонӣ медонед? Муайян кунед, ки кадом динҳо дар сарчашмаҳо мавҷуданд.

## Фаъолияти эҷодӣ

Ин усул барои муайян кардани дараҷаи стресси шахс пешбинӣ шудааст.

Дар дастурамал 12 амалу ҳолат пешниҳод карда шудааст. Ҷавобҳои дахлдор ба таври зерин баҳо дода мешаванд:

*Аз ҳад тез-тез – 6 хол*

*Тез-тез – 5 хол*

*Баъзан – 4 хол*

*Кам – 2 балл*

*Ҳеҷ гоҳ – 1 хол*

1) Шумо бад мехобед;

2) Шумо ҳамеша хаста ҳастед;

3) Шумо ҳаракатҳои ғайриихтиёриро анҷом медиҳед (зону задан, ларзиш, газидани ангуштон ва ғ.);

4) Шумо намехоҳед бо дӯстони хеш вохӯред ва шумо танҳо будан мехоҳед;

5) Шумо бисёр арақ мекунед;

6) Ғазабнок ҳастед;

7) Вақтҳои охир бе ягон сабаб гиря карданро одат кардаед;

8) Аз тангии нафас азоб мекашед;

9) Нороҳатона роҳ меравед;

10) Баъзан иштиҳоятон хуб аст, гоҳе нест мешавад;

11) Фаъолити меъдаатон вайрон шудааст;

12) Гоҳе ин ҷоятон, гоҳ он ҷоятон дард мекунад.

**Ҷавоб:**

***Камтар аз 40 хол.*** Баъзан ба ҳолати стресс меафтад, аммо хешро идора карда метавонад;

***40-48 хол.*** Баъзан ба ҳолати стресси мӯътадил меафтад;

***Зиёда аз 48 хол.*** Сатҳи баланди стресс. Тарзи зиндагиро аз нав дида баромадан лозим аст. Барои рафъи стресс ба равоншинос муроҷиат кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮЪҲОИ 10–11: МИССИОНЕРӢ – ТАҲДИД БА ОЯНДАИ ҶАВОНОН

## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Шумо дар бораи миссионерӣ ва прозелитизм чӣ медонед?
2. Ба назари шумо ҳадафҳои асосии миссионерӣ чист?
3. Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи миссионерӣ чӣ мефармояд?
4. Миссионерӣ ба ҷомеа чӣ гуна таъсир мерасонад?

## Андешаронӣ

**Миссионерӣ** – ин фаъолияти маҷбуран азхуд кардани ақидаҳои динӣ ва паҳн кардани таълимоти динӣ дар байни шахс (гурӯҳи шахсон) бо таъсири мақсадноки идеологӣ ба дини хеш даровардани он (онҳо) мебошад.

**Прозелитизм** як шакли фаъолияти миссионерӣ мебошад, ки барои аз як мазҳаб ба мазҳаби дигар табдил додани диндорон равона шудааст.

**Секта** гурӯҳе аст, ки даъвои "дини ҳақиқӣ", "наҷотдиҳанда"-и мардум мекунад, аммо дар асл ҳадафҳои муайяни сиёсиву иқтисодиро дунбол мекунад.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Аз Ватан бегона шудан ба кадом оқибатҳо меоварад? Дар ин хусус фикру мулоҳазаатонро баён намоед.

2. Бо инкор гардидани мафҳуми "Ватан" боз кадом мафҳумҳо моҳияти аслро гум мекунад? Кадом арзишҳо зарар мебинанд?

3. Фикри «Агар доноре ёфт нашавад, ки ба кӯдаки бемор хун супорад...» давом диҳед. Андешаҳоятонро баён намоед.

Аксари сектаҳо мафҳуми «Ватан»-ро батамом рад мекунанд. Дар баъзе сектаҳо хуни як касро ба дигараш гузарондан гуноҳ аст.

Мувофиқи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ анемияи норасоии оҳан дар кӯдакони навзод дар 25% ҳолат, дар кӯдакони то 4 сола 43%, дар кӯдакони 5-12 сола 37%, дар наврасони давраи балоғат дар 30% ҳолат мушоҳида мешавад.



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Барои маълумот

Ҳеҷ кас набояд ҳар гуна эътиқоди динии хешро сабаб карда, аз иҷрои маҷбуриятҳои дар қонун нишон дода шуда даст кашад. Иваз кардани як вазифа ба дигараш дар асоси эътиқоди динӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иҷозат дода мешавад.

*Аз моддаи 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ»*

## Андешаронӣ

Агар соли 1970 дар 2200-то миссияи хориҷӣ 240 000 нафар миссионери профессионал фаъолият бурда бошад, дар соли 2000 дар 4800 миссияи хориҷӣ 420 000 нафар миссионер корҳои тарғиботӣ бурдааст. Дар соли 1970 барои фаъолияти миссияҳои хориҷӣ 3 миллиард доллари ШМА сарф шуда бошад, соли 2000 ин нишондиҳанда ба 12 миллиард расид. Ба сафи марказҳои намоёни миссионерӣ "Мактаби миссияҳо ва умумиҷаҳонии насронӣ" (Бирмингем), "Маркази Генри Мартин" (Кембриҷ, Британияи Кабир), Донишгоҳҳои Григориян ва Урбаниан (Ватикан), "Маркази омӯзиши миссияҳои хориҷӣ"-ро (Ню-Хейвен, ШМА) дохил кардан мумкин.

## Ганҷинаи андарзҳо

Инсон аввало ба қарор ва хулосаҳои қабулкардаи худ ва инчунин дигар қарорҳои марбут бояд итоат кунад.

*Ситсерон*

## Фаъолияти эҷодӣ

Мафҳуми «инсон ба хеш итоат карданро омӯхтанаш лозим»-ро шарҳ доред?

"Омӯхтани итоаткорӣ ба қарорҳои хеш" гуфта чиро мефаҳмед?

Фикри хешро дар робита ба тамоили «Бар зидди фикр бо фикр, бар зидди ғоя бо ғоя, бар зидди ҷаҳолат бо маърифат» баён намоед.





Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ

Миссионерон барои ба роҳ мондани фаъолияти хеш минтақаҳои муҳимро дар ҳудудҳои муайян интихоб мекунанд. Масалан, имрӯз таваҷҷӯҳи миссионерҳои насронӣ ба минтақае нигаронида шудааст, ки онро “равзанаи 10/40” меноманд.

Ин минтақа макони кишварҳое мебошад, ки аксарияти аҳолии онҳо ба дини ислом, буддоӣ, конфутсӣ ва ҳиндуӣ эътиқод мекунад. Ин минтақаҳо дорои як қатор бузургтарин захираҳои газ, нафт ва уран дар ҷаҳон, роҳҳои муҳими стратегии транзити байниқитъавӣ, гулӯгоҳҳо ва халиҷҳо мебошад.

То ки мрӯз қонунҳои кишварҳое, ки ба созмонҳои миссионерии протестантӣ табдил ёфтаанд, ба хориҷиён иҷозат медиҳад, ки бидуни раводид ворид шаванд. Ба созмонҳои динӣ инчунин иҷозат дода шудааст, ки мустақилона кӯмакҳои хайрияро аз хориҷи кишвар дарёфт ва тақсим кунанд. Набудани маҳдудият дар тарғиботи динӣ барои конфессияҳо, бахусус ҷамоатҳои евангелӣ-протестантӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад.




Майдони байни параллелҳои 10-ум ва 40-ум, ки аз соҳилҳои уқёнуси Атлантика то Осиёи Хурд ва Осиёи Миёна, нимҷазираи Арабистон ва соҳили уқёнуси Ором дар Осиёи Ҷанубӣ тӯл кашидааст, «зонаи моҷароҳо» мебошад.

*Алфред Мексен, сиёсатшинос*

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Такя ба донишҳои андӯхтаи фанни таърих ва география муайян кунед, ки кадом кишварҳо дар харита ба хати параллели 10-ум ва 40-ум ҷой гирифтааст.

2. Имрӯз шиддати иҷтимоъиву сиёсӣ, аксари низоъҳои мусаллаҳ дар кишварҳо дар доираи «равзанаи 10/40» ба вуҷуд меоянд. Ба фикри шумо сабаби ин дар чист? Фикри хешро бо мисолҳо асоснок кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ

...Охири тирамоҳ буд. Рӯзе вақте аз кор бармегаштам, зану ду фарзандам, ки мудом маро дар назди дар пешвоз гирифта, шодӣ мекарданд, кадом як намоишеро нишаста тамошо мекарданд. Фарзандонам он рӯз ба наздам давида нарафтанд, чун одат дар сари дастархон бо ҳам хӯрок нахӯрдем ва пеш аз хоб ба ҳамдигар хуб орзу намекардем. Пас аз тамошои якчанд наворҳои видеои падар Виссиарион, ки аҳли оилаамро ба шавқ овард, занам аз пӯхтани хӯроки гарм даст кашид. Ба фарзандонам ҷуворимаккаи хом ва гандум додан гирифт. Аз додани гӯшту шир ва дору ба бачаҳо даст кашид. Фарзандонам дар пеши назарам нотавон мешуданд, зуд-зуд бемор мешуданд, аммо занам аз табобату дору худдорӣ мекард, ҳатто мегуфт, ки мехоҳад фарзандонамро ба деҳаи дур фиристад, онҳоро ба ҳаёти ҷовидонӣ омода созад...

Рӯзе писарчаамро табларза гирифт ва гиря кард. Ман мошини ёрии таъҷилиро даъват кардам. Занам писарамро сахт ба оғуш гирифта зориву зорӣ мекард, ки аз он ҷо набарояд. Писарамро ба беморхона бурданд. Гӯё пардаи чашмони занам бардошта шуда бошад. Гирист ва гуфт, ки марде, ки хешро Масеҳ номид, ба доми ҷаҳолат ва таъсир афтодааст. Ман тарсу ваҳшатзада будам. Ман фаҳмидам, ки занам зери фишори зиёд қарор дорад ва роҳҳои мубориза бо онро меҷӯяд.

Ба ҳамаи онҳое, ки номаи маро хондаанд, гуфтаниам, ки шумо бояд маълумоти дар рӯзномаҳо, радиою телевизион ва дар интернет чопшударо ҳамеша таҳлил кунед.

Дар хотир доред, ки барои манфиати моддӣ, ба манфиати доираи танги одамон ҷони хеш ва наздиконатонро зери хатар нагузоред.

*Р.Н., кишвари Краснодар*

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Бемории фарзандаш сабаб шуд, ки аз ин роҳ баргардад. Ба фикри шумо, агар кӯдак бемор намешуд, оқибати ин кор бо чӣ анҷом меёфт? Кадом фазилатҳои зан дар боз кардани чашмонаш сабаб шуданд?

2. Барои расидан ба ҳадафҳояшон ба хатар гузоштани ҳаёти наздикону атрофиёнро чӣ гуна баҳо медиҳед? Фикри хешро шарҳ диҳед. Оқибатҳои таваккал чӣ гунаанд? Фикри хешро дар се равия баён кунед: 1) ба аъзоёни оила; 2) ояндаи ҷавонон; 3) нисбат ба ҷомеа ва давлат.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Фаъолияти эҷодӣ

1. Расмҳоро шарҳ диҳед. Ҳикоя эҷод кунед.

2. Оё вазъияти дар расми 11 овардашударо пешгирӣ кардан мумкин аст? Оё ин кирдорҳои наврас ба оромии ҷомеа таъсир мерасонад?

3. Оё вазъиятро дар расми 5 ва 6 «манипулятсионӣ» номидан мумкин аст? Чаро?

4. Мақсади асосии миссионерӣ ва прозелитизм чист?






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Андешаронӣ

## Арасот

Салоҳиддину Матлуба аз сафар баргашта, ба идораи Ӯрмонхон омаданд.

– Сафарҳо чӣ тавр гузашт, Салоҳиддинбой? – истеҳзоомӯз гуфт Ӯрмонхон.

– "Аъло!" Вақти рафтанамон ҳама ба мо муносибати хуб карданд. Бисёр чизҳоро ёд гирифтем. Бисёр чизҳоро омӯхтем... Ҷолиб он аст, ки мо намедонистем, ки ним сол чӣ гуна гузашт...

Матлуба аз касе қарзи калон гирифта чӣ тавр баргардонидани онро намедонист, «Акнун чӣ мешуда бошад?» гӯён ба хаёл рафта буд, ки гулӯхории шавҳар хаёлашро парешон кард. Вай дарҳол ҳушёр шуд ва мисли тӯтиёни таълимдида ба сухан даромад:

– Бо мадади шумо мо ба ин дараҷа расидем. Барои ҳамаи ин аз шумо Ӯрмонхон ака тамоми умр миннатдорем.

– Дуруст, – гуфт Салоҳиддин ба гапи занаш розӣ шуда.

– Хайр, ин ибтидо аст. Мо ҳоло ҳам корҳои зиёде дорем...

Матлуба бо нигоҳи саволомӯзи «боз чӣ?», «кадом кор?» ба шавҳараш нигарист. Агарчи нигоҳи ӯро дида бошад ҳам Салоҳиддин ифодаи чеҳрааш тағйир наёфт. Нигоҳаш дар Ӯрмонхон буд.

– Шумо дар хориҷа таҳсил кардаед ва бисёр чизҳоро омӯхтаед? Акнун шумо метавонед дар байни мардум равед ва бо забони ӯзбекӣ шарҳ диҳед. Мо бояд шумораи дӯстонамонро зиёд кунем.

– Ӯрмонхон ака, ҳамааш чунон мешавад, ки шумо гуфтед, – тамаъкорона гуфт Салоҳиддин. Матлуба бо нигоҳи "Дуруст мегӯям?" ба шавҳараш як нигоҳ карда, "Ман занони ҳамсояро ба ин кор даъват мекунам" гуфт ӯ.

– Пеш аз ҳама одамонеро ёфтан лозим аст, ки ба ёрӣ эҳтиёҷ доранд, дар зиндагӣ ранҷ мекашанд. Ин гуна одамонро бо пул фиреб додан осон аст. Суханони ӯ ба Матлуба гӯё «пулро гирифтаӣ, акнун гуфтамро мекунӣ...» садо дод. Ӯрмонхон супоришро давом дода гуфт:

– Ба ҷавонони имонашон суст аҳамият додан лозим аст. Зеро дар оянда онҳо...

Суханони Ӯрмонхонро Салоҳиддин бурида:

"Идора кардан осон мешавад", – гуфт ӯ меҳрубониашро нишон дода.

Фаъолияти эҷодӣ

1. «Ҷавонони имонашон суст» гуфта киҳоро дар назар доред? Чаро?

2. Ба фикри шумо Салоҳиддин ва Матлуба бо кадом сабабҳо ба роҳи миссионерӣ ворид шуданд?

3. Мақсади асосии Ӯрмонохон чӣ буд? Ҳадаф аз сарпарастии харҷи сафари Салоҳиддин ва Матлуба чӣ буд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Матлуба аз хориҷа барои дидани падару модараш баргашт. Ҳангоми сӯҳбат падар шунид, ки духтараш дини дигарро қабул кардааст, гуфт:

– Ба хеш биё, духтарам, оқибати ин кор бад мешавад, одами аз имон рӯ гардонда аз ҳайвон чӣ фарқ дорад? Дар овози падараш дилсӯзӣ ва илтимос намудор буд. Матлуба бо ҳамин оҳанг:

– Наметавонам, ба домодатон ваъда додам, падар.

Матлуба ба замин нигаристу суханашро давом дод:

– Агар ман аз ин роҳ баргардам, маро ва кӯдаконамро аз хона пеш мекунад.

«Афташ пӯсад, ҳамон домодро, ҷудо шав духтарам, то зинда ҳастем, туро танҳо намегузорем...» гӯён падар ба духтараш илтиҷо кард. Матлуба дар ҳайрат монд. Як бо модару як ба падар нигарист. Вай рост ба чашмони падараш нигаристу гуфт:

– Падарҷон, ман фарзандонамро зинда ятим мекунам? Шумо ба фарзандони ман падарӣ карда метавонед?

Матлуба бо чунин оҳанг сухан ронда, падараш ба сӯйи занаш нигарист. Аз ин нигоҳ саволи " Чаро хомуш истодаӣ?"-ро фаҳмидан душвор набуд. Вай низ аҳволи шавҳарашро дида, саросемавор гуфт:

– Агар шавҳарат кофир бошад, меҳри падар дар вай чӣ кор кунад? Акнун ғами фарзандонатонро хӯрдаӣ? Онҳоро партофта ним сол дар ким куҷоҳо ғайб зада рафтед. Ним сол ин бечораҳо дар роҳи шумо гиря карданд. Боз дар бораи меҳрубонӣ гап мезанед? "

Чашмони падар ба хондани он чӣ дар дили духтараш буд, дӯхта шуд. Матлуба аз ҷояш рост шуда, сарашро бардошт, гӯё чизи муҳимро эълон мекарда бошад, далерона гуфт:

– Маро аз ин роҳ нагардонед, модар.

–"Охир ..."

– Баръакс, ба мо ҳамроҳ шавед, кам намешавед ...

Падар бо шунидани чунин пешниҳод аз духтараш ба рӯйи миз чунон мушт зад, ки занаш ӯро дастгир кард, то ки мушти навбатӣ ба сари духтараш нарасад.

– Духтарам, ту чӣ мегӯӣ, аз гуфтани ин гапҳо шарм намедорӣ? – Модар дасти шавҳарашро сахттар гирифт. Падар, ки аз духтараш чунин суханро интизор набуд, чуқур нафас кашид. Гӯё чизе дар гулӯяш дармонда бошад. Гӯё касе ӯро буғӣ мекарду садояш намебаромад. Падар нафаси чуқуре гирифта, сарашро, ки ба миз такя карда буд, боло бардошта, тамоми қувваашро ҷамъ кард:

– Аз назарам дур шав, ман ту барин духтар надорам! Ман бо намаки додаам розӣ нестам! дод зад ӯ...

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Фикр кунед, ки дар кадом шароит падар мегӯяд: «Дур шав аз назарам, ман мисли ту духтар надорам! Ман бо намаки додаам розӣ нестам! ".



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



2. Агар мунокишаи байни Матлуба ва падару модараш байни ҳамсояҳо ва дигар аъзоёни ҷомеа рух диҳад ба кадом оқибатҳо меорад?

## Барои маълумот

Бо сабаби фаъолияти миссионерон дар солҳои 70-уми асри XX дар шаҳри Сан-Франсиско дар натиҷаи ташкилоти “Ибодатхонаи халқ”, ки ба он Ҷим Ҷонс асос гузошта буд, 912 нафар, дар штати Техаси ШМА дар оқибати фаъолияти сектаи “Авлоди Довуд”, ки аз тарафи Девид Кореш ташкил шуда буд, қариб 100 кас, аз аъзоёни сектаи “Дарвозаи осмон”, ки дар ШМА пайдо шуд, беш аз 60 нафар, беш аз 1000 нафар аъзои сектаи “Ҳаракати аз нав барпо кардани даҳ амри Худованд”, ки дар Уганда ба вуҷуд омада буд, ба ҷони хеш қасд карданд.

## Андешаронӣ

**Миссионерон фаъолияти хешро бо роҳҳои зерин амалӣ мекунанд:**

– бо баҳонаи омӯзонидани забонҳои англисӣ, кореягӣ, компютер ба ҷавонон курсҳои омӯзишӣ боз мекунанд ва дар ин ҷойҳо дину мазҳаби хешро тарғиб мекунанд;

– истифодаи фиристодан ба хориҷа барои таҳсил, кор ё издивоҷ бо шаҳрванди хориҷӣ;

– фиристодани кӯдакону наврасон ба истироҳатгоҳҳои тобистона дар минтақаҳои кӯҳӣ ва расонидани кӯмаки психологӣ ба онҳо;

– расонидани кӯмаки хайрия (тақсими пул, доруворӣ, сару либос, хӯрокворӣ), кӯмак ҳангоми таъмири хона ҳаракати миссионериро ба амал овардан;

– бо баҳонаи расонидани ёрии тиббии ройгон ба бемор таъсир расонидан;

– ба оилаҳои эҳтиёҷманди ҳифзи иҷтимоӣ супурдани бузу гов, дар рӯзҳои ид ба кӯдакон дар маҳаллаҳо тақсим намудани тӯҳфаҳо, дар хонаҳои «Мурувват» ва «Саховат» дастархони идона ташкил кардан.

## Натиҷагирӣ аз дарс

1. Така ба маълумотҳои фарогирӣ моддаи 57-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста бо мавзӯи «Ҷиноятҳо бар зидди сулҳ ва амният» -и фанни “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” таҳлил кунед.

2. Амир Темур: «Ман низ фармон додам, ки сеяки лашкар ба посбонии марз ва ду қисми дигар ҳамеша дар хидмати подшоҳӣ бошанд».

а) Ҷаро Амир Темур чунин роҳро интихоб кардааст? Мулоҳиза кунед.

б) Таъсири ин андешаи дар «Тузукоти Темур» овардашударо ба муқоисаи ҳаёти имрӯз баён намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮЪҲОИ 12–13: МАДАНИЯТИ ИСТЕЪМОЛИ АХБОРОТ ДАР КИБЕРМАКОН

## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Ба расмҳои зерин бодиққат нигоҳ кунед ва ба онҳо муносибати хешро баён кунед.

2. Мафҳумҳои «иммунитети мафкуравӣ», «арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ», «одоб ва ахлоқ», «ҳаёву тафаккур», «маданияти оммавӣ»-ро шарҳ диҳед.

3. Ба фикри Шумо, тасвирҳои сатри дуюм ба рӯҳияи инсон, махсусан кӯдакони хурдсол чӣ гуна таъсир мерасонанд?



## Андешаронӣ

Ахборот маҷмӯи сигналҳоест, ки шахс тавассути ҳиссиёташ қабул мекунад.

Маълумоте, ки тавассути радио, телевизион, телефон ва интернет интиқол дода мешавад, шаклҳои гуногун дорад. Инҳо матн, тасвирҳо, видеоҳо, системаҳои гуногуни аломатҳо ва ғайраро дар бар мегиранд. Кинематография имрӯз ба яке аз роҳҳои пуршиддати интенсивии информатсия табдил ёфтааст. Филм на танҳо барои расонидани иттилоот, балки барои тарбия, ташаккули идеология, ҷаҳонбинӣ ва эътиқод низ хидмат мекунад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

1. Оё шумо аз субҳ то хоб рафтанатон ба чизҳои атроф диққат медиҳед? Гуфта метавонед, ки онҳо дар бораи хеш маълумот медиҳанд?

2. Оё шумо метавонед маълумотро ҳамчун маълумотҳои зарурӣ ё нолозим гурӯҳбандӣ кунед?

3. Кадом маълумот метавонад ба шумо лозим бошад?

4. Дар баъзе мавридҳо аз шабакаи ҷаҳонии интернет маълумотеҳое, ки шумо дархост накардаед ё ба ахлоқи умумибашарӣ зид ҳастанд, ба шумо меоянд. Киҳо аз интишори чунин хабарҳои номатлуб манфиатдор ҳастанд? Барои чӣ?

## Андешаронӣ



Ташкилотҳои гуногуни миссионерӣ тавассути кинематография ғояҳои хешро бо ишораи ошкорӣ, таъсиррасонии пинҳонӣ, психологӣ ва дигар роҳҳо ба амалӣ карданашон мумкин.

Дар сериалҳои мухталифи ғарбӣ ва дигар кишварҳо, ки онҳоро ҳар як хонавода дӯст медоранд ва тамошо мекунанд, як руҳонӣ ҳамчун дӯсти хонаводагӣ пешбарӣ мешавад, ки ҳама мушкилотро ҳал мекунад ва аз асрори аъзои оила огоҳ аст. Ё дар филмҳои ҳиндӣ маросими итоаткунӣ ба ягон дин (бо воситаи фил, маймун, гов ва ғ.) намоиш дода мешавад ва онҳоро ҳамчун наҷотдиҳанда маънидод мекунанд.

Натиҷаи ин ба ...... оварданаш мумкин.

Ба ҷойи нуқтаҳо муносибати хешро баён кунед.

## Ганҷинаи андарзҳо

Ба ҳар як чиз бо диққат назар кун – фоидашро ҳам, зараташро ҳам бин. Назар ба он ки дар бораи дигарон фикр кунед, дар бораи хеш бештар кор кунед,

*Лев Толстой*





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

1. Ҳикояи зеринро хонед. Азиз чӣ тавр метавонад бародаронашро парешон кунад?

2. Ҳаракатҳои Азизро баҳо диҳед. Шумо бошед чӣ кор мекардед?

3. Дар асоси рукни «Ганҷинаи андарзҳо», «Андешаронӣ» фикратонро баён намоед.

**Акнун навбати ман аст**



Азбаски волидони Азиз ба базми бегоҳӣ даъват шуда буданд, онҳо ба Азиз нигоҳубини додару хоҳараш, сари вақт хӯрок хӯрдан ва ба компютер банд нашуда ба бародарони хеш беэътиборӣ накарданро супориш дода рафтанд.

Хоҳари Азиз ҳанӯз 4-сола нашудааст. Бародараш 6-сола аст. Бачаҳо хостанд мултфилмҳои дар телевизор дода шудаистодаро тамошо кунанд ва «афсона-афсона» бозӣ кунанд. Хоҳари Азиз ба бародараш гуфт: «Ман Оппоғой мешавам, чашмонамро мебандам, ту аз лабонам бӯса карда, маро зинда мекунӣ». Бародараш: "Не ман Махлуқ мешавам, ту бошӣ Соҳибҷамол" гуфта бо ҳамдигар ҷанҷол карданд...



Азиз, ки ҷангро тамошо мекард, зуд телевизорро хомӯш кард. Аз онҳо ба ғазаб омада, «мултфилму афсона нест» гуфт, вале бародаронашро ба чӣ банд карданашро надониста монд...

## Ганҷинаи андарзҳо

Истилоҳи "ҷанги иттилоотӣ" бори аввал аз ҷониби физик Томас Рон истифода шудааст. Вай диққати ҳамаи шахсони масъулро соли 1976 ба ин масъала ҷалб намуд.

Ҳаё ва имон ба ҳам наздиканд. Вақте ки яке аз онҳо нест мешавад, дигараш ҳам нопадид мешавад.

*Ҳадис*

## Андешаронӣ

Беҳаёгиро тамоми динҳо маҳкум мекунанд. Ин иллат ҳам ба арзишҳои умумибашарӣ ва ҳам ба арзишҳои миллӣ мухолиф аст.

Диққат диҳед, ки дар мултфилмҳо ва филмҳое, ки бародаронатон тамошо мекунанд, чӣ рӯй медиҳад. Зеро тавассути ин гуна ахбор одатҳое, ки қоидаҳои одобу ахлоқро вайрон мекунанд, метавонад як ҷузъи зиндагии онҳо гарданд

Кибернетика (аз юнонӣ – «санъати идоракунӣ» ) – илм дар бораи қонунияти равандҳои идоракунӣ ва ирсоли иттилоот дар системаҳои гуногун.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

Ба тасвирҳои дар поён овардашуда бодиққат нигаред ва онҳоро шарҳ диҳед. Дар дафтари хеш ҷадвалро кашед ва пур кунед.

| Мавзӯи мултфилмҳо: | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Мафҳумҳо ва ғояҳои бадахлоқонаи онҳо: | | | | | | |
| Таҳдидҳои мафкуравӣ, ки ба арзишҳои миллӣ ва динӣ мухолифанд: | | | | | | |
| Саҳнаҳои даҳшатнок: | | | | | | |
| Сурудҳо дар онҳо: | | | | | | |
| Саҳнаҳое, ки ба шумо маъқуланд: | | | | | | |
| Ғояи асосии онҳо: | | | | | | |
| Кадом мултфилмҳоро ба бародаронатон тавсия медиҳед, ки тамошо кунанд? | | | | | | |
| Воқеаҳое, ки асаби инсонро аз роҳ мебарорад: | | | | | | |
| Ба фикри шумо дар иштироки кадом қаҳрамонҳо мултфилмҳо бояд таҳия карда шаванд? | | | | | | |
| Ғояҳои мултфилмҳо бояд ба чӣ хизмат кунанд? | | | | | | |


1


2


3


4


5


6



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Андешаронӣ**

## Суханони бемағз

Ман барои кор кардан ба Маскав рафтам. Дар вақтҳои холӣ ба интернет даромаданро одат кардам... Оҳиста-оҳиста узви гурӯҳҳои мухталифи шабакаҳои иҷтимоӣ шудам. Ман тавассути ин гурӯҳҳо дӯстони нав пайдо кардам. Ин «дӯстон» маро бо паҳлӯҳои гуногуни дин шиносоӣ карданд.

Баъдтар дар Маскав бо чанд “бародарон”-и нав шинос шудам... Ман тавассути интернет сӯҳбатҳои дар лагерҳои ҷангариёни Покистону Афғонистон ва наворҳои моҷарои Сурияро тамошо мекардам. Аз чӣ сабаб бошад, ки ба кори онҳо завқи калон доштам.



Вақти аз Маскав ба хона баргаштанам бо хеш маърӯзаҳои дар флешка сабтшуда ва видеоҳои аз интернет гирифта шударо овардам, то ки аҳли оила ва дӯстонамро ба онҳо шинос кунам ва таълим диҳам. Мутаасифона, дер фаҳмидам, ки ҳангоми сафар он чизе, ки аз интернет ёфтам, маълумоти холӣ ва фасодкунанда аст ва он чизе, ки «бародарон» ба ман фаҳмонданд, аз дини ҳақиқии ислом дур аст.

*Аз китоби «Ҳимоя аз таҳдидҳои интернет»*

**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Фикри «Ҳар касе, ки маълумот дорад, ҷаҳонро соҳиб аст»-ро чӣ гуна мефаҳмед?
2. Маълумоти расмӣ ва ғайрирасмии интернетӣ гуфта чиро мефаҳмед? То чӣ андоза ба маълумоти ғайрирасмӣ бовар мекунед?
3. Барои паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, халалдор кардани оромии шахсон дар арзишҳои миллии мо чӣ гуна арзёбӣ мешавад?
4. Вақте ки одамони ношинос ба телефони мобилӣ ё почтаи электронии шумо хабар мефиристанд, шумо чӣ гуна муносибат мекунед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Андешаронӣ

## Аз торикӣ рӯшноӣ меҷӯям

Иҷозат диҳед ба шумо воқеаҳои аз сарам гузаштаро нақл кунам.

Рӯзе ба телефони дастиам хабари "Ҳиҷрат карданатон лозим аст" омад. Ман аз сабаби нафаҳмидани калимаи "ҳиҷрат" маълумотҳоро дар ин бора ҷустуҷӯ кардам. Дар яке аз шабакаҳои иҷтимоӣ одамонеро пайдо кардам, ки инро ба ман фаҳмониданӣ буданд. Дар асоси тавзеҳоти тӯлонии онҳо ман барои ширкат дар амалиёти Сурия тайёрӣ медидам. Сарҳадро ғайриқонунӣ убур карда, ба хориҷ баромадам. Барои зиёд кардани ҳамсафонам ба телефонҳои мобилии шахсони ба худам монанд даъватномаҳои гуногун фиристодам.

Намедонистам, ки кори маро кӣ маблағгузорӣ мекунад. Телефонам 24 соат кор мекард. Азбаски дар компютер хуб кор мекардам, худам маълумоти гуногунро қабул мекардам. Онҳоро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгир мекардам. Ҳамаи ин маълумот дар зери ниқоби дин буд.



Вазифаи ман аз он иборат буд, ки дар байни мардум гапҳои бофтаи зиддиҳукуматиро паҳн карда, тарафҳои заифии инсонҳоро аниқ намоям ва онҳоро ба сафамон ҳамроҳ кунам. Баробари дидани воқеаҳои Украина, Қирғизистон, Сурия чашмам кушода нашуд.

Ана, имрӯз дар курсии сиёҳ нишаста, корҳои кардаамро сарҳисоб карда истодаам. Оилаҳои бесарпаноҳ, тифлони ногирон, кӯдаконе, ки намедонистанд бо ҷисми беҷони падару модарашон чӣ кор кунанд, якояк аз пеши назарам мегузашт..

Адвокатҳоям ба ман гуфтанд, ки аз мардумамон, президентамон узр пурсам, ба гуноҳам иқрор шавам, туро мебахшанд, авф мекунанд, ҳадди ақалл ҷазоро сабуктар мекунанд.

Шояд Президент маро бубахшад, мардуми таҳаммулпазир ҳам бубахшанд, аммо виҷдонам чӣ? ....

Шумо ин хатогиҳои маро такрор накунед. Дар торикӣ рӯшноӣ меҷӯям. Ба қадри озодиву сулҳ бирасед.

*Аз китоби "Гумроҳ"*

Фаъолияти эҷодӣ

1.Ҳарду ҳикояҳо чӣ умумият доранд?

2. Шумо саволи "Аммо виҷдони ман чӣ мешавад?"-ро чӣ гуна мефаҳмед.

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Барои маълумот**



20 январи соли 2014 бо қарори рақами 10-уми Маҳкамаи Вазирони Республика Низоми "Дар бораи тартиби таҳия, воридот ва тақсимоти моводи динӣ дар қаламрави Республикаи Ӯзбекистон" тасдиқ карда шуд. Тибқи маълумоти "Лабораторияи Касперский", 1,6% ҳамлаҳои киберӣ дар Ӯзбекистон тавассути банк-троянҳо сурат мегирад.



Аз рӯйи шумораи корбарон Ӯзбекистон дар байни 10 кишвари ҷаҳон, ки аз ҳамлаҳои кибер-вирусӣ қурбонии банктроянҳо шудаанд, дар ҷойи 10-ум қарор дорад. Тибқи ҷуғрофиёи хатари дастгоҳҳои мобилӣ, дар Ӯзбекистон ҳамасола аз 1000 то 50000 барномаи вирусӣ ба дастгоҳҳои мобилӣ осеб мерасонанд.

**Натиҷагирӣ аз дарс**

1. Дар яке аз саҳнаҳои филми ӯзбекӣ ҷавонон ҷамъ шуда, бо ҳам ҷангу ҷанҷол мекунанд ва «Далер бош, мард бош, бо дӯст дӯст бош...» гӯён месароиданд. Мафҳумҳои "дӯст будан" ва "мард будан"-ро дар ин ҷумла бо ҳикмати «Бақувваттарин шахс касест, ки дар вақти ғазаб хешро идора мекунад» вобаста кунед .

2. Нақши ахборот дар мубориза барои шуури инсон чӣ гуна аст?

3. Ба фикри шумо, оё инсон бояд фарҳанги истеъмоли ахборот дошта бошад? Барои чӣ?

4. Кинофилмҳо дар ҳаёти шумо чӣ нақш доранд? Кадом кинофилмҳо ба шумо маъқуланд? Аз ҳар филми тамошо кардаатон чӣ гуна таасурот мегиред?

5. Низом «Дар бораи тартиби аз экспертизаи диншиносии давлатӣ гузаронидани материалҳои дорои мазмуни динӣ» кадом амалҳоро ба танзим меорад? Матни ин низомро хонед ва мазмуни онро фаҳмонед.

**Ганҷинаи андарзҳо**

Каломи бе нафъ зиёда магӯ ва аз зикри каломи пурнафъ канора маҷӯ.

*Аз "Маҳбуб-ул-кулуб"-и Алишери Навоӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮЪҲОИ 14-15: ҒОЯҲОИ СУЛҲ ДАР ДИНҲОИ ҶАҲОН

## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Маънои зарбулмасали “Дар хонае, ки як рӯз ҷанг шудааст, чил рӯз барака меравад”-ро фаҳмонед.
2. Дар бораи оқибатҳои ҷангу харобиҳо се мисол оред.
3. Накши ҳамбастагии байни миллатҳо ва мазҳабҳо дар таъмини амнияту субот чӣ гуна аст? Фикри хешро бо мисолҳо асоснок кунед.

## Андешаронӣ

Ҳар як дин пайравони хешро ба сулҳ ва инсондӯстӣ даъват мекунад. Ягон дин хунрезии беадолатона, ҷанг ва фасодро тарғиб намекунад. Аҷдодони мо ҳамеша таъкид мекарданд, ки дар кори хайру наҷиб якҷоя кор кардан хислати инсонист.

## Фаъолияти эҷодӣ

Матнро бихонед ва истилоҳи “иммунитети мафкуравӣ”-ро шарҳ диҳед.

“Маълум аст, ки барои гирифтани пеши роҳи ҳар гуна беморӣ, аввало, дар организми инсон бар зидди он иммунитет ҳосил карда мешавад. Мо ҳам барои дар қалби фарзандонамон ташаккул додани муносибати солим ба Модар–Ватан, таърихи ғаниамон, дини муқаддаси аҷдодонамон, таъбир ҷоиз бошад, иммунитети мафкуравиашонро пурзӯр карданамон зарур аст”.

*Ислом Каримов*

## Ганҷинаи андарзҳо

«Эй фарзанд! Мамлакати Ҳиндустон аз мазҳабҳои гуногун иборат аст. Ҳаққи Субҳоноллоҳ таъоло амр шуд, ки ба ҳар мазҳаб бо қалби пок нигарӣ ва нисбат ба ҳар мазҳаб ва фирқа адолатнок бошӣ. Хусусан, аз қурбонии гов хешдорӣ кун, зеро он дилпарвари мардуми Ҳиндустон аст ва мардуми ин музофот бо назари нек нисбат ба шоҳ иртибот доранд. Мардумеро, ки ба фармони подшоҳ итоат мекунанд, нобуд макун. Адолатро интихоб кун. Он гоҳ шоҳ аз халқ ва халқ аз шоҳ хотирҷамъ мешавад. Пешравии ислом бо теғи эҳсон беҳтар аст. На бо теғи зулм”.

*Аз «Васиятнома»-и ба Ҳумоюн навиштаи Заҳириддин Муҳаммад Бобур*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

Муносибати дин ва давлатро дар кишвари мо дар асоси расмҳои овардашуда ва матни зерин шарҳ диҳед.









Устувориҳои асосии таъмини озодии виҷдон дар кишвари мо инҳоянд:

– сарфи назар аз мансубияти динии шаҳрвандон барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои озодии виҷдон бидуни азхудкунии ҳатмии ақидаҳои динӣ шароити баробар фароҳам овардан;

– таҳкими сулҳу иттифоқии байни динҳо, таъмини таҳаммулпазирии динӣ дар ҷомеа;

– нигоҳ доштани сохтори давлати дунёвӣ дар таъмини озодии виҷдон;

– аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкилотҳои динӣ риояи қонун дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои диниро таъмин менамоянд;

– мубориза бар зидди азхуд кардан ва паҳн кардани ғояҳо ва ақидаҳои динӣ, ки ба тартиботи ҷомеаӣ, саломатӣ ва ахлоқ, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳдид мекунад.

## Барои маълумот

1. Ҳама гуна таблиғи ҷанг бояд тавассути қонун манъ карда шавад.

2. Ҳама гуна кӯшишҳо ба манфиати адовати миллӣ, нажодӣ ва динӣ, ки барангезандаи табъид, душманӣ ё зӯроварӣ мебошад, бояд тавассути қонун манъ карда шавад.

*Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, моддаи 20.*

Дар моддаи 156-уми Кодекси ҷиноятии Республикаи Ӯзбекистон барои тайёркунӣ, нигоҳдорӣ ва паҳнкунии маводҳои тарғибкунандаи адовати миллӣ, иркӣ, этникӣ ёки динӣ ҷавобгарӣ муқаррар карда шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ

Вақте ки қуввахои зӯравон ва таҷовузкори ҷаҳон кадом як халқ ёки мамлакатро ба хеш тобеъ намудан, миллат ё кишварро ба зери тасарруфи хеш даровардан, мутеъ гардонидан, боигариашро соҳиб гаштанӣ бошад, аввало, ба бесилоҳ кардан, яъне ҷудо намудан аз арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанг, ки сарвати бузургтарини онҳост, ҳаракат мекунад.



Охири асри XIX

Масҷиди Бибихоним дар Самарқанд



Охири асри XX



Охири асри XIX

Тошканд. Аввалин ва ягона черкови католикӣ



Охири асри XX

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Аҳолии Осиёи Марказӣ аз чӣ сабаб сермиллат ва мансуби конфессияҳои гуногун аст?

2. Дар асоси донишҳои хеш аз фанни таърих, дар бораи гуногунии манзараи динӣ дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар кишварҳои Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон маълумот диҳед. Тағйиротро дар диаграмма нишон диҳед. Тағйиротро дар Ӯзбекистон дар асоси диаграмма вобаста ба татбиқи имрӯзаи муқаррароти моддаи 4-уми Конститутсия шарҳ диҳед.

## Барои маълумот

Дар ибтидои асри XXI дар кишварҳои Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон гуногунии манзараи диниро мушоҳида кардан мумкин буд. Дар Республикаи Қазоқистон расман дар таркиби 18 конфессия беш аз 3600 то ташкилоти динӣ мавҷуд. Инчунин дар мамлакат 246-то гурӯҳҳо ва ҷамоатҳои нав (миссионерӣ) ҳам фаъолият доранд. Дар Республикаи Туркманистон 13 -то конфессияи динӣ ба рӯйихат гирифта шуда буд. Дар мамлакат 128-то ташкилоти динӣ фаъолият нишон медиҳад. Дар Республикаи Қирғизистон беш аз 30-то конфессияи динӣ мавҷуд аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ

Инкишофи илм, маданият, иқтисодиёт ва ҳамаи соҳаҳои дигар бо сулҳу осоиш алоқаманд аст. Сол аз сол бештар гаштани харҷи давлатҳо барои системаи мудофиа ва ҳарбӣ, фикри моро тасдиқ мекунад. Аммо дорои як хеши яроқи ҳозиразамон сулҳу осоишро таъмин карда наметавонад. Қувваҳои харобиовари ҳозира ошкоро мубориза намебаранд, балки аз усулҳои ваҳшиёна, монанди истифодаи амалиёти ногаҳонӣ, на ҳарбиён, балки аҳолии осоиштаро ба нишон гирифтан истифода мебаранд.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Матни зерро хонед. Онҳо бо матни боло чӣ иртибот доранд?

2. Дар ҳолати матни дуюм шумо чӣ кор мекардед? Чунин хабарҳои фейк (хабарҳои бардурӯғ) чӣ гуна оромии ҷомеаро халалдор мекунанд?

13 июли соли 2021, тахминан соати 22:30 ба блогери рус бо номи С., ки дар Instagram ва Youtube бо номи “Субо” машҳур буд, ба Тошканд омад. Қаблан ӯ дар саҳифааш эълон карда буд, ки ба зудӣ дар Тошканд хоҳад буд, бо муштариён мулоқот мекунад ва ба онҳо пул тақсим мекунад. Дар хиёбони Амир Темури Тошканд қариб 150 – 200 кас барои пешвози С. ҷамъ омада буданд.



*Хадамоти матбуоти шӯъбаи корҳои дохилии шаҳри Тошканд*

## Ганҷинаи андарзҳо

Дунё ҳам ба касе менигарад, ки ба ҷаҳон бо чашми ақл менигарад.

*Ҳаким ат-Термизӣ*

Онҳое, ки ҷаҳонро сахт нигоҳ медоранд, онҳоро ҷаҳон низ сахт нигоҳ медорад.

*Қамариддин Исломов (аз дафтари рӯзноманигорони фахрӣ)*

Бо инсонҳои беадаб, бетарбия ва бадхулқ баҳсу талош накунед.

*Имом Ғаззолӣ*

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Робитаи байни иборахои «ба ҷаҳон бо чашми ақл нигаристан...» ва «ҷаҳонро устувор нигоҳ доштан...» дар чист?

2. «Сулҳу оромӣ бошад» чӣ маъно дорад? Бо назардошти он, ки ин орзу дар арзишҳои динҳои дигар низ инъикос ёфтааст, андешаи хешро баён кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ



**Буддизм** яке аз динҳои қадимаи ҷаҳонист. Он нигоҳдорӣ аз одамкушӣ, дуздӣ, фиребгарӣ, дурӯғгӯӣ ва бадмастиро тарғиб мекунад. Дар буддизм на танҳо куштани одамон, балки куштани ҳама гуна мавҷудоти зинда гуноҳи азим аст.

Роҳибони буддоии қадим тӯрҳои махсус мепӯшиданд, то магасҳоро аз даҳони хеш набаранд. Аввалин панҷ шарте, ки буддои ҳақиқӣ дар тӯли умраш бояд иҷро кунад, ин аст, ки ӯ набояд ба ҳеҷ як мавҷудоти зинда зарар расонад. Аз ин рӯ буддоиро инсонпарвартарин дини ҷаҳонӣ меноманд.

## Фаъолияти эҷодӣ

Моҳи марти соли 1995 дар як ҳамлаи террористии сектаи "Аум Синрикё", ки аз таркиби дини буддоӣ ҷудо шуда буд, дар метрои Токио 12 нафар кушта ва беш аз 5000 нафар заҳролуд шуданд.

Ҳаракати «Аум Синрикё» бо буддизм то чӣ андоза мувофиқ аст? Ба фаъолияти секта баҳо диҳед. Андешаи хешро ба ғояи Буддо, ки дар сутуни "Ганҷинаи андарзҳо" оварда шудааст, асоснок кунед.

## Ганҷинаи андарзҳо

Бадӣ макун, аз гуноҳ парҳез кун. Ҳамеша некӣ кунед. Вақте ки ту дигаронро дӯст медоред, ту ва дигарон хушбахт хоҳед буд.

*Будда*

## Андешаронӣ

**Насронӣ** паҳнтарин дини ҷаҳонӣ дар дунё аст. Маълум аст, ки ин динро ниқоб карда, дар мақсади вайронкорӣ ва хунрезӣ истифода бурданд, бо номи "Юришҳои салибӣ" ва "Инквизитсия" бисёр шаҳрҳо хароб карда шуданд ва ҳазорон нафар кушта шуданд. Ҳол он, ки дини насронӣ ба касе бадӣ накарданро таълим медиҳад, ба сулҳ, некӣ ва накӯкорӣ даъват мекунад.





Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Ганҷинаи андарзҳо

Дар номаи ба эпископи Наҷрон Абулҳорис фиристодаи паёмбар Муҳаммад (с) чунин омадааст. “... Бигзор архиепископ, коҳинон ва эпископҳои дигар бидонанд, ки калисоҳо ва ибодатхонаҳои шумо ҳамон тавре ки ҳастанд, боқӣ хоҳанд монд. Шумо дар ибодатҳоятон ҳур ва озодед. Ҳеҷ кадоме аз шумо аз мавқеъ ва мақоми хеш маҳрум нахоҳед шуд. Мисли он ки дар маросимҳои динии шумо ҳеҷ чиз тағйир наёфтааст, дар инҳо ҳам чизе тағйир дода намешавад... “

*К.Ҷорҷио, муҳаққиқи италянӣ*

### Фаъолияти эҷодӣ

1. 5-то далелро доир ба эътибори алоҳида додан ба ғояи сулҳ дар динҳои ҷаҳонӣ мисол оред.
2. Фикри «дин террор нест, террор дин нест»-ро шарҳ диҳед.
3. Матни зеринро хонед. “Ба фирқаҳо тақсим нашудан” имрӯз чӣ гуна аҳамият дорад? Фикратонро асоснок кунед.

«Динро барпо кунед, вале онро ба фирқа-фирқа ҷудо мекунед».

*Қуръони Карим, ояти 13-уми сураи Шӯро*

“Дар Қуръони карими муқаддас ба мусулмонҳо рӯ оварда нишиндоди “ба фирқаҳо тақсим нашавед” ҳаст. Ин магар далели равшани бар динамон мутлақо зид будани ба равияҳои мухталиф тақсим шуда, одамонро аз роҳи рост гумроҳ кардан нест?”.

*Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

### Барои маълумот



Дар шаҳри Тошканд 11-12 июни соли 2018 дар мавзӯи “Ҷилавгирӣ аз экстремизм ва радикализми таҷовузгар, ки ба терроризм меоварад ва нақши ҷавонон дар мубоиризаи зидди онҳо” конфронсияи байналмилалӣ баргузор шуд. Дар конфронсияи СММ, Иттифоқи Европа, ТҲХЕ барин ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳайъатҳои вакилони зиёда аз даҳ мамлакат, экспертҳои хориҷӣ, сенаторон, депутатҳо, фаъолони Иттифоқи ҷавонон, арбобони илм иштирок карданд.

### Андешаронӣ

Соли 628 мелодӣ миёни мусалмонон ва мушрикон паймоне ба имзо расид, ки “Сулҳи Ҳудайбия” ном дорад. Сулҳ амнияти дарозмуддат ва осоиштагии қабилаҳоро таъмин кард. Муносибатхои тиҷоратӣ мустаҳкам гардиданд. Асирони ҳар ду тараф озод карда шуданд. Ин сулҳнома ба таърих ҳамчун шартномаи сулҳ дохил шуд. Абубакри Сиддиқ (р) мегӯяд: “Дар таърихи ислом пирӯзии бузургтар аз сулҳи Ҳудайбия набуд”.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Андешаронӣ**

**Ироқи ҷанубӣ, Сурия ва Яман, асри** IX: Як гурӯҳи экстремистии Қарматиён, ки аз номи Ислом ҳаракат мекард, дар соли 899 Баҳрайнро пахш карда гирифт. Соли 930 дар мавсими ҳаҷ ба Макка ҳамла карда, Каъбаро ғорат кард. Ҳаҷкунандагонро кушт ва баъзеро ғулом кард.

**Фаронса,** соли 1572. Герсог Франсуа Гиз бо муҳофизони сершумори хеш ба протестантҳо ҳамла кард. Кушторҳои бисёр содир шуданд. Дар ин шаб, ки дар таърих бо номи "Шаби Варфоломей" ёд мешавад, 6000 протестант (кӯдакон, занон, пиронсолон) ба қатл расонида шуданд. Ин ҳодиса боиси ҷанги мазҳабии 36 сола дар Фаронса шуд.



Ҳамлаи фоҷиабори террористӣ 15 марти соли 2019 дар масҷидҳои Ан-Нур ва Линвуд дар шаҳри Крайстчерчи **Зеландияи Нав** беш аз 51 нафарро кушта ва қариб 40 мусалмонро маҷрӯҳ кард.

Ин натиҷаи ксенофобия ва исломофобия буд. Ҳамлаи террористиро Брентон Тарранти австралиягӣ, ки аслан дар Зеландияи Нав зиндагӣ мекард, анҷом додааст.




**Фаъолияти эҷодӣ**

**Бозии арзишҳо**

Дар 4 варақаи алоҳида калимаҳои сулҳ, саломатӣ, меҳру оқибат, ҳалолкориро нависед.

Онҳоро аз рӯйи дараҷаи аҳамиятнокӣ ҷудо кунед. Агар яке аз ин фазилату неъматҳоро тарк кардан зарур бошад, шумо кадомашро тарк мекардед?

Сабаби аз он неъмат даст кашиданатонро як ба як фаҳмонед.

Ҳар дафъае, ки шумо аз яке аз онҳо даст мекашед, чиро ҳис мекунед?

Агар шумо имкони якбаяк баргардонидани онҳоро медоштед, кадомашро аввал бармегардонед? Барои чӣ? Шумо дар ин марҳила хешро чӣ гуна ҳис мекардед?

Натиҷаҳоро бо ҳамсинфонатон муҳокима кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Фаъолияти эҷодӣ

1. Онҳое, ки сулҳро қадр мекунанд аз онҳое, ки ба қадри ин неъмат намерасанд, чӣ фарқ дорад?

2. Кадом ғояҳои дигареро, ки дар китобҳои муқаддас ба сулҳ даъват мекунанд, медонед? Дар ҳама динҳо ғояи сулҳ ҳамчун ғояи асосӣ эътироф карда мешавад. Ба фикри шумо асоси ин дар чист?

3. Сифатҳоеро номбар кунед, ки барои инсон дар роҳи сулҳу осоиш қадам задан лозим аст.

4. Матнро мутолиа кунед ва хулоса кунед, ки дар сурати комилан рад шудани дин ва эътиқоди динӣ барои ҷомеа чӣ оқибате хоҳад дошт. “Дунёвият маънои бединиро надорад. Аз таърих ба мо маълум аст, ки зиндагии дин ва эътиқоди диниро комилан радкунанда ба намуди ғайриинсонӣ соҳиб аст. Хатари чунин ғоя дар он аст, ки маҷмӯи арзишҳои дар тӯли асрҳо дар заминаи дин ташаккул ёфта, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти мардум гаштаро – хоҳ хаттӣ ё шифоҳӣ, хоҳ мероси моддӣ ё маънавӣ, ахлоқ ва ё анъана, ҷаҳонбинии милли ёки тарзи зиндагӣ бошанд, батамом рад мекунад».

*Аз китоби “Маънавияти воло – неруи мағлубнопазир”-и Ислом Каримов*

### Натиҷагирӣ аз дарс

1. Кадом таҳдидҳои ба сулҳ рахнаандозандаро медонед? Ба фикри шумо, ба киҳо лозим аст, ки сулҳро вайрон кунад ва чаро?

2. Оё тарбияро бидуни сулҳу оромӣ, ҳамбастагӣ ва якдилӣ ба амал баровардан мумкин аст?

3. Дар мавзӯи «Сулҳу бехатарӣ – гарави некӯаҳволии ҷомеа» тақдимот тайёр кунед.

### Барои маълумот

Олимон мегӯянд, ки агар шахс сухани бад кунад, ҳарфҳои қабеҳ бигӯяд, касеро дашном диҳад, ин дарҳол ба ҳуҷайраҳои инсон таъсир мерасонад. Масоро Эмото ном олими ҷопонӣ ба зарфе об рехт ва таҷрибае анҷом дод. Агар шумо дар назди об чизҳои хуб гӯед, молекулаҳои об дар микроскоп ба кристаллҳои зебо табдил меёбанд. Дар вақти суханони бад гуфтан, ҳақорату дашном додан, кристаллҳои об вайрон мешаванд.

Агар одамеро, ки ҳамеша бо дашном, ҳақорат, суханони куфр зиндагӣ мекунад, мебинед, ки дар зиндагиаш хайре нест, зеро Худашро худаш хароб мекунад, барбод мекунад, хунашро, генашро вайрон мекунад. Аммо вай на танҳо хешро нобуд мекунад, балки ин таназзул ба ҳафт насли ӯ мерос мемонад.

*Аз китоби «Ислом дини субот ва сулҳ аст»-и Р.Сайфуддинов*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# БОБИ III. ФАЗИЛАТҲОИ ЗЕБО

## МАВЗӮЪҲОИ 16-17: ГУНОГУНИИ ЭҲСОСҲО

### Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Оё қаҳрамонҳои мултфилмҳои дар расмҳо бударо дар хотир доред? Кадом қисми ин мултфилмҳо дар хотиратон модааст?

2. Дар ҳар як расм ба тағйироти дар ҳаёти инсон рухдода таъриф диҳед.

3. Оё шумо ягон бор ба вазъияти дар расми 3 монанд дучор шудаед? Шумо кадом роҳро интихоб кардед?

4. Намоиши расми 6-ро, ки дар рамзи QR дода шудааст, бодиққат тамошо кунед. Гуфтугӯи байни Маугли ва Багираро бодиққат гӯш кунед. Кадом ҳолатҳои рӯҳии Маугли ба хулосаи “Ба камол расидӣ....” сабаб шуд?

5. Чаро давраи наврасӣ ҳассостарин ва муҳимтарин давра ба ҳисоб меравад?










### Андешаронӣ

Шумо ҳоло дар остонаи ҳаёти бузург мебошед. Баъзан барои оянда нақшаҳои калон мекашед. Ба ҷустуҷӯи роҳҳои иҷрои он нақшаҳо шурӯъ мекунед. Гоҳе ба хаёлҳои ширин меравед, гоҳе метарсед.

Ба оина тез-тез нигоҳ мекунед. Чунин ба назар мерасад, ки либоси шумо мувофиқат намекунад. Баъзан ба назар чунин менамояд, ки ҳама ба фикри шумо розӣ нестанд. Сабаби ин дар чист? ...

Албатта, дар пеши шумо уқёнуси бузурги ҳаёт истодааст. Шиноварӣ дар ин уқёнус як қатор хислатҳо, ба монанди мутобиқшавӣ, қатъият, шуҷоат, андеша, орият, эҷодкориро талаб мекунад.












*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

*Бо ҷамоа кор кунед.*

Барои ҳамаи ҷамоаҳо: Дар кадом китоби хондаатон дар бораи ин эҳсосот сухан ронда шудааст?

Барои ҷамоаи 1: Оё шумо қиссаи «Духтари капитан»-и А.С.Пушкинро хондаед? Муносибати Пётр Гринёв ва Швабрин нисбат ба Маша Миронова дар асар баҳо диҳед.

Барои ҷамоаи 2: Эпоси “Роҳ ба ҷаннат”-и Абдулла Ориповро хонед. Ибораи «дӯсти қиёматӣ»-ро шарҳ диҳед.

Барои ҷамоаи 3: Ҳисси вафодорӣ, садоқат, муҳаббатро дар симои шоираи ӯзбек Зулфия тасвир кунед.

- Эҳсосоти нозук
- муҳаббат
- вафо
- дӯстӣ
- боварӣ
- садоқат
- ...
- ...
- ...
- ...

Ба калимаҳо таъриф диҳед. Боз кадом эҳсосотро ба эҳсосоти инсонӣ хос гуфтан мумкин аст? Ҷавоби худро асоснок кунед.

## Ганҷинаи андарзҳо

“Эй фарзанд! Аз дӯсти нодон доштан эҳтиёт шав, зеро ӯ ба ту нафъ мерасонам гуфта зиён мерасонад. Эҳтиёт бош, ки бо бахил дӯстӣ накун, зеро ӯ чизеро, ки ба ту бештар лозим аст, аз ту мегирад. Аз дӯстӣ дурӯғгӯ доштан ҳам эҳтиёт шавед, зеро ӯ мисли сароб аст, дурро ба ту наздик, наздикро ба ту дур карда нишон медиҳад.

*Алӣ ибн Абу Толиб*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ



Футболбози маъруф Криштиану Роналду бо модараш зиндагӣ мекунад. Дар як мусоҳиба аз ӯ пурсиданд: «Чаро модаратон то ҳол бо шумо зиндагӣ мекунад? Чаро ба ӯ хонаи алоҳида гирифта намедиҳед?



Роналду дар ҷавоб гуфт: "Модарам аз баҳри ҳаёти хеш гузашта, маро ба воя расонд. Худаш нахӯрда, маро хӯронд. Вай 7 рӯз дар як ҳафта ҳамчун фаррош кор мекард, то ба ман пойафзол бихарад. Тамоми муваффақияти ман ба ӯ бахшида шудааст. То он даме, ки модарам зинда аст, ҳамеша бо ман хоҳад буд».

## Фаъолияти эҷодӣ



"Мадоннаи Бойсун", соли 1968. В.Бурмакин.

1. Боз кадом мисолҳои меҳри модариро оварда метавонед?

2. Оё пай бурдед, ки модаратон ҳангоми субҳ барои шумо ё додару хоҳаронатон нонушта тайёр мекунад, либосҳоятонро мешӯяд ва дарзмол мекунад, нафаси пурсӯз мекашад? Ба фикри шумо ин нафас нишонаи чӣ аст?

Оё вақти ба модаратон миннатдорӣ карданатон, ба чеҳраи онҳо аҳамият додаед? Оё шумо ин хурсандиро баён карда метавонед?

3. Ба табассуми модари Криштиану Роналду нигаред. Оё шумо метавонед ин шодиро бо модаратон мубодила кунед? Барои ин аз шумо чӣ талаб карда мешавад?

4. Кӯшиш кунед, ки ҳиссиёти нозукиро дар расмҳои зер бо калима ифода кунед.







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

Анвар тамоми рӯз фурсат меҷуст, ки ҳиссиёти хешро ба Раъно баён кунад. Аз тиреза ба навдаҳои маҷнунбед, ки мисли мӯйҳои Раъно меҷунбид, аз назар гузаронда, ба андеша рафт. Дар бораи Раъно ҳар қадар бештар фикр мекард, дилаш ҳамон қадар тезтар метапид ва ба гирдоби орзуҳо ғарқ мешуд. Фикру мулоҳизаҳои ӯро эълони роҳбари синф: «Бо фаъолони маҳалла дар мавзӯи “Биёед якҷоя маҳаллаи хешро obод кунем!» воҳӯрӣ баргузор мегардад, ҳеҷ кас рафта намонад ” парешон кард.

Баъди ин чорабинӣ Анвар гуфт: “Ман бояд дар бораи Раъно ба модарам нақл кунам ва ӯ ба ман маслиҳати беҳтарин медиҳад. Охир, ман бояд на танҳо шаъну шарафи хеш, балки шаъну шарафи Раънoро ҳам ҳифз кунам, мондагиашро вақт нишон медиҳад».

1. Муносибати хешро баён кунед. Кадоме аз қарорҳои Анварро шумо маъқул мешуморед? Сабабашро фаҳмонед.

2. Шумо дар ҷойи Анвар бошед чӣ кор мекардед? Барои чӣ?

Зебо вақте ки мактаб даромад, чашмонаш касеро меҷустанд. Он чиро, ки меҷуст, ёфт, вале вақте ки маслиҳати модаркалонаш ба ёдаш омад: «Духтар сандуқи пурасрор мешавад, эҳсосоташро ҳеҷ гоҳ ба касе нишон намедиҳад, сир бой намедиҳад», дарҳол худро ба даст гирифт.

а) Шумо фикри “Духтар сандуқи пурасрор мешавад” –ро чӣ гуна мефаҳмед? Зебо аз кӣ маслиҳати дуруст гирифтанаш мумкин?

б) Шумо ба Зебо чӣ маслиҳат медиҳед?

## Андешаронӣ

Дар замонҳои қадим шоҳе мехост писарашро хонадор кунад. Пас писар гуфт:

«Падарҷон, агар духтари саранҷому саришта, озода, ки корҳои хонаро донад, ман хонадор мешавам».

Ба подшоҳ ин суханони писараш маъқул омад. Ба мулозимонаш маслиҳат карда, тасмим гирифт, ки имтиҳон мегузаронад. Аз рӯйи шарти имтиҳон ба ҳар як духтари ба воя расида супориш дода шуд, ки хонаашро рӯфта хокрӯбаро ба халта андохта биёрад. Духтарон бо шунидани ин хабар як-як хонаҳоро рӯфта, хокрӯбаҳоро оварда супурданд. Хокрӯбаҳо дар охир ҷамъбаст карда шуданд.



Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Чун диданд, ки духтаре хокрӯбаеро, ки як каф ҳам намебаромад, супорида истодааст, ӯро даъват намуда, пурсиданд:

– Духтарам, ба ту мукофоти подшоҳ лозим нест? Чаро шумо ин қадар хокрӯбаи кам супурдед?

– Агар ман хонаамонро гаштаю баргашта рӯбучин кунаму дигар хокрӯба набошад, чӣ кор кунам?

Подшоҳ ин равандро мушоҳида карда, ба соддагӣ, сариштаву саранҷомӣ, ростгӯӣ ва ҳалолкории духтар тасанно гуфт ва тасмим гирифт, ки ӯро ба арӯсӣ гирад.

**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Ба ин ҳикоят чӣ ном мегузоред?
2. Дар ин ривоят кадом иллатҳои инсонӣ дида мешаванд?
3 .Кадом хислатҳои духтар ба подшоҳ писанд омад? Фикри хешро ба мавзӯъ вобаста баён кунед.
4. Ҳикмати саранҷому сариштагӣ, сабр кардан дар чӣ аст?

**Ганҷинаи андарзҳо**

Ба Абдулло Қаҳҳор ҳамсари бофаросату оқила мисли Кибриёхоним насб гашта буд. Чунон ки дар ёддоштҳои ҳамзамононаш бисёр навишта шудааст, Абдулло Қаҳҳор пас аз се-чор моҳ комилан ба Кибриёхоним такя кардааст. Бе Кибриёхоним як лаҳза ҳам ҷойи нишастан намеёфт, ба қавли худаш гӯем «ҳамчун носкаду ба камар баста мегашт».

*Хуршид Даврон*



Рости гап, пас аз он ки ман аз инсони азизам ҷудо шудам, фикр мекардам, ки пас аз ин зиндагии тӯлонӣ карда наметавонам. Аммо хотираҳои дурахшони чоряк асри умрам бо шоире чун Абдулло Қаҳҳор маро ба ин синну сол овард. Фикр кардам, ки бояд зиндагӣ кунам, то хотираҳои нозуке, ки дар дилам нигоҳ медоштам, ба мардум бигӯям ва вақташ расад, онҳоро рӯйи қоғаз фарорам...

*Кибриё Қаҳҳорова*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Натиҷагирӣ аз дарс


1


2


3


4


5


6


7

?


8


9


10


11


12



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



1. Дар мавзӯи «Дил оина аст» эссе нависед. Дар он доир ба дӯстӣ, муҳаббат, эътимод, ғамхорӣ, садоқат, вафодорӣ ҳикоя кунед.

2. Китоби «Чоряк аср»-и Кибриё Қаҳҳороваро, ки дар QR код оварда шудааст, хонед. Эҳсосоти самимии Абдулло Қаҳҳор ва Кибриё Қаҳҳороваро чӣ гуна ном медиҳед?

3. Ҳар як расми саҳифаи 70-ро номгузорӣ кунед ва аз рӯйи он ҳикоя нависед.

4. Расмҳои 2, 3 ва 6 чӣ умумият доранд?

5. Ба расмҳои 5, 6 ва 7 диққат диҳед. Байни онҳо чӣ иртиботе вуҷуд дорад?

6. Дар асоси расмҳои 7 ва 9 фикр баён кунед.

7. Ин расмҳо шуморо аз чӣ огоҳ мекунанд?

8. Дар расми 11 кори кӯдаконро шарҳ диҳед. Чаро онҳо бо даҳони хеш расм мекашанд?

9. Дар расмҳои 8, 10 ва 12 кадом эҳсосот пинҳон шудаанд?

10. Расмҳоро бо фикрҳои додашуда бепайвандед. Бо иҷрои вазифаи 3 муқоиса кунед. Модар: - Дар куҷое, ки набошед, саломат бошед. Оила муқаддас аст. Инсонест, ки бе ягон дудилагӣ барои ту ҷони хешро дареғ намедорад. Мо ҳар як монеаро бартараф карда метавонем. Дил ва ақли хешро дар мувозинат нигоҳ дор. Дар болои хеш кор карданро канда накунед. Подшоҳ ҳам пиёда ҳам ба як қуттӣ афтоданд. Дили хешро ба ақли хеш таслим кунед. Ҷароҳатҳои забон назар ба захмҳои корд вазнинтаранд. Таҳаммулпазирӣ. Камбудиҳоро пур кунед. Даст кашидан аз арзишҳо.

### Рушди шахсият дар 100 рӯз:



Ягон китоби душворро, ки мутолиааширо хостаед, аммо ҳазм карда наметавонед, ба пуррагӣ хонед.



Ҳар рӯз чизи навро омӯзед: номи гулҳо, пойтахтҳои мамлакатҳои дур ва ғайра. Бегоҳӣ шумо метавонед донишҳои дар давоми рӯз гирифтаатонро мустаҳкам кунед, луғатро гиред ва калимаҳои навро аз ёд кунед



Саҳарӣ фикрҳои хешро дар дафтари махсуси «Саҳифаҳои субҳ» нависед. Бигзор ин яке аз аввалин корҳое бошад, ки шумо пас аз бедор шудан мекунед.



Ҳар рӯз дар як варақ 5-10 чизро дар ҳаёти хеш нависед, ки шуморо хушбахт мекунанд. Изҳороти шукронагӣ нависед.



Чизи асосӣ он аст, ки ин машқҳоро бо шавқу завқ иҷро кунед. Пас аз 100 рӯз натиҷа медиҳад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮИ 18: НАФОСАТ ВА МАЪНАВИЯТ

## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Нақши нафосат дар ҳаёти инсон чӣ гуна аст?
2. Калимаи нафосатро нисбат ба кадом одамон истифода мебарем?
3. Зебоиро чи тавр мефаҳмед?
4. Оё шумо ягон бор ибораи «Бо дид коркард шудааст»-ро нисбат ба маҳсулоти истеҳсолкардаи соҳибкорон, ҳунармандони миллӣ шунидаед?
5. Робитаи байни нафосат ва маънавият дар чист?

## Андешаронӣ

Рафтор, гуфтор, ақл, сару либоси одамон то чӣ андоза боназокат ва диди нозук доштани онҳоро нишон медиҳад. Аз ин рӯ, ҳамоҳангсозии ақл, намуди зоҳирӣ, гуфтор ва умуман фазилатҳои неки инсонӣ нафосат номида мешавад.

Маданияти нафосат, ки хоси инсон аст, ба фаъолнокӣ ва мавқеи ӯ дар ҷамъият, муносибаташ бо дигарон, азхудкунии мероси моддию маданӣ низ вобаста аст.

Барои зебогии инсон на танҳо намуди форами зоҳирӣ, балки олами ботинӣ ва фазилатҳои маънавӣ-ахлоқӣ мавқеи муҳимро дорост.

## Фаъолияти эҷодӣ

Оё шумо ба фикри мазкур розӣ ҳастед? Ҷавоби хешро бо мисолҳо асоснок кунед. “Барои зебогии инсон на танҳо намуди форами зоҳирӣ, балки олами ботинӣ ва фазилатҳои маънавӣ-ахлоқӣ мавқеи муҳимро дорост”.

## Барои маълумот

Нафосат (арабӣ – аҳамият, чизи гаронбаҳо, сарват) – як намуди зебоӣ. Нафосат - мукаммалӣ, мутаносибии намуди зоҳирии (шакл, ранг) ашё ва ҳодисаҳо. Масалан, қади духтар ё писари варзишгар, гуногунии гулҳо.

Мафҳуми нафосат, ки нисбат ба рафтор, гуфтор, ақл ва либоси одамон истифода мешавад, маънои боназокат, диди нозук доштанро дорад. Нафосати ҳақиқиро аз назокати бардуруғи сунъӣ фарқ кардан лозим аст. Танҳо нафосате, ки фазилатҳои баланди инсонӣ, ғояҳои маъмул, мазмуни иҷтимоӣ ва зебоиҳои табииро дар худ муҷассам кардааст, ҳақиқӣ ба ҳисоб меравад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Фаъолияти эҷодӣ




Ба хотир биёред, қаҳрамони асосии асари машҳури Даниэл Дефо «Робинзон Крузо», Робинзон дар ҷазирае, ки ҳеҷ кас зиндагӣ намекунад, чанд сол дар танҳоӣ зиндагӣ кардааст?

2. Дар танҳоӣ зиндагӣ ба сар бурдани Робинзон, ба сифатҳои инсонии ӯ чӣ қадар таъсир расонидааст?

3. Пас аз чанд сол дидани киштӣ, ки ба ҷазира омада истод, аз дил кадом ҳиссиётро гузаронд?

4. Қаҳрамони асосии асари «Робинзон Крузо» бо нафосат чӣ вобастагӣ дорад?

5. Ҷавобҳои худро ба ин фикр вобаста кунед.

Фарҳанги мулоқоти ҳар як шахс омилест, ки муносибати байниҳамдигариро муайян мекунад. Фарҳанги мулоқоти инсон дар сӯҳбатҳои байни хеш зебоиест, ки дар он сифатҳои маънавӣ ва ахлоқӣ акси хешро меёбад.

### Андешаронӣ

Дар мулоқотҳои мутақобила меёрҳои ахлоқӣ ба монанди хушфеълӣ, хушмуомилагӣ, ширинсуханӣ, дили кушод ифодаи хешро ёфтаанд

Дар рафтори одамоне, ки маданияти баланд доранд, ҳаё, андеша, хушмуомилагӣ ва ибо ба чашм мерасад.

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Оё шумо сифатҳои муҳими фарҳанги муоширатро номбар карда метавонед?

2. Рӯйхати сифатҳоеро, ки шумо муҳим мешуморед, тартиб диҳед. Онҳоро тавсиф кунед.

3. Ғояҳои хешро аввал бо ҳампартаи хеш, баъд дар гурӯҳҳои хурд, сипас дар гурӯҳҳои калон муҳокима кунед, таърифи ҳамаҷонибаро тартиб диҳед.

| Нафосат | |
|---|---|
| | |

4. Истилоҳоти зеринро дар робита бо нафосат шарҳ диҳед.

Санъати сухан, оростагӣ, намуди зоҳирӣ, маданияти либоспӯшӣ, устоди сухан, дӯзандаи моҳир, ҳунарманди моҳир, .......моҳир.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Натиҷагирӣ аз дарс

1. Суратҳои мазкурро ба мафҳуми нафосат вобаста намоед.
2. Дар бораи вобастагии нафосат ва санъат фикр баён кунед.
3. «Маданияти оммавӣ» ба нафосат чӣ таъсир дорад?
4. Порчаро аз достони «Ҳайрат ул-аброр»-и Алишер Навоӣ хонед. Таърифи қаламро бо мафҳуми нафосат пайваст кунед. Оё гуфтан мумкин аст, ки ин асар бо нафосат навишта шудааст?







### Порча аз достони «Ҳайрат-ул-аброр»-и Алишер Навоӣ

Ин чӣ шакли хуб аст, чизи форам аст, ки овозаш ҳам хуб аст, он ба диққат гӯш кардан арзанда аст.  Нӯги он ба суханони пурмаъно нақшу нигор медиҳад, риштаҳои маъшуқааш нохунҳои ӯ мебошанд. Сохти он ба парранда монанд аст; суханони пурмазмунро аз нӯлаш ба ҳар тараф мепошад. Гарчи Ватанро аз нур сохт, ризояш тира аст; ба қоғази сафед мушк мепошад. Ҳаракатҳои ӯ тез ва дар як меъёр аст, аммо ӯ барои парвоз бол надораду халос.

Не, онро парранда нагӯед, мори хушбӯй аст, хушбӯй нагӯед, мори афсунгар. Гувоҳи ин парвози зебо аз саҳифа ба саҳифа, пинҳон будани дасту пояш аст. Ҳар дафъае, ки забонашро берун мекунад, як сеҳр нишон медиҳад. Кадом мор чунин сеҳр нишон додааст?!

Ӯ мор нест, балки аждаҳо дар ганҷинаи тиллоӣ аст. Дар шиками ӯ сад хел сарвати аҷойиб ниҳон аст. Аз даҳонаш дуд мебарорад. Ҳар донае, ки аз дуд берун меояд, мисли гавҳар аст.

Вай аждаҳо ҳам нест, зеро ки каҷ аст; беҳтар аст, ки онро асои (сеҳргари) Мӯсо (а) номид. Вагарна чӣ тавр ҷодуи тамоми ҷаҳон, ҳатто маънӣ ва сеҳри баёни онро фурӯ барад? Ҳатто вазни баданаш ба дараҷаи нестӣ; вақте ки ин заҳматро мекашад, азоб намекашад! Онро асо ҳам нагӯед, балки қалам бигӯед; нӯги онро ба хат нақш кашанда бигӯед.

Ӯ дар ҷаҳон пеш аз ҳама чиз офарида шудааст ...



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАЪРӮЗАИ ТАЪСИРБАХШ



Барои бомуваффақият гузаштани маърӯзаҳо чӣ кор кардан лозим аст?



Нотиқ бояд тавассути таъсир ба эҳсосоти шунавандагон фикрҳои маърӯзаро ба шуури онҳо расонида тавонистанаш зарур аст.



Маърӯзачӣ барои ҳар як баромад бояд шахсан матни маърӯзаро тайёр кунад ва тезисҳои асосиро аз худ кунад.



Беҳтарин хислати нотиқ муомилаи зебо ва соддагии ӯст.



Сифатҳои хоси нотиқи хуб - боварӣ ба худ, худро озод ҳис кардан ва бо оҳанги дӯстона сухан рондан.



Ба ин расм чӣ ном мегузоред?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





Талаботи асосӣ ба маърӯзае, ки дар назди аксарият карда мешавад, чунинанд:

- фикри асосиро бо забоне, ки ба ҳама фаҳмо бошад, ба таври содда ва равон баён намояд;
- бо қатъият оғоз намуда, бо ақидаҳои боварибахш анҷом додан;
- ҷумлаҳоро мухтасар баён кардан, маърӯзаро дар шакли монолог не, самимона, ошкора сухан рондан ва дар асоси услуби мулоқот ба амал овардан;
- ба ҳиссиёт (эмотсия)и амиқ дода нашуда, балки далелҳоеро овардан лозим аст, ки эмотсияро ба вуҷуд орад;
- нишон додани он, ки мавзӯъ барои шунаванда хеле муҳим аст ва нотиқ барои расонидани маълумот ҷидду ҷаҳд мекунад;
- алоқаи визуалӣ бо шунавандагон.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE







– Саросема ёки баръакс бо виқори зиёдатӣ роҳ рафтан, галстук ёки мӯйро рост кардан, гузаронидани тугмаҳо мумкин нест.



– Ба такягоҳ ё оринҷ такя накунед, дасту пойҳоро ба ҳам напечонед, ба микрофон такя накунед.

– Хешро сафед кардан ё узрхоҳӣ кардани нотиқ ба шунавандагон бартарии рӯҳӣ мебахшад ва мақоми «авторитет»-и хешро гум мекунад ва дар натиҷа маърӯза самараи чашмдоштро намедиҳад.



– Ҳангоми дастонро дар сари сина гузошта сухан гуфтан, пойҳоро ба ҳам напечондан, инчунин, дастро аз оринҷ набандад.



– Ангушти ишоратиро боло накарда сухан рондан.

– Ҳар замон бо даст ба рӯй нарасонед ва ғ. (ин амал аз ҷониби одамон вақте ки онҳо одатан дурӯғ мегӯянд беихтиёр истифода мешавад).



Дар асоси талаботи дар боло зикршуда маърӯза омода кунед ва маҳорати суханронии хешро бо ҳамсинфонатон санҷед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮЪҲОИ 19 - 20: СУРАТ ВА СИРАТ

## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Сурат чист? Сират чӣ? Имиҷ гуфта чиро мефаҳмед?
2. Имиҷи ҷамоа чӣ тавр офарида мешавад?
3. Имиҷи шахсӣ, имиҷи ташкилот, имиҷи донишомӯз гуфта чиро дар назар доред?

Кадом қиёфаҳо пеши назаратон омад?

4. Оё мафҳуми дресс-кодро фаҳмедаед?
5. Ҳангоми ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ имиҷи ҷомеа чӣ тавр офарида мешавад?
6. Маҳсулоти брендҳои машҳурро ба назар оред. Чаро аломатҳои ин маҳсулот дигаргун намешавад?

## Андешаронӣ

Имиҷ барои чӣ лозим аст?

Ҳангоми ҷопон, араб, ҳинд, туркман, қазоқ гуфтан кадом қиёфаҳо назди чашматон меояд?

Вақте дар бораи ягон миллат фикр мекунед, либосу расму оини нотакрори он ба назар мерасад. Дар бораи тоҷик чӣ гуфтан мумкин аст?

Имиҷ - ин қиёфаест, ки дар шуури одамон нисбат ба ягон шахс, ташкилоти муайян, ё худ дигар объекти иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст. Яке аз воситаҳои тарғибот.



Калимаи англисии «image" маънои "намуд", "қиёфа", "симо", "тимсол"-ро дорад.

## Ганҷинаи андарзҳо



Вақте ки ман қиёфаи зоҳирӣ мегӯям, ман на танҳо намуди чеҳра, ранги мӯй ва ғайраро дар назар дорам, балки сифатҳои инсон аз қабили роҳ рафтан, шунидан, гап задан, хандидан, гиря карданро дар назар дорам, зеро агар олами ботинии инсон зебо бошад, ин дар намуди зоҳирӣ инъикоси хешро меёбад.

*Ф. Шаляпин*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ

Бедуни имиҷи дилкаш , яъне ҷой наёфтан дар дили одамон ба натиҷаҳои калон ноил шудан мумкин нест.

Дар натиҷаи шиддатнокии муаммои интихоботи одамон (интихоби маҳсулот ва хизматрасонӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилоти иҷтимоӣ, пешвоён ва роҳбарон) ва болоравии рақобат дар тамоми бозорҳо эътибор ба имиҷ афзуд.

Имиҷ ба соҳиби худ хабар медиҳад, тез дигаргун мешавад, ба шуур, ҳиссиётҳо, фаъолият ва кӯшишҳои одамон таъсир мерасонад ва ҳар қадар аудиторияи мақсадноки он гуногунранг бошад, тасвир ҳамон қадар калонтар мешавад.



## Фаъолияти эҷодӣ



















1. Аз рӯйи расмҳои додашуда имиҷи соҳибони онҳоро тасвир намоед.
2. Оё барои соҳибони расмҳои 5 ва 6 имиҷ лозим аст? Ба фикри шумо ба кадом касбҳои дигар имиҷ лозим аст?
3. Дар мавзӯи «Имиҷи ман» 10-то асос оред.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Андешаронӣ

## Имиҷи ҷамоа чист?




Ҳар як ҷамоа бояд имиҷи хешро дошта бошад. Вазифаи ба вуҷуд овардани имиҷи ҷамоа ба зиммаи ҳар як аъзои ҷамоа гузошта мешавад.

Роҳбарон барои ба вуҷуд овардани имиҷи ҷамоа сари вақт бо кормандони худ сӯҳбатҳо гузаронида, семинарҳои омӯзишӣ ташкил карданашон лозим аст. Мавзӯъҳои семинарҳои омӯзишӣ метавонанд гуногун бошанд: пешвози ташриф овардагон, муоширát бо онҳо, муносибат ба кормандони худ, таваҷҷӯҳ ба намуди зоҳирӣ ва ғайра.





### Фаъолияти эҷодӣ




1. Ҳангоми офаридани имиҷи хеш ба чӣ диққат медиҳед?
2. Имиҷи ташкилот бояд чӣ гуна бошад?
3. Имиҷи муассисаи таълимие, ки шумо дар он таҳсил мекунед, чӣ гуна аст? Кӣ онро шакл медиҳад?
4. Дар расмҳо кадом ҷиҳатҳои ба имиҷи ташкилот таъсир расонанда инъикос ёфтааст? Ба ғайр аз ин атрибутҳо барои ташаккули имиҷ боз чӣ лозим аст? Фикри хешро асоснок кунед.




### Барои маълумот

Имиҷ на танҳо барои одамон, балки барои ташкилот низ зарур аст. Ташкилот бояд имиҷи (бренд)-и хешро дошта бошад, то ширкат дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи хешро пайдо кунад ва онро муддати тӯлонӣ нигоҳ дорад.

Шумо низ дар оянда соҳиби касб хоҳед шуд. Ҷойи кории шумо, ба имиҷи офаридаи кормандон ва Шумо соҳиб хоҳад шуд.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

1. Вақте ки шумо ба ягон ташкилот асос мегузоред, имиҷи онро чӣ гуна ташаккул медиҳед?

2. Дар мавзӯи «Имиҷи инсон оинаи ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти ӯст» тақдимот омода кунед.

## Ганҷинаи андарзҳо

Мисли аслат намоён шав, ё ин ки мисли намудат бош.
*Ҷалолиддин Румӣ*

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Одамон дар бораи шумо чӣ гуна фикр карданашонро мехоҳед?

2. Оё шумо ягон бор қиёфаи хешро дар тасаввури одамон дар оина дидаед?

3. Барои дар ҷамоа иззату эҳтиром пайдо кардан чӣ лозим? Дар ин ҷо шумо ба фикри дар рукни ганҷинаи андарзҳо оварда шудаи Ҷалолиддин Рӯмӣ то чӣ андоза амал мекардед?

10-то асос оред.

4. Матни зерро хонед. Имиҷи Навоиро муайян кунед.



Захириддин Муҳаммад Бобур дар «Бобурнома» менависад: «Алишербек марди беназир буд. Шеър ба туркӣ менавиштанд, аммо касе то ин андоза зиёд ва хуб нагуфтааст. Вай шаш китоби маснавӣ, панҷ китоби ҷавобии «Хамса» ва як китоби «Лисон ут-тайр» дар «Мантиқ-ут-тайр» таълиф кардааст. Чаҳор девони ғазал тартиб додааст: «Ғаройиб ус-сиғар», «Наводир уш-шаббоб», «Бадойи ул-васат», «Фавоид ул-кибар». Инчунин рӯбоиёти хубе ҳам дорад... Дар арӯз боз «Мезонул авзон»-ро ба охир расонд, бисёр мадхул аст. Дар вазни он бисту чор рӯбой.... Девони форсиро ҳам мураттаб гардонд. Дар ашъори форсӣ «Фонӣ» тахаллус кард ва баъзе аз ашъораш бад нест... Боз дар мусиқа чизи хуберо пайвастааст. Нақшҳои хуб ва пешравҳои хуб дорад.

Ба аҳли фазл ва аҳли ҳунар маълум аст, мисли Алишербек мураббӣ ва маърифатпарвар маълум нест, ҳаргиз пайдо ҳам намешавад. Устод Қулмуҳаммад, Шайх Нои ва Ҳусайни Удӣ дар соз саромад буданд. Бо тарбия ва тақвияти бек онҳо инкишоф ёфта, машҳур шуданд. Устод Беҳзод ва Шох Музаффар дар тасвир бо кӯшишу имкони бек машҳур ва шӯҳрат пайдо кардаанд. Ҳама инро, ки ӯ кард, дар ҷаҳон кам касе чунин муваффақ шудааст."



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Фаъолияти эҷодӣ**

Зарбулмасалро хонед. Мазмуни онро дар робита бо ҷанбаҳои байнишахсии имиҷ шарҳ диҳед.

Ба либосат нигоҳ карда пешвоз мегиранд, ба муомилаат нигоҳ карда гусел мекунанд.

**Андешаронӣ**

Истилоҳи “Дресс-код” аз англисӣ гирифта шуда, маънои “Кодекси либос”-ро дорад.

“Дресс-код” чист?

Ба намуди зоҳирӣ чиҳо дохил мешавад? Ба фикри шумо намуди зоҳирӣ чӣ тавр буданаш лозим аст? Ба чиҳо эътибор додан лозим аст?

**Либосҳоро чӣ тавр интихоб мекунанд?**







*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Пойафзол** диққати атрофиёнро набояд чалб кунад ва соҳибашро норoҳат насозад. Қулай ва ихчам сифати асосии интихоби пойафзол аст.







Ранги **пайпоқ "ҷӯроб"**-ҳо бояд ба ранги пойафзол мувофиқ бошад. Пайпоқҳои расмҳои гуногун дошта тавсия дода намешавад.



**Дар мавридҳои расмӣ** гузаронидани тугмаҳои пиджак мувофиқи мақсад аст. Тугмаҳои пиджак ҳангоми нишастан дар сари миз ё курсӣ, ҳангоми наҳорӣ, хӯроки нисфирӯзӣ ё шом кушодан мумкин аст.





Дар кисаи берунии пиджак ва ҷакетҳо ручка, қалам, айнак, шона ва дигар чизҳоро намоён карда андохтан тавсия дода намешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Шим** бояд аз пеш болои пойафзор истад, аз қафо ба пошна расад, хатҳои шим бояд хуб дарзмол шуда бошанд.

Аз чарм, рангаш сиёҳ ва банди оддӣ доштани камарбанд нишонаи ҷиддӣ аст.







**Курта** дар миён ҷамъ нашавад, аз зери камар низ берун набарояд, куртаро дар атрофи камар печонда, варам карда, аз таги камар берун баромадан мумкин нест. Куртаҳои сафед ва якранг нишонаи табъ, обрӯ ва салоҳияти хуб мебошанд. Ранги курта нисбат ба костюм равшан бояд бошад.

**Гиребон** қисми муҳимтарини либос аст. Бояд ба андозаи муайян мувофиқ бошад. Бояд ғиҷим набошад ва бо гиреҳи гарданбанд як чизи томро нишон дода тавонад.

**Манжетҳои курта** бояд аз банди даст каме поёнтар бошад ва аз остини педжак 1 см берун баромада, ба даст часпида бошад ва дар як вақт ба шумо имкон диҳад, ки ба соат бемалол нигоҳ кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





Гиреҳи галстук бояд ба гиребони курта мувофиқ бошад.

**Галстук** ба кастюм мувофиқ бошад ва ба чашм тез нарасад. Дар зимистон галстуки сиёҳранг ва дар тобистон галстуки рангаш равшан бастан беҳтар аст.




Фаъолияти эҷодӣ

1. Бастани галстукро машқ кунед.
2. Галстукро боз бо кадом усулҳо бастан мумкин?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Либоси корӣ барои занон

**Барои маълумот**



Юбка набояд дароз ё кӯтоҳ бошад, беҳтар аст аз зону паст бошад. Ҳамён бояд содда ва озода шавад. Беҳтарин пешниҳод - аз чарми сиёҳ сохта шуда бошад. Агар шумо хоҳед, ки он хуб пӯшида шавад, онро аз ҳад зиёд пур накунед.

**Туфлӣ** бояд ба ранги костюм мувофиқ ва пешаш пӯшида бошад. Бастаҳои мӯйҳо набояд мураккаб бошад, аммо хуб печонида шуда, ранги мӯй табиӣ бошад. Пардозу андоз аз ҳад зиёд нашуда, нохунҳо беранг ёки бо ранги нафис ранг карда шаванд. Ҷавоҳирот набояд калон ва ҷилодор бошад ва аз 3 дона зиёд набошад (гушвора, ҳалқа ва занҷир).

Дар **портфел** бояд тартибот бошад. Ба гардан партофтани рӯймол ё шарф мақбул ҳисобида мешавад. Ҳангоми интихоби либос занон бояд ба фасл ва муҳит таваҷҷӯҳ кунанд.

Дар симои зебои занон боз як сирри хурде ниҳон аст. Ин бӯйи хушест, ки аз онҳо бармеояд. Бӯйи хушбӯйи атр зебоии ботинӣ ва зоҳириро васл мекунад.



## Қоидаи тиллоӣ

Муҳимтар аз ҳама он аст, ки либос бояд ба баданат мувофиқ бошад, бароҳат, тоза ва озода бошад.





Ба гуфтаи коршиносон, занон бояд аз се навъи атр истифода баранд. Инҳо: барои корхона, барои давраи дӯстон ва барои шахси дӯстдошта.











*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Ганҷинаи андарзҳо

Шахсе, ки бо хислату ахлоқи нек зинат наёфта бошад, ҳеҷ либосе зебу зинат дода наметавонад.

*Маҳмуд Замахшарӣ*

## Барои маълумот

Имрӯз мо дар ҷаҳони босуръат рушдёбанда зиндагӣ мекунем. Бо ҳамлаҳои гуногуни иттилоотӣ, баромадҳои гуногун, маълумоти ноҷояву хатарнок ба соҳиб шудани шууру тафаккури ҷавононамон ҳаракат мекунанд. Яке аз чунин таҳдидҳо «маданияти оммавӣ» аст. Мақсади «маданияти оммавӣ» пеш аз ҳама ба даст овардани сарватҳои моддӣ, ба ҳамдигар муқобил гузоштан, якдигарро ба худкунӣ бурдан аст.





Ғояи асосии ҳаракати "Готҳо" романтикӣ кардани марг, лаззат бурдан аз изтироб, азобу уқубат, ифлосӣ иборат аст. Намояндагони ин маданият ба имиҷи ранги сиёҳ такя мекунанд, ба мусиқии готикӣ таваҷҷӯҳ доранд, бо нияти имрӯз зиндагӣ мекунанд. Готҳо ба ҷойи лаззат бурдан аз эҳсосоти мусбӣ аз изтироби рӯҳӣ, ноумедӣ ва ранҷ лаззат мебаранд.

Пӯсти худро сӯрох карда сурат накашед – ин одат ба будпарастон хос аст. Аҳди Қадим (19:29).

Готҳо ҳам ба "дресс-код" дар асоси ранги сиёҳ пайравӣ мекунанд. Унсурҳои асосии тарзи либоспӯшӣ фаровонии сиёҳ дар либос, истифодаи ороишҳои гуногуни металлӣ мебошанд.

Вазифаи либос фақат аз хунукӣ, борон ҳимоя кардани инсонҳо не, балки воситаи ба худ ҷалб кардани эътибор низ мебошад. Аксар вақт тартиб ва ихчамӣ дар либосро ба ташкилотчигӣ дар кор муқоиса мекунанд. Нисбат ба шахсоне, ки ба дуруст бастани галстук, чиркинии пойафзол, либоси ғиҷим эътибор намедиҳанд, тасаввури "нисбат ба хеш серталаб нест" ё "беэҳтиромӣ нисбат ба дигарон" пайдо мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Оё дар мактаби шумо дресс-код вуҷуд дорад? Ба фикри шумо, дресс-код бояд дар куҷо бошад?

## Натиҷагирӣ аз дарс

Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда кор кунед.

1. Дар таърихи инсоният аз кай нисбат ба либос эҳтиёҷ ба вуҷуд омад? Барои ташаккули либосҳои миллии халқҳои ҷаҳон чӣ гуна шароитҳо сабаб шудааст?

2. Шумо роҳбари компания ҳастед. Оё шумо ба либос ва намуди зоҳирии кормандонатон аҳамият медиҳед? Чаро? Фикри хешро асоснок кунед. Ба ғайр аз намуди зоҳирӣ шумо боз кадом талаботро мегузоштед?

3. Ҷавобҳои худро ҷамъбаст карда, дресс-код ва тамоилҳои онро таҳия кунед.

4. Ба расмҳои зерин бо диққат нигаред. Оё ба онҳо барои кормандони созмонашон дресс-код лозим аст? Барои исботи фикри хеш 5 далел биёред.











## Ганҷинаи андарзҳо

Сару либоси одам инъикоси олами маънавии ботинии ӯ аз берун аст. Ҳар кӣ мафҳумҳое чун шарму ҳаё, номус дорад, дар ҳолате, либос мепӯшад, ки шаъну эътибори хешро нигоҳ дошта бошад ва нафрати дигаронро бедор накунад.

*Шайх Муҳаммад Содиқ Муҳаммад Юсуф,*
*Аз китоби «Одоби иҷтимоӣ»*





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮЪҲОИ 21-22: ЭТИКЕТ

## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Оё шумо дар бораи этикет шунидаед? Ба назари шумо этикет дар рӯҳияи инсон чӣ гуна нақш мебозад? Этикетро барои чӣ меомӯзанд?
2. Қоидаҳои одоб-ахлоқ ба этикет чӣ иртибот дорад?
3. Оё тартибу қоидаҳоеро, ки ҷомеа қабул кардааст, қоидаҳои тиллоӣ номидан мумкин аст? Андешаҳои хешро асоснок намоед.

## Андешаронӣ

Этикет мафҳумест, ки қоидаҳои рафторро дар доираҳои муайян муҷассам мекунад. Дар синфҳои поёнӣ шумо дар бораи баъзе қоидаҳои этикет ва чӣ тавр ба онҳо риоя карданро омӯхтед. Вақте ки шумо дар остонаи зиндагии бузург истодаед, барои пайдо кардани мавқеи хеш дар ҷомеа бояд қоидаҳои этикетро риоя кунед.

## Фаъолияти эҷодӣ



**Ба ду гурӯҳ ҷудо шавед!**

1. Роҳбар ва кормандони ташкилотро интихоб кунед. Шумо бояд дар байни ташкилотҳо шартномаи ҳамкорӣ имзо кунед. Дастури ташкили чараёни гуфтушунидро тартиб диҳед. Вазифаҳои аз рӯйи дастур муайяншударо шартан иҷро намоед.
2. Бифаҳмонед, ки дар муносибатҳои байниҳамӣ кадом қоидаҳои этикет вайрон шуданд.
3. Аз рӯйи камбудиҳои ошкоршуда тавсияҳо пешниҳод кунед.
4. Тавсияҳои хешро бо мавзӯъ муқоиса кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ

Унсурҳои асосии муошırати самарабахши зерин мавҷуданд:
– салом додан;
– шиносоӣ;
– муроҷиат;
– субординатсия (муошırати қадам ба қадам).

Муошират - дар муносибат будан. Муошират ин амал, эҳсос, фикр, мубодилаи таҷрибаҳои ботинӣ бо дигарон мебошад. Ин шакли эҷодист, ки фазилатҳои шахс, паҳлӯҳои беҳтарини “ман”-и дохилиро намоён мекунад.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Аз рӯйи расмҳои овардашуда шарҳ диҳед, ки кадом қоидаҳои этикет вайрон шудааст.

2. Дар расмҳои зерин кадом қоидаҳои одобу ахлоқ вайрон карда шудаанд? Фикри хешро асоснок кунед.



## Ганҷинаи андарзҳо

Барои муваффақ шудан дар зиндагӣ се чиз лозим аст: диққат, интизом ва кӯшиш.

*Ҷалолиддин Румӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Шумо бояд инро бидонед ва риоя кунед!















Ҳар касе, ки ба давра дохил мешавад, салом медиҳад. Соҳибхона ӯро ба ҳамагон муаррифӣ мекунад, баъд дигаронро мувофиқи синну солашон муаррифӣ мекунад.

Ҳангоми инсонҳоро бо ҳам шинос кардан, дар бораи онҳо маълумоти мухтасар дода мешавад.

Масалан, “Ин дӯсти ман Маҳфуза, ӯ ҷарроҳ шуда кор мекунад.”, “Ин ҳамсинфи ман Дилдора аст ”.  Бо ин шумо муносибати хешро нисбат ба шиноси нави ба давра ҳамроҳ гашта маълум мекунед.

Шумо бояд бо шахсе, ки шиносой мекунед, барои хайрхоҳӣ даст дароз намуданатон лозим аст. Агар занҳо даст дароз накунанд, мардон даст дароз намекунанд.

Пеш аз ҳама мардонро бо занҳо шинос мекунанд ва салом медиҳанд. Хурдсолон ба калонсолон салом медиҳанд.

Мард ба дар курсӣ нишастани зан кӯмак мекунад.

Дар давраҳои калоне, ки занону мардон ҷамъ мешаванд, аввалин шуда занҳо мепурсанд. Мардҳо аввал бо занон ва баъд бо якдигар салом додан аз одоб аст.

Ҳангоми аз кӯча рафтан зан аз тарафи рости мард мегузарад.

Аз воситаҳои нақлиёт аввал мард фаромаданаш, вақти савор шудан бошад аввал зан савор шуданаш лозим аст.

Ба эътиқоди вакилони динҳои дигар эҳтиром гузоред.

Ҳангоми баромадан ба эскалатор дар тарафи рост истода бошед. Ҷониби чапро холӣ гузоред. Бигузор онҳое, ки саросемаанд гузаранд.

Дар ҷойи ҷамъиятӣ бо овози баланд ханда кардан, бо овози баланд сухан гуфтан беодобӣ аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

Ҷадвалро идома диҳед

| Қоидаҳои салом | |
|---|---|
| Барои духтарон | Барои писарон |
| Дасти росташро ба сари сина гузошта, бо табассум салом медиҳад. | |
| Барои намуна ба кӯдакони хурдсол салом медиҳад. | |
| Калимаҳои “Ассалому алайкум”-ро дона-дона гуфтан. | |
| Шахси аз тарафи муқобил омадаро пеш аз 3 - 4 қадам монданаш салом додан. | |
| Ба зан ё марди калонсол аз ҷой хеста салом додан. | |
| Ҳангоми пурсиши акаву ука, модару писар, апаву хоҳар даст дароз накарда, балки ба оғӯш гирифта сипас даст дода ҳолпурсӣ кардан. | |
| То роҳбар даст дароз накунад, кормандон даст дароз намекунанд. | |
| Аз рӯйи одат каме сарашро хам карда салом додан. | Ҳангоми вохӯрӣ дастро сахт нафишурдан. Дастро сахт фишурдан ё муддати тӯлонӣ сар надодан беодобӣ аст. |
| Зан ҳангоми дастфишорӣ бо мардон дастпӯшакҳои хешро накашад ҳам мешавад. | Мардон аввалин шуда ба занон даст дароз намекунанд. |
| | Ҳангоми вохӯрӣ бо калонсолон, мӯйсафедон бо ду даст вохӯрӣ кардан. |

## Андешаронӣ

**Ҳикояро хонед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.**

1. Ба фикри шумо, аввал ба кӣ салом додан лозим аст?
2. Дар бораи вазъият андешаи хешро баён кунед.
3. Шумо дар ин ҳолат чӣ гуна муносибат мекардед?

### Шумо якдигарро мешиносед?

Гулнора бо дугонааш Саида аз дарс бармегашт. Саида бо зани 40-солае, ки дар истгоҳи автобус меистод, салом дод. Гулнора гумон кард, ки дугонааш шояд аз сабаби шинохтанаш медиҳад, ӯ ҳам салом дод. Вақте ки Саида ба ҳар як роҳгузаре, ки дар роҳ вомехӯрд, салом медод, Гулнора аз ин асабонӣ шуда пурсид:

– Чаро ин қадар салом медиҳӣ, ҳамаи инҳо шиноси туанд?

– Не, гуфт Саида.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



«Ҳа аз ин сабаб касе алек гирифт, каси дигар барои чӣ ба ман салом дод гуфта ба тааҷҷуб нигарист-а?! Э, рав-е, акнун ба ту ҳамроҳ намегардам, маро шарманда кардӣ...» гуфт Гулнора.

## Ганҷинаи андарзҳо

Пеш аз таомхӯрӣ шустани дастон барака аст ва фақириро аз байн мебарад. Пас аз хӯрок шустани дастҳо бошад маломатро дур мекунад.

## Фаъолияти эҷодӣ

Писарон ва духтарон ба гурӯҳҳои алоҳида тақсим мешаванд

### Дар ош

*Барои дастаи писарон*

Бобом:

– Дер шуд, пагоҳӣ барвақт хестан даркор. Ба ош меравем, либосатро тайёр кун гуфтанд.

Мо дар вақти муқарраршуда ба ош расидем. Бобоям бори дигар қоидаҳоеро ба хотир овард, ки ман ёд медонистам ва ҳамеша ҳангоми ба тӯй омадан бобоям ёд медод. Ман бо диққат гӯш кардам.

Дасти дастёрон ба даст намерасид. Ман ҳам бо иҷозати бобоям ба сафи онҳо дохил шудам. Дар анҷоми чорабинӣ мо дастёрон дар як давра нишастем, муддате меҳмон будем.



Аз тӯйхона баромадем ва пеш аз он ки бобоям бо соҳибхонаҳо хайрухуш кунанд, маро бо чанд нафар шинос кард. Ман дар як сӯ одобро нигоҳ доштам. Соҳибхонаҳо дастамро фишурданд ва гуфтанд: «Аз шиносоӣ шодам, ба меҳмонӣ биё».

1. Ба фикри шумо, дар ибораи «Бобоям бори дигар қоидаҳоеро ба хотир овард, ки ман ёд медонистам ва ҳамеша ҳангоми ба тӯй омадан бобоям ёд медод» кадом қоидаҳоро зикр кардаанд?

### Дар меҳмонӣ

*Барои дастаи духтарон*

Мо ба тӯйи гаҳворабандони амакам рафтем. Албатта, чунон ки модарам гуфт, рӯймол баста будам. Баробари расиданамон мизбонон моро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифтанд. Вақте вориди манзил шудем, модарамро ба дарун бурданд. Пойҳоям маро ба сӯйи ошхона бурданд. Дар ошхона дасти ноаён духтарони ҳамсоламро пеш мебурд. Ҳар кас дидаю дониста кори худро иҷро мекард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар ҳамин вақт зане бо чойник баромад ва ман фавран чойникро гирифтам. Холабачаам, ки дар назди плитаи газ буд, гуфт: «Чойи чӣ хел, кабуд ё сиёҳ?». Боэҳтиёт чойникро аз дастам гирифта, чой дам карда, ба дастам дод. Ҳатто фурсат ёфт, ки аз ҳоли ман пурсад ва гуфт, ки «даромада нон хӯр, баъд ба ошкашӣ ёрдам мекунӣ».

1. Дар ҷумлаи “ Дар ошхона дасти ноаён духтарони ҳамсоламро пеш мебурд. Ҳар кас дидаю диниста кори хешро иҷро мекард” дар бораи кадом «дасти ноаён» сухан меравад?

2. Шумо дар чунин ҳолатҳо чӣ гуна муносибат мекунед?



Ба ҳар ду гурӯҳ: Чаро ба ин қоидаҳо риоя кардан лозим аст? Рамзҳоеро, ки ҳар як қоидаро ифода мекунанд, кор кунед.

Умумият ва фарқиятҳои байни қоидаҳои ҳарду гурӯҳро муайян кунед. Инро дар диаграммаи Венн баён кунед.

## Оё медонед?

Ҳангоми нӯшидани об бо як нафас не, балки оҳиста-оҳиста дар се маротиба нӯшиданаш лозим аст. Дар оби нӯшокӣ пуф накардан лозим аст. Аз хеста ёки роҳ гашта об нӯшидан, нишаста нӯшидан беҳтар аст.

Ба ҳар гӯшаи дастархон даст дароз накарда, аз пеши худ, кам-кам хӯрдани таом аз рӯйи одоб аст. Агар дар даҳонаш луқма бошад, гап назаданаш маъқул.

Дар атрофи дастархон ба луқмаи дигарон нигоҳ кардан, ҳаракатҳои дилбеҳузуркунанда ва қаҳ-қаҳа кардан, чалп-чалп карда хӯрдан одати бад аст.

## Натиҷагирӣ аз дарс

1. Дар ҳикояҳои “Шумо якдигарро мешиносед?, “Дар ош” ва “Дар меҳмонӣ” кадом арзишҳо нуҳуфтааст? Рӯйхати арзишҳоеро, ки дар ҳар як ҳикоя барои шумо муҳиманд, тартиб диҳед.

2. Кадом қоидаҳои дигарро шумо илова карда метавонед?

3. Фарз мекунем, ки шумо роҳбари ташкилот ҳастед. Барои ташкилоти худ қоидаҳои этикетро таҳия кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# БОБИ IV. РУШДИ ШАХСӢ

## МАВЗӮЪҲОИ 23 - 24: ТАҲКУРСИИ РЕНЕССАНС

### Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда



















1. Омилҳои марбут ба некӯаҳволии ҷамъиятро тавассути расмҳои пешниҳодшуда муайян кунед. Ба фаровонӣ чӣ асос мешавад?

2. Мутахассиси соҳибдониш ва устои моҳири касби хеш будан ба рушди кишвар чӣ гуна таъсир мерасонад?

3. Шумо барои такмили дониши хеш дар як рӯз чӣ қадар вақт сарф мекунед?

4. Донишманди маъруф Абуалӣ ибни Сино гуфтааст: «Донише, ки дар тарозуи ақл андоза намешавад, дуруст нест». Ба фикри шумо чаро донишро бояд дар тарозуи ақл баркашид?

5. Имрӯзҳо ислоҳоти илму фан дар мамлакати мо ба кадом мақсад равона шудааст?

6. Ба кишварҳое, ки дар чорроҳаи “Роҳи бузурги абрешим” ҷойгиранд, назар кунед. Таъсири “Роҳи бузурги абрешим”-ро бо инҳо тавсиф кунед:

– тамаддун;
– мероси илмӣ ва фарҳангӣ;
– рушди давлатдорӣ;
– муносибатҳои дипломатӣ;
– муносибатҳои миллӣ ва динӣ






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Андешаронӣ**



Меъмор Исмоил ибн Тоҳир Маҳмуд Исфаҳонӣ бо супориши Мирзо Улуғбек дар соли 1417 дар Бухоро мадраса месозад. Дар дарвозаи чӯбини мадраса ҳадиси шарифи ***“Талаби илм барои ҳар як муслим ва муслима фарз аст”*** ба забони арабӣ бо ҳарфҳои нақшин сабт карда шудааст. Дар ҳалқаи оҳанини дарвоза яке аз меъморони ҷавон, ки ба олим меҳраш зиёд буд, ба рӯҳияти подшоҳ Мирзо Улуғбек хос чунин навиштааст: ***“Ба одамони аз дурдонаҳои илм баҳрамандшуда Аллоҳ таъоло дарҳои раҳматро мекушояд”.***

**Фаъолияти эҷодӣ**

1 Матни зерро хонед ва муносибати худро баён намоед.

Бе сулҳу субот дар илм пешравӣ ва тараққиёт намешавад. Танҳо вақте ки сулҳу субот вуҷуд дорад, марказҳои илмӣ, академияҳо, университетҳо ба вуҷуд меоянд.

2. Барои дар амал татбиқ намудани мақоли хирадмандонаи «Устод мисли падар бузург аст» шумо кадом тавсияҳо медиҳед? Оё шумо ба ин ҳикмат пайравӣ мекунед? Чаро мақоми омӯзгор бо падар баробар аст?

**Барои маълумот**

## Рушди илму дар кишвари Ӯзбекистон (аз назари мутахассисони хориҷ)

Дар Ӯзбекистон ғоя ва таклифҳое, ки ба пояи нав баланд бардоштани илм нигаронида шудаанд, аз ҷиҳати тараққиёти минбаъдаи мамлакат аҳамияти калон доранд. Муҳим аст, ки мардум таърих, фарҳанг ва анъанаҳои хешро донад.

Агар кишварҳо таърихи ҳамдигарро амиқ донанд, дар ҷаҳони ҷаҳонишавии имрӯза сулҳу ҳамкорӣ таҳким меёбад.

Ногуфта намонад, ки мубодилаи дониш, гузаронидани тадқиқот ва лоиҳаҳои муштарак бо дигар кишварҳо ва марказҳои илмии хориҷӣ хеле муҳим аст.

*Антонио Алонсо МАРКОС, профессори Донишгоҳи Сан Пабло-Мадрид*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ









Матнро хонед. Фикратонро дар асоси расмҳо шарҳ диҳед.

### Чор сутуни асосии давраи Ренессанс

Мо тарбияи томактабӣ ва мактабӣ, системаи таълими олӣ ва миёнаи махсус, муассисаҳои илмӣ ва маданиро ҳамчун чор ҳалқаҳои таркибии Ренессанси оянда мебинем. Мураббии кӯдакистон, омӯзгори мактаб, омӯзгор-профессорон ва зиёиёни илмию эҷодкорамонро чор сутуни Ренессанси нав медонем.

Боварӣ дорам, ки падару модарони азиз ин иқдомро ҳатман дастгирӣ мекунанд ва ҳалқаи панҷум, сутуни панҷуми Ренесанси нав хоҳанд буд. Ин устувортарин сутуни ҳаёти маънавию маърифатии мо хоҳад буд ва фикр мекунам, ки шуморо комилан дастгирӣ мекунанд.

*Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

## Ганҷинаи андарзҳо

«...Вақте ки мо дар бораи бунёди Ӯзбекистони нав қарор додем, мо ба ду сутуни мустаҳкам такя мекунем. Якум, иқтисодиёти пурқувват, ки ба тамоилҳои бозор асос ёфтааст. Дуюм, мероси ғании ниёгон ва маънавиёти қавии бар пояи арзишҳои миллӣ мебошад», — гуфт Президент.

Тамоили ягонагии иқтисодиёти пурқувват ва маънавияти пурқувват асоси мустаҳкам дорад. Мо миллате ҳастем, ки ду Ренесансро дидаву бунёд кардааст. Формулаи “Ӯзбекистони нав – иқтисодиёти пурқувват+ маънавият пурқувват” асоси давраи сеюми Ренессансро ташкил мекунад. Чунин созгорӣ ба пешрафти ҷомеа  хизмат карда, одамонро ба сӯйи маърифат мерасонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Андешаронӣ**

Аз Афлотуни ҳаким пурсиданд: Чӣ гуна ин қадар донишро ҳосил кардӣ? Дар посух гуфт: «Агар арзиши равғани чароғеро, ки ҳангоми таҳсил даргирондаам ҳисоб кунед, аз он чӣ хӯрдаму нӯшидаам зиёд мешавад.” Аз ин рӯ, ба шумо лозим аст, ки вақтро барои омӯзиш сарф кунед, на аз ҳад зиёд хӯрдан ва лаззат бурдан.

Донистани илми ҳар як кор гарави анҷом додани он ва мукаммал ба ҷо овардани он мебошад. Дониш ва андеша беҳтарин роҳнамоии инсонҳо дар дунё ва охират аст. Соҳиби он бошад, ба тамоми ахлоқи шоиста ноил мегардад.

**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Дар матн «донистани илми ҳар кор» чӣ маъно дорад?
2. Фикри матни «Соҳиби он бошад, ба тамоми ахлоқи шоиста ноил мегардад»-ро бо моҳияти матни «Ӯзбекистони нав аз остонаи мактаб сар мешавад» вобаста кунед.
3. Омили асосии қатъиятнокӣ, донистани илми кори хеш, ба камол расонидан ва мукаммал иҷро намудани Тӯхтамурод Ҷумъаев дар чӣ буд? Чаро?
4. Шумо барои ноил шудан ба ҳадафҳои хеш чӣ гуна ҳаркат карданатон лозим аст?
5. Ибораи «иҷрои пурра» чӣ гуна матлабро ифода мекунад?

**Андешаронӣ**

## Ӯзбекистони нав аз мактаб оғоз меёбад

Тӯхтамурод Ҷумъаев як мактаби оддии деҳоти яке аз ноҳияи дурдасти Бухороро бо кӯшишу меҳнати пурсамар ва методикаи нави таълим ба як муассисаи маъруфи таълимии сатҳи ҷумҳурӣ табдил дод.

Ҳар сол бештар аз 95 фоизи хатмкунандагони ин мактаб ба муассисаҳои олӣ дохил мешаванд.

Соли 2020 мактаб бо назардошти дастовардҳои бузург ба мактаби байналмилалии математика табдил дода шуд.



Омӯзгори боистеъдод Тӯхтамурод Ҷумъаев барои дастовардҳои барҷаста ва фаъолияти намунавӣ дар соҳаи маориф бо ҷоизаи олии давлатии кишвар – ордени «Барои хизматҳои бузург» (“Buyuk xizmatlari uchun”) сарфароз гардонида шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

1. Зарбулмасали халқии зеринро бихонед ва бигӯед, ки мутафаккирони кишварамон барои азхуд кардани дониш дар соҳаҳои гуногун чӣ қадар меҳнат кардаанд:

«Илм мисли кофтани чоҳ бо сӯзан аст».

2. Кадом бахшҳои илму ҳунарро шумо ҳадафи хеш қарор медиҳед?

3. Барои ноил шудан ба ҳадафатон чӣ гуна ҳаракат мекунед?



## Назар ба таърих



Мамлакати мо ҳар қадар тезтар нашъунамо ёбад, тавонотар шавад, дар ҷамъияти ҷаҳон мавқеи сазовори хешро ишғол намояд, пеш аз ҳама сатҳи маънавии шумо, ғуруру ифтихори шумо ҳамон қадар баланд мешавад.

Саҳми бузурги Имом Бухорӣ, Термизӣ, Абумансури Мотуридӣ, Абунасри Форобӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино, Хоразмӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Бурҳониддини Марғинонӣ дар илми ҷаҳон дар асрҳои IX-XII ба фаъолияти академияи Маъмун дар Хоразм вобаста бошад, марҳилаи дуюм - давраи Ренессанси Темуриён - ба асрҳои XIV-XVI рост меояд.

Хизматҳои Амир Темур, Мирзо Улуғбек, Алишер Навоӣ, Бобур Мирзо дар тараққиёти илму фан беназир аст. Инкишофи илм, фалсафа ва адабиёт дар Осиёи Маркази дар асрхои IX–XII ва XV ба Ренессанси Европа таъсири калон расонд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

1. Ба расмҳои зерин бодиққат нигоҳ кунед. Барои кашидан ва андеша кардан дар бораи ин расмҳо дар асрҳои миёна кадом донишҳо лозим буд?

2. Манзараи расми 5-ро бо ҳикмате, ки дар пештоқи дарвозаи мадрасаи Улуғбек навишта шудааст, шарҳ диҳед.

3. Дар асоси кандакории китоби Абуалӣ ибни Сино «Қонунҳои тиб», ки дар асри XIV дар Италия нашр шудааст, дар бораи саҳми Ибни Сино дар инкишофи илми тибби ҷаҳон маълумот диҳед.




Накшаи муайянкунии қибла. асри VIII. Муҳаммад ибни Мусо Хоразмӣ




Як қисми Устурлоб. асри X. Ибни Ироқ.




Зарфе, ки ҳаҷми оби фишурдашударо муайян мекунад. асри XI




Асбобҳои тиббиёт. Асри XI




Улуғбек бо шогирдонаш. Миниатура. Асри XVI




Гравюра дар китоби «Қонунҳои тиб»-и Абуалӣ ибни Сино, ки дар асри XIV дар Италия нашр шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Ганҷинаи андарзҳо

Илмҳои зиёде мавҷуданд. Онҳо натиҷаи замонанд ва вақте ки фикру андешаҳо ва хотираҳои гуногун илова мешаванд, зиёд мешаванд. Ба илм таваҷҷуҳи мардум ва эҳтироми илму аҳли дониш нишонаи он комёбиҳост. Хусусан, эҳтироми ҳокимон нисбат ба уламо боиси густариши илмҳои гуногун мегардад.

*Абӯрайҳони Берунӣ, Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 2*

### Фаъолияти эҷодӣ

Фикри “Эҳтироми ҳокимон нисбат ба уламо боиси густариши илмҳои гуногун мегардад” –и Абӯрайҳон Беруниро ба эътибор нисбати илму фан дар мамлакатамон вобаста кунед. Фаҳмонед, ки шумо дар бораи баромади ҳамсолони хеш дар мусобиқаҳои гуногун чиро ҳис мекунед.

### Барои маълумот

## Стратосфера забт карда шуд



Дар соли 2021 Зиёдулло Бӯтахонов, мутахассиси “Лабораторияи омӯзишӣ ва тадқиқотии авиатсия ва кайҳонӣ”, муяссар гардид, ки бо истифода аз таҷҳизоти муосиртарин лоиҳаи бузургҳаҷмро амалӣ созад.

Ба туфайли ҷидду ҷаҳди олими ҷавон, ки аз баландии 42 километр Заминро ба сурат гирифта тавонист, дар таърихи мамлакати мо аввалин бор аэростат ба коинот сар дода шуд.

Ӯзбекистон аввалин бор фазои наздик — стратосфераро забт кард.








*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Фаъолияти эҷодӣ**

## Супориши ҷамоавӣ:

1. Халқи мо ганҷинаи бузурги маънавӣ дорад. Шумо барои боз ҳам ғанӣ гардонидани ин ганҷ чӣ кор карда метавонед?

2. Дар расми зер кадом мутафаккирони соҳа тасвир шудаанд? Даврае, ки дар он зиндагӣ кардаанд, муайян кунед ва баҳои таърихӣ диҳед.

3. Нақши осори илмии давраи Эҳёи Шарқ дар рушди илми муосир чӣ гуна аст?

Аз рӯйи соҳаҳо таҳлил кунед (ҳар як ҷамоа бо роҳи алоқаманд кардани комёбиҳои соҳаи илм бо кори олимон маълумот ҷамъ мекунад).

Ҷанбаҳои умумӣ ва мушаххаси маълумоти пешниҳодкардаи ҳар як ҷамоаро муайян кунед. Дар мавзӯи «Эҳёи Шарқ ва саҳми ман дар давраи нави пешрафти илм» тақдимот омода кунед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

Инноватсия оянда аст. Мо бояд ба бунёди ояндаи бузурги хеш дар асоси ғояҳои инноватсионӣ шурӯъ кунем...

Зеро дар ҷаҳони босуръати имрӯза кӣ ғолиб хоҳад шуд? Давлате, ки ба ғояи нав, фикри нав, инноватсия такя мекунад, ғолиб мегардад.

*Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

– Касбе, ки дар оянда мақсад кардаед, ба кадом инноватсияҳо асос меёбад?

– Фикри «Устоди касби хеш шудан»-ро бо фикри «Мо бояд ба бунёди ояндаи бузурги хеш дар асоси ғояҳои инноватсионӣ шурӯъ кунем» вобаста намуда шарҳ диҳед.

## Натиҷагирӣ аз дарс

1. Инкишофи илму фанни асримиёнагӣ заминаи инкишофи кадом фанҳои имрӯза гардид? Илму фан дар кадом шароит инкишоф меёбад?

2. Олимони Осиёи Марказӣ дар кадом соҳаҳо фаъолит бурдаанд?

3. Абӯрайҳони Берунӣ 500 сол пеш аз саёҳати Колумб ақидаеро пешниҳод кардааст, ки дар берун аз укёнусҳои Ором ва Атлантик қитъае вуҷуд дорад. Ӯ ба кадом донишҳо такя намудааст? Барои ба даст овардани ин дониш чӣ шароитҳо доред? Оё шумо онро оқилона истифода мебаред? Фикри хешро асоснок кунед.



*Кани, духтарам, ба ман бигӯед! Чаро таҳсилро бас кардед? Шумо хондану навиштанро ёд гирифтед? Ба ман бо хатти худ нома нависед. Ба ман акси худро фиристед, хуб-мӣ? Фаромӯш накунед.*
*Фахрӣ. 4 декабри соли 1944*


Қани, қизим, айтингчи!
Нима учун ўқишни тўхтатдингиз? Ўқиш-ёзишни билиб олдингизми? Менга ўз қўлингиз хат ёзиб юборинг. Бир суратингизни ҳам юборингиз, хўпми! Унутман.
Фахри.
1944 йил 4 декабрь

4. Падари аз фронт ба духтараш мактуб фиристода, кадом маҷбуриятро иҷро кард?

5. Чаро падаре, ки дар остонаи ҷанг қарор дорад, барои фарзандаш таҳсилро аз ҳама чиз муҳимтар мешуморад?

6. Боби достони «Нидо»-и Эркин Воҳидовро бихонед, ки аз «Соли 44 сентябр, субҳ дамид...» сар мешавад. Онро бо фикрҳои мактуб муқоиса кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮЪҲОИ 25-26: ВАКСИНАИ ҲАЛОЛӢ

## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Шумо «Ваксинаи ҳалолӣ»-ро чӣ гуна мефаҳмед? Бо он чӣ гуна ваксина гирифтан мумкин аст?

2. Оё шумо бо “ваксинаи ҳалолӣ” ваксина кардаед? Фикри хешро асоснок кунед

## Андешаронӣ

### Гузаштани рӯз душвор шуд

Азизбек аз сабабе, ки имрӯз аз сардораш танбеҳ гирифт, дасташ ба кор нарафт. “Хайр, кор кунӣ ҳам, накунӣ ҳам ҳамин аҳвол!”. Рӯзона дар компютер бозиҳои гуногун бозӣ карда, дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо касе чизе навишт... Гузаштани ин рӯз барои Азизбек хеле душвор буд.



Ӯ ҳар гоҳ ба соаташ менигарист, гуё ақрабаки соат дар як ҷой истода бошад. Мана, ниҳоят, ақрабаки соат ба 18:00 расид, вақти кор ба охир расидааст. Азизбек мизи кориашро ба ҷо оварда, бо ҳамкорон хайрухуш карда, ба кӯча равон шуд.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Чаро гузаштани ин рӯз барои Азизбек душвор буд?
2. Шумо ба ҷойи Азизбек чӣ кор мекардед?
3. Азизбек чизе гум кард? Кайфияти у ба самаранокии меҳнат чӣ андоза таъсир расонд?

## Андешаронӣ

### Масъулияти касб

Зарифа дар як поликлиникаи оилавии маҳалла ҳамшира шуда кор мекунад. Ӯ бояд имрӯз кӯдаконеро, ки дар кӯчаҳои маҳаллаи ба ӯ вобасташуда зиндагӣ мекунанд, ба тафтиши навбатӣ даъват намояд. Ба оилаҳое, ки бо телефон тамос гирифта натавонистанд, маҷбур шуд ба хонаҳояшон раванд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бархе аз хонаводаҳо барои овора кардани Зарифа узр пурсиданд. Вақте ки ба ҳавлии Назира апа даромад, аввал ӯро самимона пешвоз гирифтанд. Гап дар бораи муоинаи тиббӣ рафту Назира ба ғазаб омада гуфт: «Ба мо чӣ кор карданро ёд надиҳед. Мо худамон медонем, ки кай чӣ корро кунем! ”. Зарифаро то дами дар гусел кард.



### Фаъолияти эҷодӣ

1. “Назорати тиббӣ” барои чӣ лозим аст? Аз он кӣ бисёртар манфиатдор?
2. “Ба мо чӣ кор карданро ёд надиҳед. Мо худамон медонем, ки кай чӣ корро кунем!” Инро дар робита бо пандемия, ки дар соли 2020 дар саросари ҷаҳон паҳн шуд, шарҳ диҳед.

### Андешаронӣ

## Дар мағоза

Мӯҳлати истифодаи дар қуттии шоколадҳо нишон дода шуда гузаштааст.

“Мо инро чӣ кор мекунем? ” – пурсид Шаҳло аз мудир.

Мудир гуфт: “Ҳамин тавр мӣ? Пас ҳама шоколадҳоро аз қуттӣ кушоед”.



Шаҳло ва дигар духтарон баъди кор монданду шоколадҳои мӯҳлаташ гузаштаро кушоданд. Мудири корхона барои корашон баъди кор ба онҳо музди иловагӣ дод. Рӯзи дигар дар мағоза шоколадҳои аз қуттӣ кушодашуда бо килограмм фурӯхта мешуданд.

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Масъулияти мудири мағоза барои иҷрои вазифааш то чӣ андоза ташаккул ёфтааст?
2. Ба фикри шумо, мудири мағоза ба “ваксинаи ҳалолӣ” ниёз дорад? Чаро?
3. Ба фикри шумо “Ваксинаи ҳалолӣ” бароиояндаи шумо то чӣ андоза муҳим аст?

### Ганҷинаи андарзҳо

Мо ба ҳадафҳои баланде, ки дар мубориза бо коррупсия дар назди хеш гузоштаем, бе ҷалби тамоми табақаҳои аҳолӣ, беҳтарин мутахассисон ва тамоми аъзои ҷомеа, ба ибораи дигар, бидуни гирифтани “ваксинаи ҳалолӣ” ноил шуда наметавонем.

*Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Барои маълумот**

Аз рӯйи арзишҳои умумибашарӣ, дар масъалаи ҳалолу ҳаром устувор будан ва фарқ кардани онҳо хислати инсони комил аст. Инсон агар аз ҳаққи касе битарсад, дар интихоби касб ва дарёфти ризқу рӯзӣ аз ҳаром парҳез кунад, пас барои ҳалол талош мекунад.

Агар аҳамит диҳем, мардуми мо дар бораи ҳалолӣ ва нопокӣ ҳикматҳои ибратбахши зиёд дорад. Инҳо саволҳои душворе мебошанд, ки дар заминаи он ду ҷаҳонбинии ба ҳам зид ба миён меоянд.

Ҳалол мисли худ дӯстони зиёде дорад: некӣ, баракат, хотирҷамъӣ,осоиштагӣ. Агар таваҷҷуҳ кунед, дилу роҳи одами ҳалол дуруст ва мартабааш баланд мешавад.

**Андешаронӣ**

## Ҷавоб барои пули шикаста

Абдуллоҳ ибни Умар ба падараш гуфт:

– Падарҷон, агар аз олам гузаред, мехоҳам шуморо шаби дуюм ё сеюм хоб бубинам.

Пас аз дувоздаҳ соли вафоташ падараш дар хоб ӯро надид. Фақат баъди дувоздаҳ сол падарашро дар хоб дид. Писараш дар хобаш аз ӯ пурсид:

– Падарҷон, гуфта будед, ки баъди се шаб хоб мебинам!

Падараш ҷавоб дод:

– Як тахтаи пули Наҳарвон вайрон шудаасту кормандон онро таъмир накарданд. Вақте, ки гусфандон аз пул гузаштанд, пои яктояш ба чуқурӣ афтода шикаст. То ҳол ман ба ин ҷавоб додам.

*Аз "Сиёсатнома"- и Низомулмулк*

**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Вазъияти ҳикояро аз рӯйи сифатҳои масъулият, ҳалолӣ ва маҷбурят таҳлил кунед.

2. Шумо нисбати ӯҳдадориҳои хеш чӣ гуна муносибат мекунед? Оё шумо фикр мекунед, ки онҳоро сари вақт ва мақсаднок идора карда метавонед?

3. Ҳисоб кунед, ки шумо дар давоми рӯз чӣ қадар вақтро самаранок сарф мекунед. (7-8 соати хобро ҳам дохил кунед). Вақтро ки шумо ҳамчун як рӯз муқаррар кардаед, ба як моҳ зарб кунед. Кӯшиш кунед, ки онро ба солҳо афзоиш диҳед.

4. Ба нақша гирифтани фаъолиятҳои хеш одат кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Андешаронӣ

Акмал академияи бонкро хатм кардааст. Дар айёми таҳсил ба шарафи падараш устодонаш баҳои имтиҳонҳои ҷорӣ ва хатмиро гузошта доданд. Падараш бо кӯмаки шиносҳояш Акмалро дар яке аз бонкҳои бонуфуз ба кор гузошт.

Дар матн ба ҷойи "академияи бонкӣ" "академияи тиббӣ", "донишгоҳи омӯзгорӣ", "донишгоҳи техникӣ"; Ба ҷойи "бонкҳо" калимаҳоро ба мисли "беморхонаҳо", "муассисаҳои таълимӣ", "биноҳои калон" истифода баред.

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Оқибатҳои эҳтимолии ҳолатҳои дар боло зикршуда кадомҳоянд?
2. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ўзбекистон моддаеро пайдо кунед, ки ин ҳолатро тасниф намуда, ҷавобгариро муайян мекунад.
3. Дар фаъолияти чунин мутахассисон ба ғайр аз масъулияти ҳуқуқӣ боз чӣ оқибатҳо ба вуҷуд омаданаш мумкин аст?
4. Барои зуд анҷом додани кор шумо чӣ кор карданро афзалтар мешуморед? Чаро? Оё бе саъю кўшиш, бе донишу малакаи мукаммал касби мувофиқро интихоб кардан мумкин аст?

### Андешаронӣ

**Луқма**

Марди фозиле дар назди дўконихурмофурўшӣ бозии кўдаконро тамошо мекард. Хурмофурўш чанд хурмо бароварду ба кўдакон дод. — Ин хурмоҳоро аз куҷо гирифтед? — пурсид марди фозил. Хурмофурўш дар ҷавоб гуфт: «Ман навакак ба касе хурмо фурўхтам, аз сумкааш берун афтодааст». Марди фозил гуфт: Оё ўро мешиносӣ? Фурўшанда гуфт: Бале.

Аз чеҳраи фозил маълум буд, ки табъи ў бад аст. Хурмофурўш пурсид: Чаро чунин савол додӣ?

Гуфт: «Соҳиби хурморо ёфта, ўро хушнуд кун. Чаро кўдаконро бо ғизои нопок ғизо медиҳед?»

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Мазмуни ин қисса ягон воқеияти зиндагиро ба ёдатон овард?
2. Хатогии фурўшанда дар чӣ буд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



3. Марди фозил «Соҳиби хурморо ёб ва хушнуд кун» гуфта чиро дар назар дошт?

4. «Луқмаи ҳаром» ба фаровнии ҳаёти шумо чӣ тавр таъсир мерасонад?

**Барои маълумот**

### Шамъи худамро даргирондам

Рӯзе марде ба дидани Умар ибни Хаттоб омад. Салом доду интизор шуд. Умар ибни Хаттоб шамъро хомӯш кард ва сипас шамъи дигарро даргиронд. Ин вазъият диққати меҳмонро ба хеш кашид.

Меҳмон:

– Дар пеши шумо шамъ буд, шумо онро хомӯш кардед. Шамъи дигарро даргирондед. Ҳикмати ин чист?

Умар ибни Хаттоб табассум кард ва гуфт:

– Шамъ, ки ман хомӯш кардам, шамъи (моли) давлат буд. Он шамъи даргирондаам, шамъи шахсии ман буд, ки ман онро ба пули худам харида будам. Вақте ки кори давлатро анҷом медиҳам, шамъи давлатро меафрӯзам. Ҳоло дар ҳоле, ки бо ту сӯҳбат мекардам, шамъи давлатро дар гиронам, аз рӯйи инсоф нест, бинобар ин, шамъро хомӯш кардам ва шамъи худамро даргирондам.



**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Умар ибни Хаттоб аз ҳаққи кӣ метарсид? Барои чӣ?

2. Телефони хонаи шахси Т. вайрон шуд. Рӯзи дигар Т. Телефони вайронаи хешро ба телефони кабинеташ иваз кард. Инро бо кори Умар ибни Хаттоб муқоиса кунед.

**Андешаронӣ**

**Коррупсия ба инкишофи баркамолии шумо халал мерасонад ва боиси бадбахтӣ мегардад!**



Мутобиқи қонун, коррупсия ин истифодаи ғайриқонунӣ аз мансаб ё мансаби худ ба манфиати шахсии худ ё манфиати моддӣ ё ғайримоддии дигарон, инчунин пешниҳоди ғайриқонунии чунин манфиат мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Андешаронӣ**



## Сӯзанаке, ки ба бигиз табдил ёфт

«Писари шумо ҳар рӯз бо бигиз меши маро сӯрох мекунад. Оё меарзад, ки фарзанди чунин марди бузург ин корро кунад? Ҳаким мулзам шуд, узр пурсид, пули мешро дод, занашро наздаш хонда ба ӯ воқеаро нақл кард.“Мо ба фарзандамон чунин тарбия надода будем, магар дар луқмааш ҳаром омехта шуд? ” – пурсид ӯ. Занаш фикр карда гуфт: “Мо танҳо он чизеро, ки шумо ёфтед, мехӯрем. Аз мо гумон мабаред».

Падар гуфт: «Ман ёд надорам, ки ба хона луқмаи ҳаром оварда бошам. Боз то субҳ фикр кунем.”

Пагоҳӣ ҳамсараш бо овози гунаҳкорона гуфт: – ... Як ҳодиса ба ёдам омад: вақти ҳомиладориам ба меҳмоние рафта будам. Дастархон пур аз нозу неъмат буд. Апелсини дар дастархон буда иштиҳоямро қувват ва нафси маро бартарӣ медод.

Шунидам, ки агар зан ҳангоми ҳомиладорӣ чизеро, ки дилаш мехоҳад нахӯрад, фарзандаш бо нуқсон таваллуд шавад. Соҳибхона бошад: “Бигир, бихӯр, нагуфт, ҷонам ором наёфт.”



Вақте ки соҳибхона баромад, апелсинро ба даст гирифта бо сӯзанак онро сӯрох кардам, қатрае аз шарбати он чашидам. Аз барои он, ки напурсидам ин луқма ҳаром буданаш мумкин?”

Шавҳар иқрор шудани занашро шунида гуфт: «Ҳа, боракалло! Фикр карда ёфтӣ. Дарҳол ба он хона рав, воқеаро нақл кун ва барои он қатра шарбат ризоият гир».

*Аз “Остона“- и Тоҳир Малик*

**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Имрӯз апелсин ба меш, сӯзанак ба бигиз табдил ёфта бошад, баъди гузаштани чанд сол онҳо ба чӣ табдил меёбанд?

2. Мақоли “Луқмаи ҳаром камаш ҳам, мӯлаш ҳам намешавад – ҳамааш инсонро бадбахт мекунад”-ро ба мавзӯъ вобаста кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Ганҷинаи андарзҳо

Оғози тамоми некиҳо, корҳои хайр ҳалолӣ аст. Дар он ҷое ки ҳалол ҳаст, фиреб нест ва роҳи нопок баста мешавад.

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Як донишомӯз ба дарс халал мерасонид. Ӯ бо саволҳои берун аз мавзӯъ вақти омӯзгорро мегирифт. 34 нафари дигар дар синф 15 дақиқа рафти корро тамошо карданд. Омӯзгор он рӯз вақт надошт, ки аз шогирдон вазифаи хонагӣ пурсад. Дар ин ҷо кӣ чиро дуздид? Кӣ барои ин пардохт мекунад? Оё дар синфхонаи шумо чунин воқеаҳо рух медиҳанд? Шумо ба ин вазъият чӣ гуна муносибат мекунед?

2. Пирӯзии паҳлавоне, ки рақибашро бе ягон қувва ба замин мезанад, бо кадом истилоҳ эълон карда мешавад? Чаро ҳама паҳлавонон дар орзуи шунидани ин калима ба майдон мебароянд? Кадом қоидаи гӯштини ӯзбекӣ дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ҳамчун баҳогузорӣ қабул карда мешавад?

## Натиҷагирӣ аз дарс

1. Кӯшиш кунед, ки ҳар як ҳолатро бо ростқавлӣ ва масъулият вобаста кунед.

2. Иншои кӯтоҳе нависед, ки барои ростқавл будан чӣ лозим аст.

3. Шумо ба кадоме аз қаҳрамонони достон “ваксинаи ҳалолӣ” медиҳед? Чаро?

4. Фурӯшанда аз шумо хоҳиш мекунад, ки пулро ба корти шумо гузаронед. Шумо кадом роҳро интихоб мекунед?

5. Дар ҳисобот фоидаи дӯкондор нишон дода нашудааст. Оё ин дуруст аст? Чаро?

6. Шахсе бо номи Л. ҳисобкунаки электр, газ ва обро қастдан ақиб гардонида монд. Л. ба ҳаққи кӣ хиёнат кард. Ҳаракатҳои ин шахсро дар асоси донишҳои аз фанни “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” гирифтаатон баҳои ҳуқуқӣ ва маънавӣ диҳед.





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮЪҲОИ 27-28: ҲАВАС КУН ВА БА ПЕШ ҲАРАКАТ КУН

## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Оё шумо аз калонсол ибораи “Ҳавас кунед ва ба пеш ҳаракат кунед”-ро фаҳмидаед? Дар кадом ҳолатҳо чунин изҳорот дода мешавад?
2. Вақте ки шумо дар бораи муваффақияти касе мешунавед, кадоме аз фикрҳои “Ман ҳам метавонам”, “Чаро намекунам?”, “Чаро ман не?” нахуст ба хотиратон меояд. Сабаби инро ягон бор фикр кардаед?

## Андешаронӣ

### Балои ҳасад

Ҳасад як бемории куҳанест, ки дар хуни баъзе одамон гардиш мекунад. Мутаассифона, асрҳо боз ягон давои ин беморӣ пайдо нашудааст. Аз гуфтани ин гапҳо бахшиш мепурсам, аммо ҳасад мисли саги девона аст. Тафовут дар он аст, ки саги девона шахсеро, ки дучор мегардад, мегазад. Шахси ҳасуд беҳтарин одамони шиносро “интихоб” мекунад. Саг рост омада мегазад. Шахси ҳасудхӯр пинҳонӣ ин корро мекунад. Ҳазору як «усул»-и ифлосро ба кор мебарад, то ба касе зарар расонад.

Ҳасадро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард. Шахсе, ки худро намешиносад, мегӯяд, ки “агар фалон намебуд, ман муваффақ мешудам, на ӯ, ман машҳур мешудам”. Гурӯҳи дигар вуҷуд дорад: маъруф ва обрӯманд. Аммо вай намехоҳад, ки касеро ба он роҳ диҳад. «Ҳеч кас аз ман пеш нагузарад, касе маро ислоҳ накунад», гӯён таассуф мехӯрад. Аз ҳама шубҳа дорад ...

Сухани «... дилатро васеътар кун, барака ёбӣ!» аз хаёлаш намегузарад.

*Аз «Навиштаҷотҳо дар ҳошияи дафтар»-и Ӯткир Ҳошимов*

## Фаъолияти эҷодӣ

1. Ба андешаҳои Ӯткир Ҳошимов боз чӣ илова мекардед?
2. Ҳасад бештар ба кӣ зарар мерасонад?
3. Зарбулмасали «Боғи ҳасадгӯй сабз намешавад»-ро чӣ тавр мефаҳмед? Чаро боғи ҳасад намерӯяд?
4. Фикри «Ҳасад ҷамъ гашта ҷамъ гашта ба фитна табдил меёбад. Фитна модари ҳама гуна разолатҳост”-ро дар асоси мисолҳои ҳаётӣ фаҳмонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ

Дар замони Искандари Мақдунӣ ҳайвони ваҳшӣ пайдо шуд ва ҳар кӣ ба он рӯбарӯ шавад, дарҳол ҳалок мешуд. Донишмандони Искандар талош карданд, ки ин балоро баргардонанд, вале аз дасташон коре набаромад. Ниҳоят, Арасту роҳи дафъи ин балоро ёфт.



Арасту чӣ чорае андешид ва ё илоҷи онро ёфт? Шумо бошед чӣ кор мекардед?



Бо фармони ӯ оинае хеле калон сохта шуд, ки як-ду нафар паси оина пинҳон мешуд. Ба андозаи он оина аробаи калон сохта, оинаро ба ароба гузоштанд. Арасту дар паси оина пинҳон шуд. Аробаро ба он ҷое, ки ҷонвар меистод, наздик оварданд.

Дарранда нафаси мардро гирифта, ба тарафи ароба наздик шудан гирифт. Ба ароба наздик шуд, чашмаш ба оина афтод, дар оина расмашро дида, дарҳол афтоду мурд. Искандар аз ин дар ҳайрат монд ва аз Арасту ҳикмат пурсид. Арасту гуфт:

Арасту чӣ тавр ҷавоб дод?

– Эй Искандар, ин махлуқ аз дуди бадбӯй, ки солҳо дар зери замин монда буд, сохта шуда буд ва дар чашмонаш қотили заҳрдор дошт ва ҳар касе, ки онро бинад, дарҳол мемирад. Ман оинаро ба наздаш бурдам, аксаш дар оина пайдо шуд ва ӯ ба он нигоҳ кард. Бо ин назар ба акси худбахуд омад ва касри назараш ба худ зад ва мурд. Искандар Арастуро ситоиш кард.

## Ганҷинаи андарзҳо

Бори ҳасад аз ҳар каси дигар дар ҷаҳон вазнинтар аст, зеро бори шодиву ғами бенавоёни тамоми ҷаҳонро бар дӯш дорад.

*Арасту*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

1. Хислатҳоеро, ки боиси ҳасад мегардад, муайян кунед:
– аз дастовардҳои шахси дигар хашмгин мешавад;
– чаро ман ин имконият надорам, ман чӣ камӣ дорам мегӯяд
– бахил аст;
– ман ҳам метавонам, мегӯяд ва ҳаракат мекунад;
– аз боварӣ суиистеъмол мекунад (вафо намекунад);
– барои ноил шудан ба натиҷаҳо имкониятҳои хешро сафарбар мекунад;
– ба воситаи душман зарар мерасонад;
– таҷрибаи ғолибонро меомӯзад ва истифода мебарад;
– некиро инкор мекунад.

2. Муқобили фикрҳои дар боло овардашударо баён намоед.

3. Дар дафтари хеш ҷадвал кашед. Антонимҳои калимаҳои додашударо ёбед. Онҳоро ба феълҳо табдил диҳед. Шумо кадоме аз ин феълҳоро доред? Дар бораи он фикр кунед. Хулосаи хешро ба касе нагӯед. Агар лозим донед, ба равоншиноси мактаб муроҷиат кунед.

Дар симои қаҳрамонҳои асарҳои хонданатон ба ин сифатҳо мисол биёред.

| Сифатҳои салбӣ | Маънои муқобил | Мисол |
|---|---|---|
| Ғазаб | | |
| Бахилӣ | | |
| Бадӣ | | |
| Зиён | | |
| Ғайр | | |
| Дурӯғ | | |
| Душман | | |

4. Аз рӯйи андешаҳои бахши “Ганҷинаи андарзҳо” дар бораи чӣ гуна аз ҳасад раҳоӣ ёфтан инфографика тартиб диҳед..

## Ганҷинаи андарзҳо

Эй мардум, аз дуздони дӯстӣ ва меҳру оқибат ҳазар кунед! Ба ин гуна дуздон тухматчиён ва иғвогарон дохил мешаванд. Дуздон молу мулкро медузданд, аммо ин гуна одамон дӯстӣ, сулҳ ва меҳру муҳаббати байни одамонро дуздида, фитнаву фасодро таҳрик медиҳанд.

*Қаюм Носирӣ, нависандаи тотор*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





**Андешаронӣ**

## Ниятат ёвари туст

Аз рӯйи ривоятҳо пас аз он, ки Исо алайҳиссалом мурдагонро зинда мегардониданд, баробари пайравонашон шумораи рақибони ҳасадгӯй зиёд мешавад. Яке аз онҳо исрор кард: «Ту ба ман дуои зиндакунандаи мурдаҳоро омӯзон». Исо инро рад кард, зеро медонист, ки ниятҳои он мард нопок аст. Мард зорӣ кард, ҳазорон бор зорӣ кард... Исо «Биё, ноумед нашавад» гӯён ба ӯ дуо гуфтанро таълим дод.

Дар роҳ он шахс Исо маро фиреб медиҳад, дуоаш дурӯғ аст гуфта аз дил гузаронд. Дид, ки пораи устухон дар замин хобидааст. Вақте ки он шахс дуоро барои санҷидани қувваи худ хонд, устухон дарҳол ба шери азим табдил ёфт ва онро пора-пора кард...

Ҷазои аз некӣ бадӣ ҷустан чунин аст.

*Ӯткир Ҳошимов*

**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Чаро ҳикоят «Ниятат ёвари туст» ном гирифтааст?
2. «Ҳар кас бояд ба тавонмандии хеш дуруст баҳо диҳад» чиро дар назар доред? Мисол оред.
3. Бо пайванд додани мафҳуми «ниятҳои нек ибтидо ва пояи муваффақият» андешаи хешро баён кунед.

**Барои маълумот**

1. Ҳасад ба инкишофи психофизиологии шахси ҳасадкунанда таъсири манфӣ мерасонад. Дида натовонистани муваффақияти дигарон, фикри бадӣ кардан ба он шахсон боиси асабонияти мунтазам мегардад. Дар ин раванд шахс энергияи манфиро ба вуҷуд меорад. Бадан ба заҳролудшавӣ шурӯъ мекунад. Чунин вазнинии рӯҳӣ метавонад боиси пайдоиши диабети қанд, астмаи бронхиалӣ, сактаи дил ва як қатор бемориҳои дигар шавад.

2. Дармони ҳасад: шукр, сабр, бахшанда, кина надоштан, бо хоксорӣ, ҳавас ва некӣ пеш рафтан. Чун мешунавӣ некӣ карданро мефаҳмӣ, ба соҳиби некӣ некӣ кунед. Агар имкон бошад, бигӯед, ки “аз шумо хеле шодам, барори кор”.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





**Андешаронӣ**

## Ҳаваси мақсадгашта

Тағобачаам, ки бо ман дар як ҷой ба воя расида буд, дар факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон дар шӯъбаи археология таҳсил мекард. Ӯ ҳамроҳи муаллимонаш зуд-зуд ба экспедитсияхои археологӣ рафта, дар бораи он чи ки дида буданд, нақл мекард. Ман ба ӯ ҳавас мекардам ва орзу мекардам, ки археолог шавам. Дар он вақт ман орзу мекардам, ки ёдгориҳои қадимаро кофта, ашёю тангаҳои бебаҳое пайдо кунам, ки аз гузаштаи диёри мо нақл карда тавонанд. Аз сабаби шавқу ҳавас ман археология ва таърихро омӯхтам. Фаҳмидани маърӯзаи пурмазмуни устодонам ҳамчун Омон Тошмуҳаммедов, Светлана Лунина, Замира Усмонова барои ман хурсандибахш буд! Мо тирамоҳ ба экспедитсия баромадем. Аз сабаби амалӣ гаштани орзуҳоям дилам ба таппиш даромад. Дар рафти экспедитсия фаҳмидам, ки таърихи мамлакати мо то чӣ андоза бой аст.

Мо дар кофтукови ёдгориҳои Шаҳрисабзи бостонӣ, шаҳри бостонии Марв иштирок кардем. Дар давоми панҷ сол ман ба кофтуковҳои ҳудудҳои гуногун: Самарқанд, Қашқадарё, Оққурғон рафтам. Ин экспедитсияҳои археологӣ ба ман нишон доданд, ки таърихро на танҳо аз сарчашмаҳои хаттӣ омӯхтан, балки бо воситаи далелҳои ашёвӣ имконияти таҳлили амиқ кардан падид меояд..

Ман дар кори худ ба устодонам М.Массон, Е.Ртвеладзе, Б.Лунин, Р.Раҷавова, Р.Аминова ҳавас мебурдам.

Пас аз хатми таълими олӣ ба институти таърихи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба кор рафтам. Ман бо олимоне вохӯрдам, ки дар ин донишгоҳ кайҳо боз орзуи вохӯрданро доштам. Яке аз онҳо олими бузург, академик Яҳё Ғуломов, падари бостоншиносии Ӯзбекистон буд. Ин вохӯриҳо, меҳнати монданашуда ва шавқу ҳаваси зиёд ба таъриху бостоншиносии кишварамон имкон дод, ки доктори илм, профессор шавам ва дар вазифаҳои душвор, вале пуршараф, аз лаборант то директори Институти таърих кор кунам.

Барои расидан ба орзуҳои худ бояд пайваста болои худ кор кунад ва дониш омӯзад. Аммо, шахс барои олими хуб будан бояд дорои хислатҳои хуби инсонӣ ва албатта, ватан ва таърихи онро дӯст дорад. Фақат дар ин сурат ӯ ба қуллаи илм мерасад!

*Дилором АЛИМОВА, олимаи таърих*

**Фаъолияти эҷодӣ**

1. Оқибатҳои ҳасад чист?
2. Оё ҳавас барои расидан ба ҳадаф кофӣ аст?

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Андешаронӣ**

## Ҳавас ва ҳаракат кунед

Ман писарбачаи 13-сола будам. Дар соли 2007 чемпионҳои дунё оид ба бокс дар Чикаго мубориза мебурданд. Ману аҳли оилаам дуртар аз экрани телевизор ҳаракатҳои Аббос Атоевро дар ринг тамошо мекардем. Дар финал муштзани мо Эркабулан Шиналиев қазоқистонӣ ва Артур Бетербиеви россиягиро мағлуб карда, медали тилло гирифт. Рингро бодиққат тамошо карда, ба акаи Аббос ҳавас бурдам. Инро дида падарам ба ман гуфт: «Ту ҳатман чемпион мешавӣ, танҳо ба пеш ҳаракат кун, аз кор натарс!». Аз ҳамон рӯз ба варзиш машғул шудам.

Ман ҳавас бурда, ба пеш ҳаракат мекардам. Дар натиҷа, соли 2019 дар Чемпионати ҷаҳон оид ба бокс ғолиб шудам.

Ман дар Бозиҳои олимпии Токио – 2020 дар бокс медали тилло ба даст овардам. Ҳавас ва ҳаракат кунед, албатта ба мақсадатон мерасед.

*Баҳодир Ҷалолов*



Ирода ин қобилияти шахс дар идора кардани фаъолият ва равандҳои рӯҳии худ мебошад. Вақте инсон як амали ихтиёриро иҷро мекунад, ба эҳтиёҷот ва хоҳишҳое, ки бар вай бартарӣ доранд, муқовимат мекунад. Ирода на эҳсоси "ман мехоҳам", балки эҳсос "бояд кунам" аст.

**Ганҷинаи андарзҳо**

Ба ҳаракаткунанда толеъ ёр.

Сифатҳои муҳимми ирода: худдорӣ, далерӣ, матонат, устуворӣ ва суботкорӣ, принсипиалӣ, мустақилият. Ирода аз рӯйи дараҷаи зуҳуроти ин сифатҳо муайян карда мешавад. Вақте ки одам дар роҳи худ бо азми бошуурона ва суботкорӣ дар асоси ақидаҳои олӣ монеаҳоро паси сар мекунад, вай соҳиби азму иродаи қавӣ ба ҳисоб меравад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Андешаронӣ

### Агар дар пойҳоят мушкилӣ дошта бошӣ, қувваи дастҳоят ҳаст!



Соли 2004 дар як садама пои чапам бурида шуд. Вақте дидам, ки як по надорам, аввалин чизе, ки ба сарам омад, ин буд, ки зиндагии ман дигар ҳеҷ гоҳ мисли пештара нахоҳад буд. Бо гузашти рӯз пойҳои солим қуввати худро гум мекарданд. Бародарам Улуғбек пои чапашро баста, ҳамроҳи ман машқ мекард, то пои ростамро мустаҳкам кунам. Зеро масофаи байни мактабу хонаамон хеле дур буд, ки мо бояд пиёда мерафтем.

Соли 2011 барои таҳсил ба коллеҷи касбии ҷумҳуриявии маъюбони шаҳри Тошканд рафтам. Худи номи коллеҷ маро рӯҳафтода кард. Муаллими тарбияи ҷисмонӣ аз кайфияти ман хабардор шуда, ба ман таклиф кард, ки дар кӯҳнавардӣ қувваи худро санҷида равам. «Агар ту дар пойҳоят мушкилӣ дошта бошӣ, дар дастҳоят қувват дорӣ! — Кӯшиш кун, чемпион мешавӣ! гуфт ӯ. Билохира соли 2013 дар Бозиҳои осиёии наврасон дар Малайзия, соли 2014 Гран-при байналмилалӣ дар Дубай ва медали тиллои Ҷоми ҷаҳонии соли 2021 дар Манчестери Ҷорҷия рекорди ҷаҳониро нав кардам. Дар Ҷоми ҷаҳонии дар Грузия гузашта соҳиби медалҳои тилло шудам.




*Фарҳод Умрзоқов*

## Натиҷагирӣ аз дарс

1. Дар мавзӯи «ҳавас кун ва пеш рав» иншо нависед.
2. Калимаҳои мувофиқи нуқтаҳоро ёбед.

*Ба ин гуна дуздон ... ва ... ҳо медароянд.*

*Дуздон молу мулкро медузданд, ин гуна одамон бошанд ..., ..., ....... дуздида, дар байни мардум фитнаву фасод меандозанд.*

*Ҳар .... бояд ба ......... хеш дуруст .... диҳад*

4. Шумо ба чӣ ҳавас мекунед? Оё ҳавас барои расидан ба ҳадаф кофӣ аст? Оё инсон барои ба орзуяш расидан бояд қобилиятҳои хешро ба назар гирад? Чаро?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮИ 29: АЗ МЕҲНАТ ҚАДР ЁФТАН

## Савол ва супоришҳои вусъатдиҳандаи фаъолият

1. Ду сифатеро номбар кунед, ки занонро тавсиф мекунанд.
2. Аз байни вазифаҳое, ки занон иҷро менамоянд, 3 то феъл гӯед.
3. Ҷумла ё ибораеро бигӯед, ки дар он калимаи "зан" мавҷуд аст.
4. Калимаҳои ҳаммаънои «зан»-ро номбар кунед.
5. Барои мустаҳкам намудани ирода кадом машқҳоро бояд анҷом дод?
6. Ба андешаи «барои хушбахт будан иродатон бояд устувор бошад» чӣ гуна муносибат доред?
7. Ибораҳои «иродаи қавӣ», «иродanокӣ» ва «қавиирода» нисбат ба киҳо истифода мешаванд?

## Андешаронӣ

### Одами сол

Ман соли 1994 дар вилояти Хоразм таваллуд шудаам. Вақте ки ман кӯдак будам, реаксия дода, пои ростам аз кор монд. Барои ҳамин ман маъюб ҳастам. Соли 2010 ба Коллеҷи касбии ҷумҳуриявии маъюбон дар шаҳри Тошканд дохил шудам. Бо дастгирии омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ман ба пауэрлифтинг(сангбардорӣ) машғул шудам. Саъю кӯшиши ман беҳуда нарафт. Соли 2013 дар Гран-при байналмилалӣ дар Дубай медали биринҷӣ ба даст овардам. Ин аввалин қадами ман ба варзиши калон буд. Ман солҳои 2016 ва 2018 дар Чемпионати Осиё, 2018 Бозиҳои ПараОсиёӣ дар Ҷакарта ва Ҷоми ҷаҳонии 2021 дар Тифлис медалҳои тилло ба даст овардам.



Ман рекорди Бозиҳои ПараОсиёро нав кардам. Ман дар Бозиҳои паралимпии Токио – 2020 медали нуқра ба даст овардам.

Ман фаҳмидам, ки варзиш иродаро мустаҳкам мекунад. Имкониятҳои ман маҳдуд нестанд, баръакс, имкониятҳои ман беохиранд.

*Қӯзиева Роза, узви дастаи мунтахаби Паралимпии Ӯзбекистон*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Фаъолияти эҷодӣ

1. Бо истифода аз матнҳое, ки барои мулоҳиза пешниҳод шудаанд, фикрҳоро пурра кунед.

Ман дар назди худ мақсади............ гузоштам.

Барои ноил шудан ба мақсадам ... кардам.

Ман кори .........ро давом медиҳам.

Ман метавонам мушкилоти.......ро ҳал кунам, масалан ...

Ман метавонам.......

2. Дар асоси расмҳои овардашуда «иродаи қавӣ»-ро шарҳ диҳед.







Мавлуда Абдуназарова агарчӣ ду дасташ набошад ҳам рангтасвир ва гилемдӯзиро ба дараҷаи санъат бардошта тавонист

Гулшода дар кӯдакӣ дар як садама аз по маҳрум шуд. Аммо дар натиҷаи ҳаваси пешбурди рӯзгор дузандагиро омӯхт ва соли 2020 аз давлат 80 миллион сӯм қарз гирифта, безниси худро ба роҳ монд.

## Ганҷинаи андарзҳо

1. Дар ривояте омадааст, ки ҳавориён аз Исо алайҳиссалом пурсиданд: «Эй Руҳуллоҳ! Оё имрӯз дар рӯйи замин касе мисли шумо ҳаст?» Дар ҷавоб гуфт: «Ҳар кӣ суханаш зикр, сукуташ фикр ва назари ибрат бошад, албатта ӯ монанди ман аст».

2. Ҳасани Басрӣ гуфтааст: «Ҳар кӣ сухани ҳикмат надошта бошад, ларв (беҳуда) аст, ҳар кӣ сукуташ тафаккур набошад, ӯ хато, назари кӣ гирифтани ибрат набошад, ӯ лавҳ (амали беҳуда) аст».



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Андешаронӣ

## Мутахассиси ҳақиқӣ донишҷӯи доимист

Сарлавҳаи сӯҳбат ба дорандаи ордени “Барои хизматҳои бузургаш”, соҳибаи мукофоти миллии “Қалами тиллоӣ”, дараҷаи олии Сухандон, Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Галина Мелникова, ки умрашро ба касб бахшидааст, тасдиқ кунад аҷаб нест.



«Аз сабаби тасодуфи омаднок ба ин соҳа қадам гузоштам. Ман дар донишгоҳи тиббӣ хеле хуб таҳсил кардам. Ҳадафи ман педиатр шудан буд. Моҳи ноябр ман имтиҳон супурда, бо дӯстонам дар долони ҳозираи Академияи тиббии Тошканд сайру гашт мекардам. Дар ин вақт ду режиссёри телевизор ба наздам омада, маро ба озмун даъват карданд. Баъд “Телевидения чист?” гуфта пурсидам, чӣ буданашро намедонистам. Дӯстонам маро водор карданд, ки дар озмун ширкат кунам. Хушбахтона аз имтиҳон гузаштам. 6 ноябр ба кор даромада ва 26 декабр расман корманди ин муассиса шудам.

Пас аз як сол маъмурият талаб кард, ки таҳсиламро дигар кунам. Институти Тиббиётро дар курси сеюм монда, дар факултаи англисии Донишкадаи омӯзгории забонҳои хориҷӣ таҳсил кардам.

Ман мисли сарбозе ҳастам, ки бе кулоҳу сипар ҳақ надорад хато кунад. Чунки ҳамеша ғайричашмдошт шумо пешакӣ намедонед, ки кай, дар куҷо, чӣ гуна намоишнома нишон медиҳед, бо кӣ мусоҳиба мекунед.

Дар кӯдакӣ ман ҳамаи корҳоямро ба дараҷаи аъло кардан одат карда будам. Ман соати 6:00 бедор шуда, дарсҳоямро такрор мекардам, то дар мактаб баҳои се нагирам. То ин синну сол ман ҳеҷ гоҳ дар болои хеш кор карданро бас накардаам. Дар синни ҳозираам ним рӯзи истироҳат дорам, аммо ҳама рӯзномаҳоро мутолиа мекунам, хабарҳо мехонам, барномаҳои сиёсиро тамошо мекунам. Дар синни 35-солагӣ ба ман дар Маскав кор пешниҳод карданд, хона пешниҳод карданд, аммо рад кардам. Чунки Ватани ман Ӯзбекистон аст!”

*Аз рӯзномаи “Даракчи”*

**Фаъолияти эҷодӣ**

1. «Ҷавшан ва сипар» гуфта чиро дар назар доред? Ин калимаҳоро дар кадом касбҳои дигар истифода бурдан мумкин аст?

2. Барои сухандони касбӣ шахс бояд кадом хислатҳоро дошта бошад? Фикри хешро асоснок кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



### Андешаронӣ



Соли 1948 ман бо оилаам ба Тошканд кӯчида омадем. Шаҳри беҳамтои Тошканд, теппаҳои баланду боғҳои он маро ба худ ҷалб кард. Махсусан барои духтари Сибири дурдаст, тафти ин диёр гуё бо меҳру муҳаббати мардум омезиш ёфта буд.

Вақте ки дар теппаҳо бо дугонаҳоям бозӣ мекардам, агар калонсолон «ҳай, эҳтиёт шав, дар зери ин теппаҳо як олам аст» гӯянд, ҳайрон мешудам. Модарам ба ман мефаҳмонд, ки “дар ин теппаҳо таърих ниҳон аст, онҳоро бостоншиносон кашф кардаанд ва агар дар мактаб хуб хонӣ, асрори хешро ба ту ошкор мекунанд”. Ин орзу ба ҳадаф табдил ёфтааст. Ба гуфтаи модарам, ман соли 1954 мактаби миёнаро бо медали тилло хатм намуда, ба Донишгоҳи давлатии Осиёи Марказӣ (ҳоло Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон) ба ихтисоси бостоншиносӣ дохил шудам. Ин як қадами дигар ба сӯйи мақсади ман буд. Ман дар тадқиқоти илмии хеш ёдгориҳои таърихии Қалъаи Хонободи Тошканд, Шоштеппа, Оқтеппаи Чилонзор, Оқтеппаи Юнусобод, Минғорикро омӯхта, тавонистаам исбот кунам, ки Тошканд таърихи 2200-соларо дорад.

Орзуҳои кӯдакии ман ҳадафи зиндагии ман гардиданд. Асари ман таърихи миллии халқи ӯзбекро дар бар гирифтааст. Ин меҳнати хоксоронаи ман, албатта, аз назари давлат бетаъсир намондааст. Дар соҳаи илму техника бо Мукофоти давлатии ба номи Берунӣ, ордени «Дӯстӣ», медали «Шухрат», ордени «Палм академия»-и Франсия мукофотонида шудаам.

*Маргарита Филонович, муаррих*

### Фаъолияти эҷодӣ

1. Дар ҷаҳони муосир касби бостоншиносӣ то чӣ андоза мувофиқ аст? Чаро?
2. Оё барои бостоншинос донистани илми таърих кофист ва арзиши тарбиявии он чист? Фикри хешро асоснок кунед.
3. Матни зерро хонед ва шарҳ диҳед. Ҷавоби хешро ба номи мавзӯъ вобаста кунед.

### Андешаронӣ

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар паёми табрикии хеш ба муносибати Рӯзи дӯстии халқҳо дар бораи намояндагони миллату халқҳои гуногун, ки дар кишвари мо зиндагӣ ва барои ободии Ватанамон фидокорона меҳнат мекунанд, алоҳида истодагарӣ карда, номҳои Маргарита Филонович, Галина Мелникова, Виктория Акилова, Гуландом Субҳонова, Ҳанифа Солиҳова, Кайкеп Алиева ва дигар ходимони машҳури ҷамъиятӣ, ки барои насли навраси мо намунаи ибрат шудаанд, ба забон оварда шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Барои маълумот



Донишгоҳи Ал-Қаравин қадимтарин ва пойдортарин донишгоҳи дар ҷаҳон аст. Донишгоҳ дар шаҳри Фаси Марокаш ҷойгир аст ва дар соли 859 милодӣ аз ҷониби зане бо номи Фотима ал-Фихрӣ таъсис ёфтааст. Вай аз оилаи тоҷири сарватманд буд. Донишгоҳ аз ҳисоби маблағҳои ҳамин оила сохта шудааст.

Дар донишгоҳ курсҳои динӣ, сарф ва наҳв, нутқ, мантиқ, фанни тиббӣ, математика, астрономия, химия, таърих ва ҷуғрофия дода мешуданд.

Ал-Қаравин яке аз қадимтарин ва пойдортарин донишгоҳҳои ҷаҳон буда, инро ЮНЕСКО ҳам эътироф кардааст. Он ҳамчун қадимтарин муассисаи таҳсилоти олӣ дар китоби рекордҳои Гиннес сабт шудааст.

## Натиҷагирӣ аз дарс

1. Шумо дар як рӯз чанд қарор қабул мекунед? Масалан, ман бояд дарс кунам ё не? Ман аввал бояд чӣ кор кунам? Оё ман метавонам ин корро кунам? Чи кор карда метавонам?

2. Оё шумо ягон бор фикр кардаед, ки қарори шумо метавонад ҳаёти худатонро комилан тағир диҳад?

3. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои хеш шумо бояд чӣ гуна қарор қабул кунед? Рӯйхати қарорҳоеро, ки шумо метавонед қабул кунед, тартиб диҳед. Онҳоро бо оилаатон муҳокима кунед.

4. Барои дифоъ аз қарори хеш далелҳои қавӣ биёред. Исбот кунед, ки шумо имкониятҳои кофӣ доред. Масалан, ман забони хориҷиро хуб медонам ва метавонам дар он таҳсил кунам. Ман нонпазӣ карда метавонам, ман нонвойхонаи шахсии худро мекушоям ...

5. Ба кушодашавии Донишгоҳи Ал-Қаравин чӣ сабаб шуд?

6. Дар бораи ҷанбаҳо ва сифатҳое, ки қаҳрамонони мавзӯи имрӯзаро ҷамъбаст мекунанд, ибрози назар кунед.

7. Ба назари Шумо, қаҳрамонони мавзӯъ бо хислатҳои хоси хеш боз кадом касбҳоро низ соҳиб шуда метавонистанд? Чаро?

8. Дар бораи занони муваффақ дар таърих ва имрӯз тақдимот омода кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МАВЗӮИ 30. РОҲИ ИНТИХОБКАРДАИ МАН

## Савол ва супоришҳои фаъолияти вусъатдиҳанда

1. Фазилатҳои ба инсони маънавияти володошта хос бударо номбар кунед?

2. Ҳикмати ҳакимони Шарқ «Беҳтарин сарват ақлу дониш аст, бузургтарин мерос тарбияи хуб аст ва бузургтарин фақирӣ нодонист!» дар ҳаёти шумо то чӣ андоза аҳамият дорад.

3. Барои амалӣ гардонидани орзуҳои хеш дар назди хеш чӣ ҳадафҳо гузоштаед? Ҳадафҳои шумо барои беҳбудии оилаатон то чӣ андоза муҳиманд?

## Андешаронӣ

Шумо дар тӯли 11 сол ба ҳаёти шахсоне, ки дар дилу вуҷудашон ҳисси шуҷоати қавӣ ва дар ҳар вазъияти душвор қувваю ғайрати худро барои муҳофизати Ватан дареғ надошта, кори ибратбахшро анҷом додаанд, шинос шудед. Маҳз аз сифатҳои маънавии чунин ашхос дар ҷаҳон эҳсосоти наҷиб, мафҳумҳои муқаддасу бузург пойдор мебошанд.

Имрӯз ба ҳамлаҳои гуногуни ғоявӣ муқовимат кардан, софдилона зиндагӣ кардан, дар ободии оила ва кишвар саҳм гузоштан, ба сарнавишти Ватан дахлдор будан ҷасорати бузург аст. Албатта, дар дунёи зудтағйирёбанда ҳифзи шахсияти худ ва соҳиби унвони «Ҳазрати инсон» гаштан осон нест. Кифоя аст, ки дар ҳар лаҳза фидокорона рафтор кунем, ба ҳар як кори оғозкарда бо камоли масъулият муносибат кунем, софдилона зиндагӣ кунем, амри виҷдонро принсипи ҳаёт гардонем. Ҳалолӣ калиди сеҳргарест, ки дари тараққиётро мекушояд. Вай посбони виҷдони инсон аст, руҳро пок мегардонад, ба камол мерасонад, қувваи бузургест, ки иродаро устувор мегардонад. Ин роҳи муваффақ шудан дар ҳаёти воқеӣ аст.

## Ганҷинаи андарзҳо

Мардуми далер ва шуҷоатманд аз душвориҳои оянда наметарсанд.

*Абуалӣ ибни Сино*

## Натиҷагирӣ аз дарс

Дар ҳаёти хеш ин қоидаҳои хурд, вале муҳимро риоя кунед:

– Мағрур нашавед, ҳамеша эҳтиром хоҳед дошт.

– Ба касе ҳасад накунед, фаровонӣ ва хотирҷамъиро хоҳед ёфт.

– Ба ҳаққи касе хиёнат накунед, ба бахт ва саодат ноил хоҳед шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# БИДОН, КИ ВАТАН ТУРО МУНТАЗИР!

*Ғафур Ғулом*

Натиҷа
Матонат
Мақсад
Орзӯ
Дониш
Фазилат

*Ту имрӯз бо дили шод дар синф*
*Навбати имтиҳонро мунтазир.*
*Беҳтарин фарзанди кишвари бузург,*
*Бидон, ки Ватан туро мунтазир!*

*Ҳар нуқтаи хурд, ки дар глобус бошад,*
*Албатта, Ватан ба миллион ҳамхун.*
*Халқи бахтиёри мо тоабад зиндагӣ кунад,*
*Бидон, ки Ватан туро мунтазир!*




*Книга предоставлена исключительно в образо...
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*Шеър аст, лирика, балки забони оддӣ,*
*Забони халқҳо як хел нест, бидон!*
*Дипломат хоҳӣ шуд, имрӯз, акнун,*
*Бидон, ки Ватан туро мунтазир!*

*Фанҳо бисёр, қувватаст омӯхтан боз:*
*Роҳ рав, шино кун, дар осмон парвоз.*
*Аз ҳама аълотару в-аз ҳама пеш,*
*Бидон, ки Ватан туро мунтазир!*



Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИЧА


## БОБИ I. АРЗИШҲОИ ОИЛАВӢ

Мавзӯи 1: Барои рушди Ватан масъул ҳастам ....4
Мавзӯи 2: Мазмуни ҳаёти озод ва фаровон ....10
Мавзӯъҳои 3 – 4: Зиндагии бузург бо қадамҳои далерона ....14
Мавзӯи 5: Масъулият, шаъну шараф ва арзиши оила ....21

## БОБИ II. МАЪНАВИЯТИ ИНСОН

Мавзӯи 6: Маскани ибрат ....25
Мавзӯи 7: Таҳаммулпазирӣ....29
Мавзӯъҳои 8 – 9: Ксенофобия....36
Мавзӯъҳои 10–11: Миссионерӣ – таҳдид баояндаи ҷавонон ..42
Мавзӯъҳои 12–13: Маданияти истеъмоли ахборот дар кибермакон....50
Мавзӯъҳои 14–15: Ғояҳои сулҳ дар динҳои ҷаҳон ....57

## БОБИ III. ФАЗИЛАТҲОИ ЗЕБО

Мавзӯъҳои 16–17: Гуногунии эҳсосҳо ....65
Мавзӯи 18: Нафосат ва маънавият ....72
Мавзӯъҳои 19–20: Сурат ва сират ....78
Мавзӯъҳои 21–22: Этикет ....89

## БОБИ IV. РУШДИ ШАХСӢ

Мавзӯъҳои 23-24: Таҳкурсии Ренессанс ....95
Мавзӯъҳои 25-26: Ваксинаи ҳалолӣ ....104
Мавзӯъҳои 27-28: Ҳавас кун ва ба пеш ҳаракат кун ....111
Мавзӯи 29: Аз меҳнат қадр ёфтан ....118
Мавзӯи 30. Роҳи интихобкардаи ман ....123




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*O'quv nashri*

D. Kenjayev, N. Ismatova, Z. Islomov, D. Rahimjonov, D. Ruziyeva,
Z. Zamonov, O. Mahmudov, S. Shermuhammedova, S. Akkulova,
N. Xolmuxamedova, Z. Jabborova

# TARBIYA 11

BAXT VA MUVAFFAQIYAT SIRLARI

Umumiy o'rta ta'lim maktablarining
11-sinf o'quvchilari uchun darslik
(Tojik tilida)

Yangi nashr

Мутарҷим: *Бобомурод Ҷӯраев*
Муҳаррир: *Таваккал Чориев*
Дизайнер-саҳифабанд: *Равшан Маликов*
Муҳаррири техникӣ: *Акмал Сулаймонов*
Рассом: *Беҳзод Зуфаров*
Мусаҳҳеҳ: *Рӯзиқул Ҷумаев*

17 декабри соли 2021 барои чоп рухсат дода
шуд. Андозаи 60х84 1/8.
Қоғази офсетӣ. Дар гарнитураи
"Cambria" чопи офсетӣ чоп карда шуд.
Ҷузъи чопии шартӣ14,88. Ҷузъи нашрӣ 11,82.
Теъдоди нашр …….нусха. Фармоиши №             .

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҷадвали нишондоди ҳолати китоби дарсии ба иҷора диҳанда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супори дан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

**Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора додан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи роҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин пур карда мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноат-бахш | Муқова даридааст ва ба рӯйҳояш хат кашида шудааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст. Китобро барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE